ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ- 327(5)
ТКБ - 66
Т - 76

ТОШОВ ҲОҶИАКБАР МУҲИДИНОВИЧ

МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ
(6D050204 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
Бедилзода Ҳусайн Кабут

Душанбе - 2025

МУНДАРИҶА

Номгӯи ихтисораҳо..... 3
Муқаддима..... 4
Таснифоти умумии таҳқиқот..... 11

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ

1.1. Таҳдидҳои минтақавӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот..... 21
1.2. Хусусиятҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ..... 46

БОБИ II. ҲАМКОРИҲОИ СОЗМОНҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР МАВРИДИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТАҲДИДҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

2.1. Нақши ИДМ ва СААД дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ..... 76
2.2. Мақоми Созмони ҳамкории Шанхай дар бартараф намудани хатарҳои минтақавӣ..... 97

БОБИ III. ДУРНАМОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ДАР ФАЗОИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

3.1. Нақши давлатҳои абарқудрат дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ..... 110
3.2. Таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва пешомади таъмини амният дар минтақа..... 126
Хулоса..... 152
Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..... 157
Номгӯи адабиёти истифодашуда..... 160
Номгӯи интишороти довталаб..... 189

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ВАО	—	Воситаҳои ахбори омма
ВКД	—	Вазорати корҳои дохилӣ
ДИИШ	—	Давлати исломии Ироқу Шом (Давлати ислом̄ӣ)
ИДМ	—	Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
ИМА	—	Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИМТ	—	Иттиҳоди мухолифини тоҷик
ИҶШС	—	Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
МЗТ	—	Маркази зиддитеррористӣ
НАТО	—	Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ
НЗМАД	—	Неруҳои зудамали минтақавии амнияти дастаҷамъӣ
САД	—	Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ
САҲА	—	Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо
СМЗТ	—	Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ
СММ	—	Созмони Милали Муттаҳид
СҲШ	—	Созмони ҳамкории Шанхай
ҲИТ	—	Ҳаракати исломии Туркистон
ҲИТШ	—	Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ
ҲИЎ	—	Ҳаракати исломии Ӯзбекистон

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони муосир мавҷудияти ҳар гуна таҳдидҳо ба таҳкими амният, рушди ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ мерасонанд. Онҳо ҳамчун омили асосии заиф гардидани заминаҳои истиқлоли давлатӣ, ба амал омадани нооромии иҷтимоӣ ва бесуботии соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои алоҳида баромад мекунанд. Таҳдидҳо дар замони муосир бештар фарогиртар ва глобалӣ буда, ба ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа таъсир расонида, ҳамаи он зуҳурот ва омилҳои таъсиррасон, аз қабили терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа, ҷиноятқории фаромиллӣ, хариду фурӯши одамон ва ғайраро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, омӯхтани табиати таҳдидҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити кунунӣ масъалаи мубрами таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад.

Дар ҷаҳони мутамаддин айни ҳол таҳдидҳои терроризм ва экстремизм қувват гирифта, бевосита ба ҳаёти рӯзмарраи инсоният таъсири манфӣ мерасонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи январи соли 2016 зимни ироаи Паёми навбатии худ ба масъалаи терроризм ва экстремизм таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин таъкид кардаанд: «...имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд» [11].

Гарчанде, ки башарият дар қарни гузашта ба як қатор кашфиётҳо ва дастовардҳои барҷастаи илмию техникӣ ноил гардид, аммо дар баробари ин ба таҳдидҳои зишттарин ва падидаҳои фоҷеабори иҷтимоӣ – терроризми фаромиллӣ, экстремизми динӣ ва сепаратизми этникӣ, ки имрӯзҳо ба аҳолии сайёра хатари бузургро эҷод намудааст, рӯ ба рӯ гардид. Охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI масъалаҳои паҳншавии терроризм ва экстремизм, муқовимат бо ин зуҳурот аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам барои кишварҳои

алоҳида ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами таҳқиқшаванда мубаддал гардидааст.

Бо дуруст дарк намудани мафҳум ва моҳияти шаклҳои муосири зуҳури таҳдидҳо, алалхусус терроризм ва экстремизм, ҳамзамон зарур аст, ки ин масъаларо мавриди таҳлили амиқтар қарор дода, сабабҳои зуҳурёбӣ, паҳншавӣ, механизми пешгирӣ, бартарафкунӣ ва решакан кардани он муайян карда шавад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ масъалаи таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва экстремизм ба яке аз мушкилоти аввалиндараҷа мубаддал гардида, барои рушди кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин росто, кишварҳои минтақа дастаҷамъона дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ муборизаро бар зидди чунин зуҳуроти номатлуб ба роҳ монда, бо пайгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳои милливу минтақавӣ таҳия ва қабул намудаанд, ки барои боз ҳам тақвият бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ замина мегузорад.

Фаъолияти гурӯҳҳо ва созмонҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ дар қаламрави ин ё он кишвар дар ниҳояти кор оқибатҳои нохушро ба бор хоҳад овард. Зеро дар ҳама маврид он метавонад ба амнияти давлату миллат таъсири манфӣ расонад. Дар асри XXI таҳдиду хатари созмону гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ бинобар сабаби таҳаввулоти сиёсии ҷаҳонӣ басо назаррас гардидааст. Айни замон як қатор созмону гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистие, ки аз ҷониби кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолияти онҳо мамнуъ эълон шудааст, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдидҳои бавосита ва бевосита мерасонанд. Бо назардошти ин ҳолат, фаъолияти созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба монанди «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ал-Қоида», «Ҳаракати Толибон», «Давлати исломӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Бародарони мусулмон», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ», дар таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Пас аз шуруъ гардидани амалиёти зиддитеррористии ИМА ва НАТО дар қаламрави Афғонистон аз соли 2001, фаъолияти созмонҳои болозикр дар

минтақа то дараҷае коста гардида бошад ҳам, вале то ба имрӯз таъсири хатарзои онҳо боқӣ мондааст. Алалхусус барои кишварҳои минтақа таҳдидҳо аз Афғонистон баъди ба сари қудрат омадани «Толибон» бештар гардидаанд. Дар ин замина, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намудаанд: «Суботу оромии ҳамсоякишварамон – Афғонистон барои мо мисли обу ҳаво зарур аст ва Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ талош меварзад, ки дар ин кишвари дӯст сулҳи пойдор барқарор гардад» [13].

Ҳамзамон, қуввaҳои террористӣ баъзан барои пешбурди фаъолияти сиёсати хориҷии давлатҳои абарқудрат ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои геополитикии худ дар арсаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Дар ин замина, вобаста ба таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин ибрози назар намуданд: «... дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав - терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархӯрди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани буҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам мушоҳида мегардад» [11].

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва таъмини сулҳу субот дар минтақа, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла СММ, САҲА, ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар доираи созмонҳои болозикр ба тасвиб расонида шудааст, ки бевосита ба самти мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир нигаронида шудаанд.

Дар ҳалли мушкилоти таъмини амният дар Осиёи Марказӣ бисёр созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалии дорои хусусияти глобалӣ ва минтақавӣ нақши муассир доранд ва дар ин раванд иштирок менамоянд. Аз як тараф, СММ ва ниҳодҳои он, аз тарафи дигар САҲА, ки ҷумҳуриҳои

пасошуравии Осиёи Марказӣ узви комилҳуқуқи он мебошанд, дар ин ҷода саҳмгузоранд. Инчунин, созмонҳои дигари минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СҲШ ва махсусан САД низ ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир ва таҳкими амниятии минтақавӣ нақши калидӣ мебозанд. Фаъолияти ҳамаи ниҳодҳои байналмилалии болозикр ба ҳам алоқамандӣ доранд, лекин то андозае носозгорӣ дар ҳамкории онҳо мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа дар доираи созмонҳои болозикр ва фаъолияти муштараки онҳо дар самти мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, инчунин таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ҷанбаи дигари таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳо, табодули иттилоот ва таҳияи стратегияҳои муштарак барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумлаи терроризм ва экстремизм, дар доираи имконоти методологии илми сиёсатшиносӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст ва таҳлили мукаммалу комплексиро тақозо мекунад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Омӯзиши масъалаи таҳдидҳо, бахусус терроризм ва экстремизм, ки дар замони муосир яке аз чолишҳои асосии амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз дар солҳои 80-уми қарни гузашта шуруъ гардид. Ҷанбаҳои терроризм ва экстремизм аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои геополитика, таҳлили сиёсӣ, давлатшиносӣ, фалсафа, сотсиология ва диншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Пас аз пошхӯрии кишвари абарқудрати шуравӣ ва фаъол гардидани гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар кишварҳои тозаистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба мавзуи мазкур бештар гардид. Махсусан, пас аз ҳодисаи моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА рухдода омӯзиши терроризм ва экстремизм аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ афзудааст. Вобаста ба мавзуи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ китобу рисолаҳои зиёдеро таълиф намудаанд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ва кушодани ҷанбаҳои калидии

он, муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои гуногун ба таври васеъ истифода намудааст.

Бояд қайд намоем, ки дар ҷодаи таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми хосаро касб менамоянд [16; 17; 18; 19; 20; 21; 22; 23]. Дар аксари асарҳои Пешвои миллат масъалаҳои таҳдиду хатари замони муосир аз ҷумлаи терроризм ва экстремизм, шаклҳои зоҳиршавӣ, муборизa муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб ва монанди инҳо мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифтаанд .

Ҷиҳати амиқтар омӯхтани мавзуъ, мо нуқтаи назари олимони соҳаро вобаста ба таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм, таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намудем.

Гурӯҳи якумро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони кишварҳои Ғарб ташкил медиҳанд. Дар тули се даҳсолаи охир як зумра аз кишварҳои ғарбӣ зери таъсири ҳуҷумҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ қарор гирифтанд. Амалҳои террористии моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА ва солҳои баъдӣ дар кишварҳои Аврупо муҳаққиқони ғарбиро водор намуданд, ки ба омӯзиши ин зуҳуротҳои номатлуби замони муосир ба таври ҷиддӣ машғул шаванд. Дар таҳқиқоти онҳо зуҳуроти терроризм ва экстремизм бо диди нав баррасӣ гардида, консепсияи муосири ин зуҳуротҳо, роҳу усулҳои ҷадиди амалҳои террористиву экстремистӣ, терроризми сиёсӣ, экстремизми динӣ, пурзӯр гардонидани фаъолияти зиддитеррористӣ ва зидди экстремистӣ, бахусус ташаккул додани ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ин самт таҳия гардидаанд. Дар ин самт А. Спенсер [230], Б.Бузан [200; 201], К.Уолтс [215], А. Шмид [210; 211], З.Бжезинский [199], Г. Киссинҷер [46], Ҷ.М. Кейнс [206], В. Лагуар [207; 208], В. Ҷенкинс [223], В. Хоффман [221], Е. Манник [230] ва дигарон таҳқиқоти ҷиддӣ ва мукаммал анҷом додаанд.

Гурӯҳи дуюмро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони россиягӣ ташкил медиҳанд. Масъалаҳои гуногуни зуҳуроти терроризм ва экстремизм дар доираҳои илмии Россия васеъ таҳқиқ гардидааст. Дар таҳқиқоти олимони рус масъалаҳои марбут ба таҳдидҳои замони муосир ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Дар ин ҷода асарҳои И. Панарин [62], Г. Арбатов [28], А. Шумилин [85], В.И. Анненков [25; 26], К.Г. Горбунов [33], К.В. Жаринов [37], А.В. Коровиков [47], М.Н. Шахов [84], В.В. Устинов [80], Е.А. Степанова [162], О.Г. Харитонова [175], В.А. Дворянов [108], С.А. Николаев [140; 195], В.Я. Белокреницкий [30], И.П. Добаев [35], Б.В. Долгов [36], Л.М. Млечин [51], В.В. Черноус [52], И. Прокопенко [68], С.И. Грачев [34; 103], Л. Барский [29], Е. Примаков [67], А.Ю. Яковлев [183], Г. И. Мирский [135] ва дигарон арзиши зиёди илмию назариявӣ доранд.

Ба гурӯҳи сеюм таълифоти олимони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ шомил мешаванд. Дар байни онҳо дар таҳқиқу омӯзиши таҳдидҳои терроризм ва экстремизм А.Г. Косиченко [48], Ф. Толипов [168; 169], С.М. Акимбеков [24], И. Мирсайитов [134], Н. М. Омаров [61], С.А. Имандосов [42] ва чанде дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии кишварҳои минтақа ҷиҳати решакан намудани таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, аз ҷониби олимони болозикр мавриди таҳқиқ қарор гирифта, механизмҳои ташаккули он пешниҳод карда шудааст. Олимони кишварҳои минтақа муътақиданд, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдиди воқеии замони муосир, ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Гурӯҳи чорумро асарҳои илмию таҳқиқоти олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Муҳаққиқони тоҷик дар коркарди ҷанбаҳои назариявии зуҳуроти терроризм ва экстремизм, бахусус таҳқиқи зоҳиршавии идеологияи тундгароии исломӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Чунин ҳолат аз воқеияти объективии кишвар бармеояд. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ гардид. Имрӯзҳо низ ингуна таҳдиду хатарҳо ба амнияти давлату миллат ва оромии сиёсии кишвари мо

таъсир мерасонанд. Дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.Н. Муҳаммад [53; 50], Г.Н. Зокиров [39; 40; 41], С.С. Ятимов [184; 185], Д. Назиров [54; 55; 56; 57], Х. Холиқназар [82; 197], А.Х. Имомов [43], А. Раҳнамо [69], З. Саидов [72; 73], И.С. Шарипов [180; 181], Х.Қ. Сафарализода [75; 157; 158; 159; 160] ва дигарон масъалаи мазкур дар ҳошияи таъмини амнияти миллӣ ва амнияти минтақавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Олимони мазкур дар баробари муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои замони муосир, инчунин ба масъалаи пешгирӣ намудани онҳо низ диққати аввалиндараҷа додаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионирo омӯзиш ва таҳлили васеи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар мисоли Осиёи Марказӣ ташкил менамояд ва он тавассути ҳалли **вазифаҳои зерин** амалӣ гардидааст:

– таҳлили мафҳум, моҳият ва пайдоиши таҳдидҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм ҳамчун зуҳуроти номатлуби замони муосир;

– омӯзиши фаъолияти созмонҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ;

– арзёбӣ намудани самаранокии ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабили ИДМ ва САД ҷиҳати мубориза бо таҳдидҳои замони муосир;

– омӯзиши мақоми СҲШ дар бартараф намудани таҳдидҳои фаромиллӣ дар минтақа;

– муайян кардани нақш ва мақоми Россия, Чин ва ИМА дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ;

– мавриди таҳқиқ қарор додани таъсири «неруи нарм»- и Россия, Чин ва ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир аз ҷумлаи таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

Объекти таҳқиқот низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи чолишҳо ва таҳдидҳои муосир мебошад.

Предмети таҳқиқот – масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таъмини амният дар Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳои терроризму экстремизм, ҳамгироӣ ва ҳамкории кишварҳои минтақа бо созмонҳои байналмилалӣ, инчунин нақши абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар таъмини амнияти минтақавӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Мавҷудияти ҳама гуна таҳдидҳои замони муосир алалхусус терроризму экстремизм ва фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, амалҳои ғайриқонунии пайравони онҳо боиси заиф гардидани амнияти минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, дар таҳкими раванди

давлатдорӣ, рушди устувор ва суботи сиёсии кишварҳои тозаистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ хавфу хатари ҷиддиеро эҷод менамоянд. Оқибати ин зуҳуроти номатлуб боиси муташанниҷ гардидани вазъи фазои сиёсиву амниятӣ гардида, ба ҳаёти рӯзмарраи сокинони кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Муборизаи дастаҷамона бар зидди ин таҳдидҳо метавонад бо самар бошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур солҳои 2019-2023 дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст. Дар таҳқиқот ҳодисаҳову дигаргуниҳои се даҳсолаи охир, ки афзоиши бе собиқаи таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм ба ин давра рост меояд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Ҳангоми омӯзиши мавзуи мазкур аз асарҳои илмии олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ васеъ истифода карда шудааст. Ҳамчунин, назари сиёсии муҳаққиқон ва коршиносон ҷиҳати дарки мафҳум ва моҳияти таҳдид, инчунин терроризм ва экстремизм, барои муайян намудани оқибатҳои фалокатбори он мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, дар рафти таҳияи диссертатсия назарияҳои сиёсии олимони ватанӣ, минтақавӣ, олимони Россия ва кишварҳои Ғарб мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳлил ва баррасии мушкилоти амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳои терроризм ва экстремизм методҳои гуногуни илмӣ, аз қабилӣ таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ истифода гардиданд.

Усули таҳлили системавӣ имконият фароҳам овард, ки терроризм ва экстремизмро ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақаи кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода шавад, зеро дар низоми амнияти миллӣ таҳдидҳо унсури системавӣ ба шумор мераванд.

Усули таҳлили муқоисавӣ барои омӯхтани оқибатҳои терроризм ва экстремизм дар минтақа давоми солҳои гуногун истифода гардидааст. Ҳамзамон, фаъолияти созмонҳои минтақавие, ки дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар минтақа саҳмгузоранд, бо истифодаи усули мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дар раванди таҳқиқот усули рафторӣ барои омӯхтани таъсири ғояҳои терроризм ва экстремизм ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғи ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ, муқовимат бо онҳо ба кор бурда шудааст.

Бо истифода аз усули таҳлили институтсионалӣ хусусиятҳо ва амалҳои ғайриқонунии фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористию экстремистӣ нишон дода шудааст. Истифодаи усули навъбандӣ бошад, ҳамчун усули илмию таҳқиқотӣ, барои муайян намудани нишонаҳои асосии терроризму экстремизм мусоидат намуд.

Дар маҷмуъ, методҳои илмии истифодашуда имконият фароҳам оварда, ки омилҳо ва ҷанбаҳои таҳдидкунандаро дар мисоли терроризм ва экстремизм дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян намоем. Инчунин, муайян намудани масъалаҳои мубрам дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ва дарёфти усулҳои мувофиқ ҷиҳати муқовимат бо зуҳуроти мазкур, бо истифода аз асосҳои методологии болозикр амалӣ карда шудааст.

Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот. Дар диссертатсия якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтаанд, ки мо онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудем: ба **гурӯҳи аввал** ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоси ҳуқуқии мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизро дар сатҳи минтақа ташкил медиҳад, шомил мешаванд. **Гурӯҳи дуюмро** маърӯзаҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо масоили таҳдидҳо, терроризм, экстремизм ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самти мубориза бо зуҳуротҳои номатлуб баррасӣ шудаанд, ташкил медиҳад. Паёмҳои солонаи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳои давлатӣ оид ба таъмини амният ва мубориза бо терроризм, инчунин дигар баромадҳои расмии Сарвари давлат ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Ба **гурӯҳи сеюм** адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти мутахассисони соҳа, ки масъалаҳои таҳдидҳои замони муосир, терроризм, экстремизм, ҳамкориҳои амниятии давлатҳо, фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ, СААД ва СҲШ, нақш ва мақоми давлатҳои абарқудрати ҷаҳониро мавриди баррасӣ қарор додаанд, шомил мешаванд. **Гурӯҳи чорумро** маълумоти оморӣ ва маводди расонаҳои иттилоотӣ, ки аз манбаъҳои расмии ватанӣ ва байналмилалӣ, инчунин аз сомонаҳои муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва созмонҳои байналмилалӣ гирифта шудаанд, ташкил медиҳанд.

Истифодаи ин гурӯҳҳои сарчашмаҳо дар таҳқиқот имконияти баррасии ҳамаҷонибаи таҳдидҳо ба амнияти Осиёи Марказӣ ва роҳҳои муқовимат ба онҳо, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалиро барои такмили сиёсати амниятӣ фароҳам меорад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар шароити тавсеаи таҳдиду хатари терроризм ва экстремизм бори аввал ба таври комплексӣ таҳқиқ гардида, дурнамои рушди низоми амнияти дастаҷамъӣ нишон дода шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода гардидаанд:

– мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

– таҳдидҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда, ки дар шароити имрӯза бевосита ба амнияти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд;

– нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ ва СААД, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои зиддитеррористии созмонҳои мазкур дар минтақа таҳқиқ шудаанд;

– мақом ва мавқеи СҲШ дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян карда шуданд;

– мавқеи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ба монандаи Россия, Чин ва ИМА, дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа баррасӣ шудааст;

– таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Зуҳуроти терроризм ва экстремизм яке аз таҳдидҳои хатарноки замони муосир ба шумор мераванд. Амалҳои террористӣ дар ду даҳсолаи охир ва тавсеаи фаъолияти созмонҳои террористию экстремистӣ онро ба таҳдиди сатҳи ҷаҳонӣ табдил додааст. Беш аз пеш олимону муҳаққиқон ба омӯзиши васеи ин масъала машғуланд. Сарфи назар аз ин, то ҳанӯз таърифи ягона ва умумиэътирофшудаи мафҳуми терроризму экстремизм вуҷуд надорад. Чунин тафовут дар сатҳи қонунгузории давлатҳо низ ба мушоҳида мерасад. Ин гуногунфаҳмӣ метавонад ба тавсеаи терроризм ва халалдор гардонидани фаъолияти зиддитеррористӣ оварда расонад. Омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бо назардошти омили мазкур имкон медиҳад, ки сабабҳои паҳншавии терроризм ва дурнамои таъмини амнияти миллию минтақавӣ муайян карда шаванд.

2. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо таҳдиду хатари терроризм рӯ ба рӯ гардиданд. Чунин вазъ аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аввал ин, ки айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо пуштибонӣ меёбанд. Дуюм, ин ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ осебпазирии муайян доранд. Сониян, аксари аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз дини ислом пайравӣ менамоянд, ки ин муҳитро барои террористон ҷиҳати мағзшӯӣ намудани ҷавонон қуллай ва мусоид меҳисобанд.

Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ бошад, барои таблиғи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ мусоидат намуда истодаанд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Давлати исломӣ», «Ҷамоати ансоруллоҳ» ва «Бародарони мусулмон» мамнуъ буда, ҳамчун созмонҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ дониста шудааст. Ҳодисаю воқеаҳои дар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ рухдода аз ин гуна вазъият шаҳодат медиҳанд.

3. Ҳеҷ як давлат қодир нест, ки дар алоҳидагӣ ба таҳдидҳои замони муосир, алалхусус ба терроризм ва экстремизм пирӯз гардад. Аз ин лиҳоз, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддитеррористӣ ва муттаҳидсозии талошҳо дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ шарти муҳимми муборизаи муваффақ бо ин падидаҳои харобиовари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Кишварҳои узви ИДМ ва САД, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он шомил аст, дар аввалин ҷамъомаду нишастҳои худ ба масъалаи ташаккули заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти дастаҷамъонаи худ созишномаҳои муҳимро ба имзо расониданд. Аз ҷумла, дар самти фаъолияти зиддитеррористӣ низ ҳуҷҷатҳои дахлдор ба имзо расонида шудаанд. Махсус барои татбиқи санадҳои мазкур Маркази зиддитеррористии ИДМ таъсис дода шудааст. То имрӯз дар қаламрави кишварҳои аъзои ин созмонҳо чорабиниҳои зиёди зиддитеррористӣ анҷом дода шудаанд. Бояд гуфт, ки Неруҳои посдори сулҳи ИДМ дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бахусус ҷиҳати таъмини амният дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти назаррас нишон додаанд. Ҳамчунин, ҷиҳати таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ давлатҳои узви созмонҳои болозикр ҳар сол машқу тамринҳои зиддитеррористӣ анҷом медиҳанд. Омода намудани кадрҳои болаёқати низомӣ низ яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим барои кишварҳои узв дониста мешавад. Бояд зикр намуд, ки ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои зиддитеррористӣ дар доираи ИДМ ва САД ба самаранокии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир мусоидат намуда, вокуниши

саривақтӣ ба таҳдидҳои амниятӣ, мубодилаи самараноки иттилооти иктишофӣ ва ташкили амалиёти муштарак имконият фароҳам меорад.

4. Бо дарки вазъияти мураккаби фазои сиёсии ҷаҳони имрӯза, кишварҳои Осиёи Марказӣ тасмим гирифтаанд, ки бар зидди терроризм ва экстремизм дастаҷамъона мубориза баранд. Ба кишварҳои минтақа муяссар гардидааст, ки дар баробари ИДМ, СААД ҳамчунин дар доираи СҲШ фаъолияти босамарро дар самти мубориза бо таҳдидҳои мавҷуда ба роҳ монда, дар таъмини амният ва субот, пешгирии амалҳои террористиву экстремистӣ чораҳои дахлдор андешанд. Иловатан, бо ташаббуси кишварҳои минтақа дар Осиёи Марказӣ маркази зиддитеррористӣ ташкил карда шуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти дастаҷамъона оид ба таъмини амният ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди талошҳо, вазъи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ бинобар омилҳои гуногун, аз ҷумла бесуботии сиёсӣ дар Афғонистон, ки чораҳои иловагиро тақозо мекунад, муташанниҷ боқӣ мемонад.

5. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳилаи кунунӣ дар маркази манфиатҳои геополитикии давлатҳои гуногун қарор гирифта, ба майдони нуфузи қудратҳои бузург табдил ёфтаст. Бо вуҷуди ин, аксари онҳо ба ҳифзи амният ва таъмини он дар минтақа манфиатдор буда, таваҷҷуҳи хоса доранд. Пеш аз ҳама, Россия ва Чин дар ин самт мехоҳанд, ки пешсаф бошанд. Ин минтақа ҳам барои Россия ва ҳам барои Чин аҳамияти муҳимми геополитикию геоиқтисодӣ дорад. Бинобар ин, онҳо барои ҳифзи суботу амнияти минтақа то андозае кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар таъмини амният ва суботи минтақа бештар Россия нақши муҳимро иҷро менамояд. Пойгоҳҳои низомии Россия дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва иншооти ҳарбӣ дар Қазоқистон кафили ҳифзи фазои амниятии минтақа дониста мешавад. Дар баробари Россия ва Чин, инчунин ИМА мехоҳад, ки мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам намояд ва ба паҳншавии таҳдиду хатар монеа шавад.

6. Истифодаи консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби Россия, ИМА ва Чин дар таъмини суботу амнияти минтақа нақши муассир дорад. Ин давлатҳо тавассути таъсири фарҳангӣ, талошҳои дипломатӣ ва стратегияҳои иқтисодӣ

ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонда, дар ташаккули тафоҳум ва эътимоди мутақобила саҳм мегузоранд, ки ин дар пешрафти кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бо вуҷуди кӯшишу талошҳои зиёди кишварҳо, таҳдиду хатари терроризму экстремизм дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Ҷаҳонишавӣ ва навовариҳои технологӣ, дар навбати худ, ба ташкилотҳои террористӣ имконият медиҳад, ки онҳо мақсадҳои худро бо роҳу усулҳои ҷадид амалӣ намоянд. Гузашта аз ин, моҳи сентябри соли 2021 дар Афғонистон ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» хавфи дар ин кишвар фаъол шудани гурӯҳҳои террористиро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва шарикони стратегии онҳоро зарур аст, ки дар чунин шароити мураккаб ва ҳассос барои рушди низоми амнияти дастаҷамъӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводди диссертатсияро дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки барои тақвият бахшидани зиракии сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва аз худ кардани донишҳои муосир барои насли наврас, хусусан донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар рафти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои оливу касбӣ, курсҳои махсус, омода намудани кадрҳои мақомоти дар ин самт фаъолияткунанда васеъ истифода намуд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам амиқтар омӯхтани фаъолият ва таҳдидҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва муқовимат бо онҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ кӯмак расонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда мешавад. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст омадаанд. Инчунин хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии минтақавӣ ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050204 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Коркард ва таҳлилу баррасии маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шудааст. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлилу баррасии равандҳои сиёсии минтақавӣ таҳдиду хатари терроризм ва экстремизмро дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ намуда, дурнамои таъмини амнияти минтақавиро дар доираи фаъолиятҳои дастаҷамъона нишон додааст. Довталаб таҳқиқоти худро натиҷагирӣ намуда, вобаста ба пешгирии таҳдиду хатари терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 22 феврали соли 2024 (суратҷаласаи №9) муҳокима гардида, ҳамчун кори илмии баанҷомрасида баҳогузорӣ ёфта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Муҳтавои асосии кори диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуаҳои маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои рушд» (ш. Душанбе, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, 7 октябри соли 2022), «Илми муосири тиб: одатҳо ва инноватсияҳо» (ш. Душанбе, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», 25 ноябри соли 2022), «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиббӣ» (ш. Душанбе, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», 1 ноябри соли 2024) ироа ва нашр шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳо ва дастовардҳои таҳқиқот ин 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ

1.1. Таҳдидҳои минтақавӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот

Бояд таъкид намуд, ки дар замони муосир ҳама гуна таҳдидҳо метавонанд ба амнияту оромии кишварҳо халал эҷод намоянд. Зеро таҳдидҳо яке ҷанбаҳои хатаровар ба амнияти давлат ба ҳисоб рафта, аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсиргузор мебошанд. Таъмини амният худ ба яке аз мушкилтарин ва маъмултарин масъалаи сиёсати ҷаҳонӣ ва амнияти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Он паҳлуҳои зиёдеро фаро гирифта, мавқеи хосаро дар рушди давлатҳо касб менамояд. Имрӯзҳо, ки сарҳадҳои байни давлатҳо ва минтақаҳо торафт кушодатар мешаванд, таҳдидҳо ба амният торафт густурдатар мегарданд. Аз ин рӯ, дарки илмии мафҳуми «таҳдид» беш аз пеш зарур ва мубрам мебошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мафҳуми «таҳдид» ба маънои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан» фаҳмида мешавад [81]. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқи ватанӣ Сафарализода Х.Қ. чунин таърифро маҳдуд дониста, таъкид мекунад, ки он наметавонад моҳияти пурраи мафҳумро инъикос намояд [160, с. 228-233]. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки чунин шарҳи мафҳум наметавонад моҳияти онро пурра ва ҳамаҷониба инъикос намояд.

Дар «Луғати тафсирии забони русӣ»-и С.И. Ожегов мафҳуми таҳдидро дар зери маънои тарсондан, ваъдаи ба касе зарар расонидан, бадӣ кардан ва хатари эҳтимолӣ маънидод карда шудааст [60]. Мафҳуми «таҳдид» дар забони англисӣ, дар маҷмуъ, бо маънои он дар забони русӣ монанд аст. Бо вуҷуди ин, луғатҳои тафсирии забони англисӣ тобишҳои иловагии маъноиро қисман равшан месозанд. Масалан, нияти анҷом додани амали душманона ва расонидани зарар низ худ таҳдид дониста шудааст [214]. Профессори Донишгоҳи Оксфорд А.С. Хорби дар «Луғати муосири англисӣ» таърифи таҳдидро ҳамчун нияти ҷазодиҳӣ ба субъект маънидод намуда, қайд

намудааст, ки он метавонад ғайриинтизорӣ анҷом дода шавад [83]. Илова бар ин, зулм, маҷбуркунӣ, расонидани ранҷу азоб, аз ҷумла ҷисмонӣ, инчунин изтироб ва маҳдудият дар зери мафҳуми таҳдид фаҳмида мешавад. Ин тобишҳои маъноӣ нишон медиҳад, ки таҳдид на танҳо ба хатари эҳтимолӣ, балки ба амали мустақими маҷбуркунӣ ва таъсиррасонӣ низ рабт дорад. Аз ин рӯ, таҳлил ва муқоисаи маънои «таҳдид» дар забонҳои гуногун нишон медиҳад, ки он танҳо ба тарсондан ё хатари эҳтимолӣ маҳдуд набуда, дорои ҷанбаҳои гуногун ва таъсири васеъ мебошад.

Дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ мо пайваста калимаи таҳдидро мавриди истифода қарор медиҳем, ки ҳолатҳои манфии эҳтимолиро тавсиф мекунад. Агар ба мафҳуми таҳдид таваҷҷуҳ намоем, пас маълум мегардад, ки он дорои маънии васеъ буда, гуногун шарҳ дода мешавад. Дар асарҳои илмии муҳаққиқон ин мафҳум ба таври васеъ маънидод гардидааст, дар ҳоле, ки ҳар яке аз онҳо вобаста ба соҳаи таҳқиқоти худ онро пешкаши хонанда намудаанд. Аз ин бар меояд, ки мафҳуми аз ҷиҳати илмӣ эътирофшудаи умумии «таҳдид» вуҷуд надорад.

Мафҳуми «таҳдид» аз нуқтаи назари сиёсатшиносон, равоншиносон, файласуфон ва ҳуқуқшиносон ба таври гуногун маънидод карда шудааст. Масалан, аз нуқтаи назари сиёсӣ, таҳдид ҳамчун ҳодиса, вазъият ё амале фаҳмида мешавад, ки ба манфиатҳо, ҳадафҳо ё суботи сиёсӣ зарар мерасонад. Таҳдидҳо дар илми сиёсатшиносӣ одатан бо низоъҳо, зиддиятҳо ё эҳтимоли халалдор шудани равандҳо ё институтҳои муқарраршудаи сиёсӣ алоқаманданд. Ҳамчунин, мафҳуми «таҳдид» таҳлили омилҳоеро дар бар мегирад, ки метавонанд хавфи эҳтимолӣ ба низоми сиёсӣ ё суботи сиёсӣ эҷод намояд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки илми равоншиносӣ таҳдидро на танҳо ҳамчун дарки хатар, балки ҳамчун омили асосии барангезандаи стресс ва нооромии равонӣ баррасӣ менамояд. Яъне таҳдидҳо таъсири худро на танҳо дар сатҳи сиёсию иқтисодӣ, балки дар сатҳи иҷтимоию равонӣ низ мегузоранд. Ба дарки таҳдид омилҳои гуногун, аз ҷумла таҷрибаи гузашта,

заминаи фарҳангӣ, фарқиятҳои инфиродӣ ва заминаи вазъият таъсир мерасонанд. Дар фалсафа таҳдидро ҳамчун хавф ё таъсири баде дониста мешавад, ки ба инсон, ҷомеа ё муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад. Таҳдидҳо бо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсон, аз ҷумла бо ҷанбаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва экзистенсиалӣ алоқамандии зич доранд.

Аз нуқтаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ, таҳдидро ҳамчун зарар, ҳуқуқвайронкунӣ ё ба вуҷуд овардани хатар ба манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Таҳдид дар заминаи ҳуқуқӣ бо эҳтимолияти расонидани зарар, вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ё фароҳам овардани шароите алоқаманд аст, ки дар он оқибатҳои манфӣ ба шахс ё ҷомеа имконпазир мебошад.

Мафҳуми «таҳдид» аз ҷониби олимони соҳаи сиёсатшиносӣ низ вобаста ба равишҳои назариявӣ ва методологӣ баррасӣ мешавад. Бархе аз сиёсатшиносони маъруф шарҳи мафҳум ва моделҳои назариявии онро пешниҳод кардаанд, ки мо онҳоро ба таври мухтасар баррасӣ менамоем.

Олими сиёсатшиноси британӣ Б. Бузан мафҳуми таҳдидро ҳамчун ҳодисаи эҳтимолӣ, воқеие тавсиф мекунад, ки метавонад ба манфиатҳо ва дар маҷмуъ ба низом зарар расонад ё ин ки оқибатҳои манфиро ба бор орад [200, с.75].

Муҳаққиқи амрикоӣ К. Уолтс бар он назар аст, ки таҳдидҳо метавонанд гуногун бошанд ва на танҳо муноқишаҳои низомӣ, балки шаклҳои дигари чолишҳо, аз қабили терроризм, буҳронҳои иқтисодӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва масъалаҳои экологиро дар бар гиранд [216, с. 103-105].

Иқтисодшиноси намоёни британӣ Ҷ.М. Кейнс дар рисолаи худ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» таҳдидҳоро аз лиҳози иқтисодӣ баррасӣ намуда, онро заминаи бесуботии иқтисодӣ ва буҳронҳо донистааст. Ба андешаи ӯ, коҳиши даромад ва зиёдшавии бекорӣ омили афзоиши беэътимодӣ дар ҷомеа шуда, ба суботи сиёсӣ ва равобити иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонанд [206, с.197].

Сиёсатшиноси муосири рус И. Панарин дар таҳлилҳои худ оид ба субъектҳои беруна ба вазъи сиёсии ҷаҳон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҳдидҳои марбут ба рақобати захиравӣ, назорат аз болои роҳҳои нақлиётӣ ва баҳсҳои ҳудудиро муайян сохтааст. Ӯ инчунин таҳдидҳои дохилӣ, аз қабили мушкилоти иқтисодӣ ва мушкилоти демографиро ба таври мушаххас омӯхтааст [62, с.247]. Бо андешаҳои И. Панарин розӣ шуда, метавон қайд намуд, ки таҳдидҳо на танҳо аз дидгоҳи геополитикӣ, балки дар заминаи омилҳои иқтисодӣ ва демографӣ низ арзёбӣ мегарданд ва ҳамчун механизми таъсиргузор ба суботи дохилӣ ва низоми ҷаҳонӣ баррасӣ мешаванд. Ин усули таҳлил аҳамияти ҳамзамони омилҳои дохилӣ ва берунаро дар ташаккули вазъи сиёсӣ таъкид намуда, зарурати баррасии ин таҳдидҳоро дар стратегияи сиёсати давлатӣ ва амниятӣ равшан месозад.

Моҳияти таҳдидҳо дар ҷаҳони муосир ҳамчун эҷоди хатар ва расонидани зарар ба одамон, ҷомеа, давлатҳо ва манфиатҳои онҳо ифода меёбад. Дар ҷаҳони имрӯза, таҳдидҳо шаклу зуҳуроти гуногун дошта, аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ маншаъ мегиранд [87, с.103]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки падидаи «таҳдид» бо эҳтимолияти оқибатҳои манфӣ алоқаманд мебошад. Ба андешаи мо, хатари ҷисмонӣ ба ҳаёт ва саломатии инсон, зарари иқтисодӣ, халалдорсозии субот ва амнияти ҷомеа, харобшавии инфрасохтор, поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигар оқибатҳои номатлуб моҳияти таҳдидҳоро инъикос менамоянд.

Аз диди дигар, таҳдидро метавон ҳамчун механизми таъсиррасонӣ маънидод кард, ки на танҳо нияти расонидани зарар ба субъект, балки воситаи танзими муносибатҳои байни субъектҳоро низ дар бар мегирад. Бо ҳамин мазмун, олими рус М.Ф. Гатско таъкид намудааст аст, ки «таҳдид ин нияти муайянгардидаи субъекти сиёсӣ мебошад, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми субъекти дигари сиёсӣ зарар расонад» [101, с 22-23]. Яъне, таҳдидро метавон як шакли муносибат донист, ки ба субъект имконият медиҳад бо истифода аз усулҳои гуногун ва бидуни истифодаи зӯроварӣ рафтори субъекти дигарро назорат намуда, ба ҳадафҳои худ ноил гардад. Масалан, таҳдиди ҷорӣ кардани

таҳримҳо метавонад кишвареро водор созад, ки сиёсати худро мутобиқ ба манфиатҳои тарафи дигар танзим намояд, ки ин бе истифодаи мустақими зӯроварӣ сурат мегирад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои назариявӣ ба мо имкон дод, ки мафҳуми «таҳдид»-ро бо назардошти маъно ва муҳтавои истилоҳоти «хатар» ва «зарар» дақиқ намуда, онро боз ҳам мушаххас ва мукаммалтар тавзеҳ диҳем. Таҳдид на танҳо мавҷудияти хатарро, балки эҳтимолияти расонидани зарарро низ дар бар мегирад, ки ба шахс, ҷомеа, давлат ё манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад. Бо ин назар, таҳдидро метавон ҳамчун шакли эҳтимолии хатари пайдошавии оқибатҳои манфӣ дар шароити муайян шарҳ дод. Дар ин замина, таъбири таҳдид ҳамчун «хатари эҳтимолӣ», ки метавонад зарари ҷиддӣ ба амният, субот, иқтисодиёт ва ҳуқуқҳои инсон расонад, комилан асоснок ба назар мерасад.

Таҳдидҳои муосир инчунин ба ҳам алоқаманд буда, вобастагии хосро дороанд. Масалан, низоъҳо дар як минтақа ба амният ва суботи минтақаҳои дигар низ таъсир мерасонанд. Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ боиси таҳаввулоти иҷтимоӣ ва бесуботии сиёсӣ мегардад. Инчунин бояд қайд кард, ки хусусияти таҳдидҳо, вобаста ба дурнамо ва манфиатҳои субъектҳои гуногун, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Таҳдидҳоро шартан метавон ба се сатҳ ҷудо намуд, яъне таҳдидҳои глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ё ин ки давлатӣ, ки ҳар яке аз лиҳози нишона ва шаклҳо гуногунранг мебошанд. Бо дарназардошти аҳамияти ин таҳдидҳо, диққати мо бештар ба таҳдидҳои минтақавӣ равона гардида, омӯзиши амиқи онҳо зарур шуморида мешавад. Вобаста ба ин, таъкид намудан зарур аст, ки таҳдидҳои минтақавӣ чунин таҳдидҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар як минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ ба туфайли омилҳо ва шароитҳои муайян ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дорои хусусият ва сабабҳои гуногун, аз қабили муноқишаҳои этникӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, офатҳои экологӣ, паҳншавии терроризм, ҷиноятҳои фаромарзӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра мебошанд [152, с. 85-88].

Хусусияти муҳимми таҳдидҳои минтақавӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд оқибатҳои глобалиро дар худ таҷассум намуда, манфиатҳои як қатор кишварҳо ва ҳатто тамоми ҷомеаи ҷаҳониро зери таъсир қарор диҳанд. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо метавон зикр намуд, ки фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаи муайян на танҳо амнияти он минтақаро халалдор месозад, балки ба субот ва осудагии минтақаҳои дигар низ монеа эҷод мекунад. Таҳдидҳои минтақавӣ шаклҳои гуногун дошта, терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, муноқишаҳои байнидавлатӣ, ҳамлаҳои киберӣ, офатҳои табиӣ, қочоқи маводи мухаддир ва яроқи қатли омро дар бар мегиранд. Ин таҳдидҳо на танҳо таъсир ба амният, балки паёмадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ доранд.

Дар доираҳои илмӣ фаҳмидани моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои минтақавӣ ҷузъи муҳим ҷиҳати таҳияи чораҳои муассир вобаста ба пешгирӣ ва назорати онҳо дониста мешавад, ки дар навбати худ ба таҳкими амният ва суботи минтақа ва ҷаҳон муҳим арзёбӣ мегардад. Якчанд омилҳое вуҷуд доранд, ки ба пайдоиши таҳдидҳои минтақавӣ мусоидат мекунанд. Инҳо, пеш аз ҳама, мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа ба шумор мераванд. Ҳамчунин, таҳдидҳои минтақавӣ дар натиҷаи баҳсҳои ҳудудии байни давлатҳо ва рақобат барои захираҳои табиӣ ба миён меоянд. Аз ин лиҳоз, ҷанбаи муҳимми мубориза бо таҳдидҳои минтақавӣ дар ин самт, бешубҳа таъмини адолат ва баробарӣ дар дастрасӣ ба захираҳо ва имкониятҳо барои рушди минтақаҳо дониста мешавад.

Аз ҷониби олимони сиёсатшиноси ватаниву хориҷӣ масъалаи таҳдидҳои минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, оид ба таҳдидҳои минтақавӣ Г. Зокиров бар он назар аст, ки таҳдидҳои терроризм ва экстремизм яке аз таҳдидҳои асосии минтақавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз муаммоҳои ҳалношудаи ҷамеаи ҷаҳонӣ боқӣ мондааст [41]. Дар ҳақиқат, хавфу хатари терроризм ва экстремизм боиси нооромии фазои сиёсии минтақа гардида, онҳо на танҳо ба амнияти минтақаҳои алоҳида, балки ба амнияти тамоми ҷаҳонро низ таҳдид мекунанд.

Дар ин росто, муҳаққиқони ватанӣ А. Муҳаммад ва Д. Назиров низ амалҳои террористӣ ва экстремистиро аз таҳдидҳои асосии минтақавӣ номида, онҳоро хатари ҷиддӣ ба амният ва суботи минтақа арзёбӣ намудаанд. Илова бар ин, онҳо таъкид кардаанд, ки дар ҷаҳони муосир таҳдидҳои минтақавӣ рӯз то рӯз мураккабтар ва номуайянтар шуда истодаанд. Зеро муноқишаҳои минтақавӣ на танҳо ба вазъи дохилии як минтақа, балки ба амнияти глобалӣ низ таъсири назаррас мерасонанд. Инчунин, онҳо афзоиши миллатгароӣ ва бунёдгароии диниро ҳамчун таҳдидҳои муҳимми дигари минтақавӣ арзёбӣ намуда, зикр кардаанд, ки ин падидаҳо метавонанд сабаби ташаннуҷи муносибатҳои байналмилалӣ ва густариши низоъҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ гарданд [53, с. 299; 57].

Олими америкоӣ З. Бжезинский вобаста ба таҳдидҳои минтақавӣ чунин ибрози андеша намудааст: «Таҳдидҳои минтақавӣ метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд ва аз манобеъи гуногун пайдо шаванд, аммо онҳо ҳамеша ба тартибот ва суботи ҷаҳон хатари эҳтимолӣ эҷод мекунанд» [199, с. 29]. Дар робита ба ин, метавон қайд намуд, ки таҳдидҳои минтақавӣ на танҳо мушкилоти маҳдуд ба як минтақа, балки омилҳои таъсиррасон ба муносибатҳои байналмилалӣ ва низоми ҷаҳонии амният маҳсуб меёбанд. Ин андешаи З. Бжезинский баёнгари он аст, ки равандҳои глобалӣ ва таҳдидҳои минтақавӣ бо ҳамдигар иртиботи қавӣ дошта, ҳар гуна нооромӣ ё низоъ дар як минтақа метавонад оқибатҳои васеъ ва паёмадҳои ҷиддӣ барои суботи ҷаҳонӣ ба вуҷуд оварад.

Дипломат ва сиёсатшиноси барҷастаи америкоӣ Г. Киссинҷер иброз медорад, ки даргириҳо ва танишҳои минтақавӣ боиси буҳрони ҷаҳонӣ мешаванд. Вай менависад, ки «таҳдидҳои минтақавӣ замоне хусусияти ҷаҳонӣ пайдо мекунанд, ки онҳо боиси задухӯрд байни ду ё зиёда давлатҳои дорои қудрат ва нуфузи бузурги низомӣ мегарданд» [46]. Ин андеша баёнгари он аст, ки таҳдидҳои маҳдуди минтақавӣ дар сурати дахолати абарқудратҳо аз доираи маҳаллӣ берун рафта, ба як мушкили ҷаҳонӣ табдил меёбанд. Таҳлилҳои Г. Киссинҷер бозгӯйи онанд, ки муноқишаҳои маҳаллӣ дар шароити ҷаҳони

муосир наметавонанд танҳо дар ҳудуди як минтақа боқӣ монанд, зеро манфиатҳои геополитикӣ ва рақобати абарқудратҳо онҳоро ба сатҳи глобалӣ мебароранд. Бо дарназардошти ин, ҳар гуна таҳдиди минтақавӣ бояд на танҳо ҳамчун мушкили дохилӣ, балки ҳамчун омили эҳтимолии нооромии ҷаҳонӣ баррасӣ гардад.

Муҳаққиқ ва рӯзноманигори амрикоии асри ХХ Г. Саммерс низ бар назар аст, ки дар низоми нави ҷаҳонӣ низоъҳо ва буҳронҳои минтақавӣ манбаи асосии хушунат ва номуайянӣ боқӣ хоҳанд монд. Ин муноқишаҳо, ва нигарониҳои қудратҳои ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, дар баъзе мавридҳо боиси дахолати неруҳои беруна мешаванд. Ҳамин тариқ, идоракунии буҳронҳо ва низоъҳои минтақавӣ ҷузъи калидии стратегияи амнияти ҷаҳонӣ хоҳанд буд [213]. Аз ин рӯ, идоракунии буҳронҳо ва низоъҳои минтақавӣ на танҳо як ҷузъи калидии стратегияи амнияти ҷаҳонӣ хоҳад буд, балки ҳамчун омили муҳимми пешгирии таҳдидҳои фаромиллӣ ва ташаккули низоми устувори амниятӣ нақши муҳим мебозад.

Олими британӣ Б. Бузан яке аз омилҳои муҳимми таҳдидҳои минтақавиро марбут ба муҳоҷират ва кучиши аҳолӣ донистааст. Ӯ таъкид намудааст, ки ҷараёни азими муҳоҷират метавонад ба амнияти миллӣ ва суботи минтақа хатар эҷод намояд. Инчунин Б. Бузан масъалаҳои амнияти ҳастаӣ ва паҳн кардани яроқи ҳастаиро таҳқиқ намуда, таҳдидҳои ҳастаиро яке аз таҳдидҳои аслии минтақавӣ медонад. Масъалаи терроризм ва экстремизм низ аз мадди назари ӯ дур набуда, ин зуҳуротҳои замони муосирро ҳамчун таҳдидҳои минтақавӣ баррасӣ карда, қайд менамояд, ки онҳо боиси афзоиши хушунат ва бесуботӣ дар минтақаҳое мешаванд, ки онҷо ба вуҷуд омадаанд [201, с.40].

Аз нуқтаи назари таҳлилгари рус дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ Г. Арбатов, таҳдидҳои минтақавии муосир асосан ба пошхӯрии системаи мустамликадорӣ рабт дорад. Ҳамчунин ӯ таъкид кардааст, ки бо раванди ташаккули давлатҳои нави миллӣ ва талоши онҳо барои ҳифзи манфиатҳои худ, рақобати геополитикӣ дар сатҳи минтақаҳо шиддат мегирад. Дар натиҷа, ноустувории сиёсӣ, муноқишаҳои марзӣ ва низоъҳои этникӣ афзоиш ёфта, дар

навбати худ боиси дахолати қудратҳои ҷаҳонӣ мегарданд. Ба андешаи ӯ, чунин таҳаввулот метавонад вазъияти амниятии ҷаҳонро тағйир дода, боиси ташаккули эътилофҳои нав ва тақсимбандии геополитикӣ гардад [28, с.307].

Директори Маркази таҳлили низоъҳои Шарқи Наздик дар Россия А. Шумилин бошад, бар он назар аст, ки низоъҳо ва ташаннуҷҳои минтақавӣ аз нокифоягии захираҳои табиӣ, баҳсҳои ҳудудӣ, инчунин зиддиятҳои нажодӣ, динӣ ва этникӣ низ ба миён меоянд. Илова бар ин, ӯ қайд мекунад, ки дар баъзе минтақаҳо ба мубориза бо коррупсия ва нақзи ҳуқуқи башар таваҷҷуҳи нокофӣ дода мешавад, ки ин ба манбаи таҳдидҳои минтақавӣ низ табдил меёбад [85, с. 20]. Илова ба суханони А. Шумилин, метавон гуфт, ки низоъҳо ва ташаннуҷҳои минтақавӣ на танҳо натиҷаи мавҷудияти захираҳои табиӣ, баҳсҳои ҳудудӣ ва зиддиятҳои нажодӣ, динӣ ва этникӣ мебошанд, балки омилҳои дигари сиёсӣ ва иқтисодӣ низ ба ташаккули онҳо мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, набудани идоракунии самаранокии захираҳои табиӣ, ноадолатии иҷтимоӣ, инчунин таъсири манфиатҳои қудратҳои беруна сабаби амиқтар шудани низоъҳо мегардад.

Таҳлилҳои болозикр нишон медиҳанд, ки таҳдидҳои минтақавӣ дар шаклҳо ва намудҳои гуногун зуҳур меёбанд. Илова бар ин, ба пешгирии хатарҳои минтақавӣ аҳамият дода, тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати таҳкими амният дар сарҳадҳои минтақавӣ, омӯзонидан ва ҳифзи аҳолӣ аз таҳдидҳои эҳтимолӣ, инчунин таҳияи механизмҳои муассири вокунишӣ ба чолишҳои нав мувофиқи мақсад дониста мешавад. Дар ин росто, ҷиҳати самараноктар мубориза бурдан бо таҳдидҳои минтақавӣ, инчунин ба назар гирифтани заминаи геополитикӣ ва ҳамкории мутақобилаи субъектҳои мухталиф дар сатҳи минтақавӣ, таҳлили хатару таҳдидҳо, муайян кардани сабабҳо ва механизмҳои пайдоиши онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ин, баъзе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки барои бартараф намудани таҳдидҳои минтақавӣ, бояд хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии минтақа ба инобат гирифта, муколама ва ҳамкорӣ бо намояндагони ҷомеаҳо ва созмонҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шавад. Дар ҳақиқат бе ҳамкории фаъоли

ҷонибҳои манфиатдор, бартарафсозии таҳдидҳои минтақавӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳои минтақавӣ як чолишҳои ҷиддии амнияти байналмилалӣ дар ҷаҳони муосир боқӣ мемонанд. Саъю талошҳои муштарак ва таҳияи тадбирҳои ҳамаҷониба барои пешгирӣ ва муқобилият бо ин таҳдидҳо ба таҳкими суботу амният ҳам дар минтақаҳо ва ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, чолишҳои нав, ки ҳамчун манбаи таҳдидҳои минтақавӣ хидмат мекунанд, аҳамияти бештар пайдо менамоянд. Имрӯз, ҳамлаҳои киберӣ ва паҳн кардани маълумоти бардурӯғ тавассути васоити ахбори омма, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ, ба яке аз омилҳои асосии халалдор гардидани амнияти минтақавӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, такмили амнияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи муҳофизат аз таҳдидҳои киберӣ ҳамчун як унсури муҳимми сиёсати амниятӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз рушди технологияҳои рақамӣ ва густариши фазои иттилоотӣ боис шудааст, ки таҳдидҳои минтақавӣ шакл ва хусусияти нави мураккаб касб кунанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои назариявӣ ба мо имконият дод, ки моҳияти таҳдидҳои минтақавиро, ки дар шаклҳои гуногун зуҳур мекунанд, муайян намуда, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намоем:

– таҳдидҳои сиёсӣ, аз ғасби ғайриқонунии ҳукумат, низоъҳои дохилӣ, фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва зуҳуротҳои алоқаманд бо онҳо;

– таҳдидҳои иқтисодӣ, аз қабили буҳрони иқтисодӣ, қаллобии молиявӣ, коррупсия;

– таҳдидҳои экологӣ ба монанди ифлосшавии муҳити зист, тағирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ;

– таҳдидҳои низомӣ, аз қабили муноқишаҳои мусаллаҳона, мавҷудияти силоҳи ҳастаӣ [197].

Умуман, таҳдидҳои сиёсии минтақавӣ аз ноустувории вазъи сиёсӣ, мухолифати неруҳои мухталифи сиёсӣ ва афзоиши фаъолияти созмонҳои террористиву экстремистӣ маншаъ мегиранд. Ҳадафи асосии ин таҳдидҳо заиф кардани пояҳои истиқлолияти сиёсӣ ва халалдор сохтани амнияти давлатҳо мебошад. Бояд таъкид кард, ки роҳҳои муассири муқовимат бо таҳдидҳои сиёсӣ дар сатҳи минтақавӣ ба тадбирҳое мисли таҳкими волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарғиби арзишҳои демократӣ асос ёфтаанд.

Илова бар ин, таҳдидҳои иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ метавонанд буҳронҳои иқтисодӣ, осебпазирии инфрасохтори иқтисодӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, инчунин ноустувории бозорҳои молиявӣ ва вобастагии иқтисодиёти кишварҳои минтақа аз бозорҳои ҷаҳонӣ ва манбаъҳои энергетикиро дар бар гиранд. Ин омилҳо на танҳо ба рушди минтақа, балки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, фазои сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, идоракунии муассири ин таҳдидҳо бо истифода аз сиёсати иқтисодии устувор, таъмини гуногунсозии иқтисодиёт ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Таҳдидҳои экологӣ дар сатҳи минтақавӣ бо ҷанбаҳои гуногуни муҳити зист алоқаманд буда, ҳам ба инсон ва ҳам ба табиат таҳдид мекунанд. Баъзеи онҳо дар натиҷаи фаъолияти инсон, баъзеи дигар дар натиҷаи офатҳои табиӣ ба амал меоянд. Яке аз таҳдидҳои асосии экологӣ ифлосшавии муҳити зист дониста шуда, бевосита ба саломатии инсон ва устувории муҳити зисти минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тағирёбии иқлим дар сатҳи минтақавӣ низ хатари экологӣ эҷод менамояд.

Навъи дигари таҳдидҳои минтақавӣ таҳдидҳои низомӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳо фарогири даргириҳои мусаллаҳона, мавҷудияти силоҳи ҳастаӣ, баҳсҳои байналмилалӣ, вайрон кардани фазои ҳавоӣ ва баҳрӣ, терроризм ва дигар шаклҳои зӯроварӣ мебошанд. Чунин таҳдидҳо боиси харобиҳои густурда, талафоти ҷонӣ, иқтисодӣ ва бад шудани вазъи сиёсиву иҷтимоии

минтақа мегардад. Илова бар ин, таҳдидҳои низомӣ ба суботу амнияти минтақа таъсири дарозмуддат доранд.

Таҳлили адабиёти илмӣ имконият фароҳам овард, то омилҳое, ки ба табиати таҳдидҳои минтақавӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд. Ин омилҳо гуногун буда, якчанд соҳаҳоро фаро мегиранд:

– омилҳои геополитикӣ (мавқеъи минтақа, хусусиятҳои ҷуғрофии он, мавҷудияти сарҳад ва баҳсҳои ҳудудӣ, инчунин таъсири қувваҳои беруна ба амнияти он);

– омилҳои иқтисодӣ (сатҳи рушди иқтисодӣ, мавҷудияти мушкилот, аз қабили камбизоатӣ, бекорӣ, мушкилоти тиҷорат ва сармоягузорӣ, ки ба низоъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд);

– омилҳои сиёсӣ (дараҷаи суботи вазъи сиёсӣ, мавҷудияти низоъҳои байнидавлатӣ, ноустувории дохилии сиёсӣ, мушкилоти ҳуқуқи инсон ва демократия);

– омилҳои экологӣ (масъалаҳои экологӣ ба монанди ифлосшавӣ ва тағирёбии иқлим, ки манбаи ташаннуҷ ва низоъ мегарданд);

– омилҳои низомӣ (мавҷудияти низоъҳои низомӣ дар минтақа, эҳтимоли паҳншавии силоҳи ҳастаӣ, қудрати низомӣ ва заду хурди мусаллаҳона);

– омилҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ (тафовут дар фарҳангҳо, динҳо, забонҳо, урфу одатҳо, инчунин мушкилоти муҳоҷират ва гурезаҳо, ки метавонанд фишори иловагӣ ва таҳдидҳоро ба суботи иҷтимоӣ эҷод кунанд);

– омилҳои технологӣ (таҳия ва истифодаи технологияҳои нав дар таҳдидҳои низомӣ, ҷиноӣ ва кибернӣ, ки ба амнияти минтақа бевосита таъсиррасон дониста мешавад) [137].

Ҳамин тариқ, бо назардошти доираи васеи омилҳое, ки ба хусусияти таҳдидҳои минтақавӣ таъсир мерасонанд, аз омилҳои геополитикӣ то фарҳангӣ- иҷтимоӣ ва технологӣ, муҳим аст, ки ба таҳдидҳое диққати махсус дода шавад, ки амният ва суботи минтақаро бештар зери хатар мегузоранд. Дар ин замина, ба таҳдидҳое, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, ки хусусияти

глобалӣ ва мураккаб дошта, ба якчанд гурӯҳи омилҳо алоқаманд мебошанд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

Дар шароити муосир, терроризм ва экстремизм аз доираи анъанавии давлатҳои алоҳида берун рафта, ба чолишҳои байнимиллӣ ва фаромиллӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, таҳлили амиқ ва муқовимати муассири онҳо муносибати ҳамаҷониба ва ҳамоҳангсозии талошҳои ҳам кишварҳои алоҳида ва ҳам ҷомеаи ҷаҳониро талаб мекунад.

Дар ин замина пешгирии таҳдидҳои терроризм ва экстремизм барои суботу осудагии ин ё он минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Пас аз ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳдидҳои марбут ба терроризм ва экстремизм бештар таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ин таҳаввулот боиси он гардид, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ қабул карда шаванд. Ҳамлаи террористии мазкур ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит намуд, ки бояд дар қатори дигар мушкилот, роҳҳои решакан намудани терроризм ва экстремизмро пайдо намоянд, зеро ки террорист ва ё ашхосе, ки ин гуна амалҳоро содир менамоянд, миллат, дин ва давлат надоранд. Аз ин рӯ, бояд дарк намуд, ки бар зидди таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар алоҳидагӣ мубориза намудан камсамар аст ва ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар ҳалли он дастаҷамъона кӯшиш ба харҷ диҳанд. Терроризм ва экстремизм бояд ҳамчун як ҷузъи маҷмуи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷаҳонӣ шинохта шуда, ҳалли он масъулияти тамоми инсониятро талаб менамояд.

Терроризм ва экстремизм имрӯзҳо моҳияти худро ба куллӣ тағйир дода, аз ҳудуди кишварҳои алоҳида берун баромада, хусусияти глобалиро дар худ касб намудааст [225, с.35].

Мафҳуми терроризм ва экстремизм дар як қатор маъниҳо, аз қабили зуроварӣ, тарсу ваҳм, даҳшатафканӣ ва истифодаи ҳама гуна амалҳои ғайриқонунӣ нисбати шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муайяни ғаразнок нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад [175]. Дар ин радиф, ҳама гуна амалҳое, ки аз

ҷониби террористон анҷом дода мешавад, ба нафъи ҷомеа нест. Зеро, иҷроиши ин гуна амалҳо мақсад ва ҳадафҳои ашхоси алоҳида ё гурӯҳҳои тундравро амалӣ месозад. Ба андешаи гурӯҳҳои алоҳидаи ифротӣ ва шахсоне, ки бевосита ин амалҳои зиштро иҷро менамоянд, терроризм ва экстремизм ҳамчун васила барои бо роҳи осон расидан ба ҳадафҳои худ мебошад. Аммо дар асл чунин нест, балки он зуҳуроти зишттарин барои инсоният ҳисобида мешаванд.

Айни замон, аз ҷониби ҳукуматҳо ва институтҳои байналмилалӣ зери истилоҳи «терроризм» зиёда аз 212 мафҳумҳои гуногун пешниҳод гардидааст, ки танҳо 90-тои он мариди истифода қарор мегирад [230]. Ҳатто метавонад, ки мафҳуми терроризм дар дохили як кишвар вобаста ба гуногунии самтҳо ё шуъбаҳо ба маънои гуногун истифода шавад. Масалан, дар Бюрои мубориза бар зидди терроризми Департаменти давлатии ИМА мафҳуми терроризм гуногун истифода мегардад. Аммо муҳим он аст, ки ҳамаи мафҳумҳои истифодашаванда ҳадафҳои сиёсиро ҳамчун як ангезаи асосӣ ишора менамоянд [189, с.38-39].

Илова бар ин, терроризм дар заминаи аслии худ бо идеалҳои фазилат ва демократия низ алоқаманд аст. Баъдан бо мурури вақт мафҳуми «терроризм» ҳаммаънои калимаҳои «ҷинояткорӣ» ва «даҳшатафканӣ» гардидааст. Дар солҳои 70-уми асри XX истилоҳи терроризм як маънои умумӣ пайдо кард ва ҳоло барои ифодаи зӯроварӣ аз ҷониби неруҳои заиф ва мухолифони хушунатгаро бо мақсадҳои сиёсӣ истифода мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 дар Паёми солонаи худ вобаста ба масъалаи терроризм ва экстремизм, ки имрӯзҳо боиси нороҳатии бошандагони сайёра гардидааст, чунин баён намудаанд: «...дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст. Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва исломгаро ё хубу бад ҷудо кардан

мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти курраи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад» [12].

Доир ба омӯзиши таҳдидҳои терроризм сиёсатшиносон, файласуфон, ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносон як қатор таҳқиқотҳо анҷом доданд, ки ҳар кадоме ба таври гуногун онро маънидод мекунанд. Таърифҳои зиёде вобаста ба терроризм, ки аз ҷониби намояндагони маъруфи илмҳои болозикр пешниҳод гардидааст, ба ҳам айният надоранд, яъне онҳо аз ҳамдигар ба таври назаррас фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ имконият медиҳад, ки аз 100 то 200 мафҳуми терроризмро ҷудо намоем. Аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо ба ҳайси таърифи классикӣ эътироф нагардидаанд [55; 89; 80; 93; 175].

Пас, дар илми муосир истилоҳи терроризм таърифи ягонаро доро набуда, онро олимону мутахассисони ҳамаи кишварҳо ва институтҳои байналмилалӣ бо маъноҳои гуногун мавриди истифода қарор медиҳанд [49, с. 9].

Аз ин бар меояд, ки то ба ҳол терроризм аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар сатҳи зарурӣ ва кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст, ки яке аз сабабҳои он бо маъноҳои гуногун истифода гардидани мафҳуми «терроризм» мебошад. Ҳамзамон, то ба имрӯз дар зери як маъно истифода гардидани истилоҳи «терроризм» масъалаи баҳсбарангез барои муҳаққиқон боқӣ мондааст. Чуноне, ки муҳаққиқи амрикоӣ, коршиноси масоили терроризм Алекс Шмидт дар солҳои 80-уми қарни гузашта қайд карда буд, «намояндагони илмҳои гуногун қариб ҳамон миқдор ранг рехтанд, ки террористон хун рехтанд, аммо то ҳол дар бораи мафҳуми терроризм ба як хулосаи умумӣ наомадаанд» [210]. Аз гуфтаҳои ӯ бар меояд, ки бо гузашти зиёда аз 40 сол ҳанӯз ҳам истилоҳи «терроризм» ба таври мушаххас маънидод нагардидааст.

Аз ин рӯ, бидуни дарки аниқи истилоҳи «терроризм», таъсири онро ба муносибатҳои одамон, кишварҳо ва минтақаҳо таҳлил намудан ғайриимкон мебошад. Истилоҳи «терроризм» имрӯзҳо яке аз серистифодатарин истилоҳ ба ҳисоб рафта, дар луғати муосир дорои мафҳумҳои сиёсӣ мебошад [174, с. 74-

82]. Вай бештар зери мафҳумҳои қатлу куштор, ҷинояткории муташаккил, одамрабоӣ, қочоқ, ташкили ҳама гуна амалҳои зӯроварона алайҳи шаҳрвандон ё шахсони алоҳида фаҳмида мешавад.

Дар баробари ин, мавҷуд набудани таърифи ягонаи мафҳуми «терроризм» муборизаро бар зидди ин зуҳурот мураккаб месозад. Зарурати мафҳуми ягонаи «терроризм» дар он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тавонад дар зери мафҳуми муайян ҳамкориҳо, заминаҳои ҳуқуқӣ ва стратегияҳои байналмилалиро дар мубориза ба терроризм таҳия намоянд, то ки дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд [31; 34; 37; 41; 219].

Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ Г.Н. Зокиров, «Терроризм - шакли канораи экстремизми сиёсӣ ва зӯроварии системанок аз ҷониби неруҳои сиёсӣ дар нисбати субъектҳои дигари сиёсӣ ва идоракунӣ мебошад. Дар сиёсат дар лаҳзаҳои бештар зиддиятнок ва муборизаи шадид истифода мешавад ва барои ин ё он таркибот ё ҳаракати сиёсӣ хатарнок аст» [40]. Бо ин андеша метавон рози шуд, зеро терроризм ва экстремизм, тавре ки муҳаққиқ қайд менамояд, на танҳо шакли ифротии фаъолияти сиёсӣ, балки воситаи расидан ба ҳадафҳои гурӯҳҳои муайян бо роҳи зӯроварӣ низ маҳсуб мешаванд. Илова бар ин, ин падидаҳо дорои хусусияти фаромиллӣ ва низоъмандии сиёсӣ буда, на танҳо ба идоракунии дохилӣ, балки ба суботи байналмилалӣ низ таъсир мерасонанд. Чуноне ки муҳаққиқ таъкид менамояд, ин таҳдидҳо бештар дар шароити буҳронӣ ва рақобати шадиди сиёсӣ зуҳур мекунанд ва метавонанд боиси ноустувории иҷтимоӣ ва амниятӣ гарданд.

Олими дигари маъруфи ватанӣ А. Муҳаммад мафҳуми терроризмро чунин тевзеҳ додааст: «Терроризм ин зуҳуроти таърихиест, ки дар тули асрҳои зиёд ба унвони як хатар ва ё фоҷеабортарин рӯйдод шинохта шудааст». Дар дигар маврид терроризмро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ ӯ чунин навиштааст: «... терроризм ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ буда, заминаҳои онро зиддиятҳои иҷтимоие ташкил менамоянд, ки дар худ амалҳои идеологию ифротгароиро барои гузаронидани амалҳои террористӣ доранд. Ин як шакли амалии муборизаи сиёсиест, ки дар он усул ва шаклҳои маҷбуркуниро мавриди

истифода қарор медиҳанд» [53, с. 299-300]. Бешубҳа, андешаҳои муҳаққиқ аз лиҳози таҳлилӣ асоснок буда, аҳамияти онҳо дар фаҳмиши моҳияти терроризм ва экстремизм возеҳ ба назар мерасанд.

Бо дарназардошти таҳлилҳои адабиёти илмӣ ва гуногунрангии назари муҳаққиқон, метавон хулоса кард, ки сабабҳои асосии норавшан будани мафҳуми «терроризм» ва истифода нагардидани он дар як чаҳорчӯбаи маъноии ягона аз ҷониби муҳаққиқони соҳа ба як қатор омилҳои назариявӣ ва методологӣ вобаста мебошанд. Аз нуқтаи назари илмӣ, ин омилҳо чунин шарҳ дода мешаванд:

Якум, хусусияти байнисоҳавии мафҳуми «терроризм» – ин истилоҳ дар пажӯҳишҳои илмҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифта, бинобар фарқияти методология ва меъёрҳои таҳлилӣ, маънои ягона касб намекунад. Дуввум, терроризм бо ҷараёнҳои делегитиматсия ва криминализатсия – мафҳуми «терроризм» дар фазои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ на танҳо ба таври илмӣ таҳлил карда мешавад, балки ҳамчун воситаи муайянкунандаи қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани амалҳо истифода мегардад, ки дар натиҷа таърифҳои мухталиф пайдо мешаванд. Сеюм, таъсири шаклҳо ва зуҳуроти гуногуни терроризм – гуногунрангии шаклҳои терроризм, аз ҷумла терроризми сиёсӣ, идеологӣ, динӣ, фаромиллӣ ва кибертерроризм, боиси печидагии таърифи ин мафҳум мегардад. Чорум. таҳаввули таърихии истилоҳи мафҳуми «терроризм» дар тули зиёда аз ду аср, вобаста ба тағйироти геополитикӣ, таҳаввулоти низомҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва дигар омилҳои иҷтимоӣ, маънои аслии худро тағйир дода, имрӯз дар риторикаи сиёсӣ ва амниятӣ бо маъноҳои гуногун истифода мешавад.

Дар маҷмуъ, таҳлили назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки мавҷудияти таърифҳои гуногун ва ихтилофи назарии муҳаққиқон доир ба мафҳуми «терроризм» аз хусусияти серҷабҳаи ин падида ва вобастагии он ба қаринаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ маншаъ мегирад.

Вобаста ба ин масъала сиёсатшиноси нидерландӣ А. Шмид чунин ибрози ақида намудааст, ки «таъриферо, ки қобили қабули ҳамагон гардад, пайдо

намудан ғайриимкон аст, зеро раванди таърифи мафҳуми терроризм бахше аз мубоҳисаҳои васеъ дар бораи идеология ё ҳадафҳои сиёсист» [211, с. 379]. Ҳамчунин, вобаста ба масъалаи аз ҷониби кӣ муайян гардидани гурӯҳ ё ашхос, ки террорист аст, хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро «масъалаи таърифи терроризм наметавонад аз саволи мушаххасе, кӣ ӯро муайян менамояд, ҷудо бошад» [208, с. 12].

Ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон, мафҳуми терроризм ҳамчун навъҳои гуногуни зӯроварӣ фаҳмида мешавад. Маълум аст, ки зӯроварӣ ва терроризм бо ҳам басо алоқамандии зич доранд. Бо дарназардошти ин, дар ибтидо терроризм ҳамчун як навъи зӯроварӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешуд. Ҳамин тавр, таҳлилгарони амрикоӣ В. Маллинсон ва С. Маллинсон дар зери мафҳуми терроризм истифодаи зӯроварӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои оммавӣ ва сиёсиро дар назар доранд [227, с.36-39]. Коршиноси амрикоӣ Б. Хоффман терроризмро ҳамчун амали зуроварӣ ё таҳдид ба аҳолӣ дар роҳи ноилгардӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ муайян намудааст [204; 205]. Бо назардошти 16 унсури маъмултарин, ки бештар ба зуроварӣ алоқамандӣ доранд, А. Шмид терроризмро ҳамчун як усули барангехтани тарсу ҳарос тавассути амалҳои зӯроварона медонад [210, с.28].

Муҳаққиқони рус К.В. Жаринов, М.Н. Шахов, Е.А. Степанова вобаста ба алоқамандии зуроварӣ бо терроризмро маънидод намудаанд. Масалан, К.В. Жаринов таъкид менамояд, ки терроризм ин роҳ, усул ва тарзи ҳалли мушкилоти сиёсӣ тавассути зуроварӣ мебошад [37]. М.Н. Шахов терроризмро ҳамчун таҳдид ба шахсият, ҷамъият ва давлат медонад, ки аз ҷониби шахсон ва гурӯҳҳои алоҳида амалӣ карда мешавад [84, с.80]. Степанова Е.А. бошад, терроризмро чунин шарҳ додааст, ки «терроризм зӯроварии барқасдона ё таҳдиди хушунат аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ нисбати шаҳрвандон ва аҳолии осоишта аст, ки мақсади асосии он бо роҳи фишор ба давлат ва ҷомеа ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсии худ мебошад» [162, с. 23-32].

Як қисми дигари олимон бар он назаранд, ки терроризм як навъи фаъолияти ҷинояткорӣ мебошад. Аз ҷумла, таҳлилгари амрикоӣ таъкид

менамояд, ки терроризм ҳама гуна амалест, ки худ як ҳамла, бахусус ҳамлаи хушунатомез аст [198]. Муҳаққиқон М.Ҳ. Ливингстон ва Л. Кресс терроризмро ҳамчун «истифодаи ғайриқонунии қувва» муайян намудаанд [209].

Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани таърифи комили илмии терроризм сабаби як қатор мушкилот ва нофаҳмиҳо дар қонунгузории кишварҳои алоҳида гардидааст. Аз ин рӯ, на дар ҳама қонунгузории зиддитеррористии кишварҳо таърифи терроризм якранг аст. Зери мафҳумҳои гуногун инъикос гардидани терроризмро дар якчанд қонунгузории кишварҳо дида мебароем. Масалан, мафҳуми «терроризм» дар қонунгузории Ҷумҳурии Федеративии Олмон чунин шарҳ дода шудааст: «муборизаи бардавом ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, бо роҳи ташкил намудани ҳамла ва сӯиқасд ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти дигарон мебошад» [176].

Дар қонуни зиддитеррористии Британияи Кабир терроризм ҳамчун «амал ё таҳдиде, ки бевосита ҳадафи он таъсир расондан ба ҳукумат ё тарсонидани аҳолӣ (як қисми аҳолӣ), ба даст овардани пешрафт дар ҳалли мушкилоти сиёсӣ, идеологӣ ва ё масъалаҳои динӣ, ки чунин амалҳо бо истифодаи зӯроварӣ нисбати шахс, расонидани зарар ба моликият, хатар ба ҳаёт, саломатии инсон ва амнияти ҷомеа, ҳамчунин, дахолат ва ё эҷод намудани монеа дар фаъолияти системаи электронӣ мебошад, фаҳмида мешавад» [231].

Қонуни Россия «Дар бораи муқовимат бо терроризм», ки аз 06.03.2006, №35-ФЗ мавриди истифода қарор дорад, таърифи терроризмро чунин медиҳад: «Терроризм идеологияи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ, маҳаллӣ ё созмонҳои байналмилалӣ мебошад, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва (ё) дигар шаклҳои амалҳои ғайриқонунии зӯроварӣ алоқаманданд» [4].

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки 16 ноябри соли 1999, №845 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шудааст, мафҳуми терроризм бо чунин маъно омадааст: «Терроризм – яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати

шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобуд сохтан (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) амвол ё дигар объъктҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти Конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналмилалии таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналмилалӣ содир шуда бошанд, мебошад» [1].

Қонунҳои зиддитеррористии кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ низ шабеҳи ҳамдигаранд, яъне терроризм кирдорҳоеро дар бар мегирад, ки бо ҷинояткорӣ, зӯроварӣ, несту нобуд кардани амвол, таҳдид ба шаҳрвандон ё шахсони воқеӣ, инчунин ғасби ҳокимияти давлатӣ ва ноором кардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё идеологӣ анҷом дода мешаванд.

Вобаста ба масъалаи таснифоти терроризм ҳанӯз ҳам муҳаққиқон ба ягон хулосаи муайяне наомадаанд. Таснифоти терроризм ба монанди таърифи он то

ба ҳол мавзуи баҳсбарангез боқӣ мондааст. Муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ дар бештар маврид ба 3 таснифот мароқ зоҳир намуда, онро ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аввалин таснифоте, ки мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст, ин таснифоти шахсияти террористон мебошад. Ба ақидаи онҳо, ба ҳайси субъект ё шахсияти террористон метавонад ягон гурӯҳ, давлат ва ҳукумат бо истифода аз методҳои гуногун баромад намояд. Таснифоти дуввум алоқамандӣ дорад ба тамоюли сиёсӣ, ки бевосита дар он ангезаҳои террористон тасниф мегардад. Таснифоти сеюм ин ҳадафҳои террористон ба ҳисоб меравад, ки бевосита террористон бо кадом ҳадафҳо амалҳои террористиро анҷом медиҳанд.

Дар марҳалаи кунунӣ терроризм ин сиёсат, тактика ва банақшагирии харобкорона бар зидди миллат ва ё кишварҳои алоҳида бо мақсади сарнагун намудани ҳокимияти конститутсионӣ, тарсонидани аҳолӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсӣ буда, ба таҳти фишор қарор додани сохтори давлатӣ нигаронида шудааст [37].

Вобаста ба терроризми муосир метавон қайд намуд, ки айни замон, фаъолияти террористӣ ба яке аз мушкилоти шадиди рушди тамаддун табдил ёфтааст. Пайдоиши терроризм аз қарнҳои пешин бармеояд, аммо таҳлили проблемаи терроризм дар замони муосир дар робита ба шиддат гирифтани зиддиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ва муноқишаҳои шадид дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти хоса дорад. Фаъолияти амалҳои террористии шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва созмонҳои экстремистӣ афзоиш ёфта, хусусияти он мураккабтар мегардад. Терроризм омили воқеии фалокатбори ҷомеаи башарӣ ва тиҷорати фоидаовар барои ташкилотчиёни он мебошад [71].

Мақсади терроризм, пеш аз ҳама, ноором сохтани фазои амниятии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Яке аз навъҳои маъмули терроризм дар замони муосир терроризми зиддидавлатӣ бо ҷалби гурӯҳҳои алоҳида ба анҷоми амалҳое мебошад, ки ба паст намудани боварии мардум ва бадбинии онҳо нисбати давлат равона карда шудааст. Иловатан, амалҳои террористӣ ба тамоми тартиботи байналмилалӣ хавфу хатари зиёд ба бор меоранд [80].

Терроризми муосир хусусияти фаромиллиро ба худ касб намуда, баъзе намудҳои яроқи қатли омро (бомбаҳои кимиёвӣ, бомбаҳои бактериологӣ ва ғайра) доро мебошад. Гарчанде истифодаи яроқи қатли ом дар асри гузашта аз ҷониби террористон хеле маҳдуд буд ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ на он қадар зарари зиёд расонид [228], аммо имрӯзҳо истифодаи ин намуди яроқҳо, бинобар сабаби афзудани қобилияти техникии террористон, ба таври назаррас зиёд гардидааст. Барои мисол, метавон қайд намуд, ки ДИИШ тавонист чанд анбори аслиҳаи кимиёиро дар Сурия тасарруф кунад ва бо истифода аз манобеъи илмиву фаннии худ ва ҳамчунин ҷалби мутахассисон силоҳи кимиёӣ тавлид кунад. Ин далели равшани он аст, ки созмонҳои террористии муосир на танҳо қодиранд силоҳи қатли омро истифода баранд, балки мустақилона эҷод кунанд, чунон ки дар истифодаи силоҳи кимиёвӣ бар зидди гурӯҳҳои курд нишон дода шуд.

Заминаҳои асосии фаромиллӣ гардидани терроризм низ ба пешрафти илму техника, гуногунрангии ҳадафҳои террористон, тундгароён ва муҳоҷират аз Шарқ ба Ғарб рабт дода мешавад. Дар марҳилаи кунунӣ миқёси таҳдидҳои амали террористӣ то андозае бузург, воқеӣ ва пешгӯинашаванда гардидааст ва терроризм имрӯз ба яке аз мушкилоти асосии ҷомеа мубаддал гардида, дар ҷараёни тағйирёбист ва бо унсурҳои зиддиятҳои динию мазҳабӣ зич алоқаманд аст.

Терроризми замони муосир бо зуҳуроти экстремизм алоқамандии зич дорад. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки заминаи асосии пайдоиш ва ташаккулёбии терроризми сиёсӣ маҳз экстремизм ба шумор меравад. Бинобар ин, таҳлилу баррасии ин масъала низ барои возеҳу равшан намудани моҳияти терроризм хеле муҳим мебошад. Барои дарк намудани мафҳуми экстремизм, сараввал моро зарур аст, ки маънои ин истилоҳро маънидод намоем. Дар луғати онлайнии истилоҳоти сиёсӣ омадааст, ки экстремизм ё худ ифротгароӣ ин риояи ақидаҳо, изҳорот ва дидгоҳҳои ифротӣ, таблиғ ва ё пойбанд ба ақидаҳо ва амалҳои ифротӣ мебошад, ки аз забони лотинии «extremus» гирифта шудааст [269]. Ҳамчунин, истилоҳи экстремизм ба маънои «фавқулодда,

ғайриоддӣ» ва «пайравӣ аз амалҳо, ақидаҳо, изҳороти фавқулодда, ки бар зидди меъёрҳои мавҷудаи ҷамъият аст», фаҳмида мешавад [76]. Дар як қатор луғатҳои соҳавӣ мафҳуми экстремизм ҳамчун ҷонибдорӣ намудан аз андешаҳои канорӣ, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ғаразноки ғайрирафторӣ, яъне исёну ошӯб, ғоратгарӣ, куштор ва террор маънидод карда шудааст [64]. Аз ин рӯ, экстремизм, дар умум, маҷмуи рафтори шахсон ва гурӯҳҳои алоҳидае, ки рафтори онҳо бар хилофи меъёрҳои ахлоқиву ҷамъиятӣ мебошад, фаҳмида мешавад.

Баъди ба итмом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, дар зери мафҳуми «экстремизм» режимҳои сиёсии диктаторӣ, ки ақидаҳои идеологии рост ва чап доштанд, фаҳмида мешуд. Маҳз дар ҳамин давра омезиши мафҳумҳои радикализм ва экстремизм ба амал омадаанд [202].

Инчунин, аз таҳлилҳои мавҷуда бармеояд, ки шуруъ аз миёнаҳои асри XIX дар матбуоти сиёсии Англия мафҳумҳои «экстремизм» ва «экстремист» васеъ истифода мегардид. Баъдан ин мафҳум дар ИМА дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ пайдо гашт, ки ифодакунандаи ҷонибҳои даргири Шимолу Ҷануб буд. Дар Фаронса мафҳуми «экстремизм» пас аз чанд даҳсолаи муқовимати неруҳои сиёсии чап ва рост бо ҳам дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914 - 1918) мавриди истифода қарор гирифт. Маҳз дар ин давра бори аввал мафҳуми илмии экстремизмро ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М. Лерой дар рафти гуфтушунид бо неруҳои сиёсӣ истифода намудааст. Ӯ таъкид намудааст, ки экстремист ашхосе ба ҳисоб меравад, ки бо амалҳои ғайриахлоқии худ тарафдоронашро ҷалб намуда, барои амалӣ намудани он мекӯшад [108, с. 175-186].

Гарчанде, ки мафҳуми экстремизм дар нигоҳи аввал содда ба назар мерасад, аммо дар асл он мураккаб аст. Сабаби мураккабии он низ зери мафҳумҳои гуногун истифода гардидан мебошад. Бояд зикр намуд, ки то ба ҳол мафҳуми экстремизм дар миёни олимон, муҳаққиқон ва донишмандони соҳаҳои гуногун дар зери як маъно истифода намегардад. Аз ин бармеояд, ки доир ба масъалаи омӯзиши илмии экстремизм муҳаққиқони илмҳои гуногун

дар доираи соҳаҳои худ ибрози андеша намуда, таърифҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Масалан, ба андешаи фарҳангшиносон экстремизм яке аз омилҳои асосии бегонашавии одамон аз арзишҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳои фарҳангӣ ва аслии хеш мебошад. Сиёсатшиносон бар он назаранд, ки экстремизм зуҳуроти номатлуби сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Ҳуқуқшиносон бошанд, экстремизмро ҳамчун маҷмуи амалҳои ҷиноятие, ки бар хилофи қонунгузории давлат мебошад, медонанд. Ба андешаи файласуфон, экстремизм амалҳои ғайриахлоқӣ буда, берун аз меъёрҳои ҷомеа мебошад [78].

Муаррихи муосири рус А.В. Коровиков вобаста ба хусусиятҳои экстремизм дар мамлакатҳои араб ибрози ақида намуда, чунин менависад: «ифротгароён ҷаҳонро ҳамчун манзараи сиёҳу сафед тасаввур намуда, ҳама чизро ба таври худ ва дар асоси таълимоти худ, ки хусусияти канорӣ дорад, ба хубу бад тақсим менамоянд. Онҳо одамонро ба худию бегона тақсим намуда, дар рафти ин тақсимот шиори «касе бо мо нест, душмани мо аст» -ро истифода мебаранд» [47, с.7-8].

Коршиноси қирғиз М. Койчукулов бар он назар аст, ки экстремизм табиатан хислати эътирозиро доро буда, норозигиро нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ ё ин ки нобоваріро нисбат ба мавқеи табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои қавмӣ ифода мекунад [117, с. 8-16].

Дар ин росто, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти суханронии худ дар конфронси байналмилалии «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки моҳи майи соли 2018 дар ш. Душанбе баргузор гардид, аз вусъат ёфтани фаъолияти ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ изҳори нигаронӣ намуда, таъкид дошта буданд, ки «хусусияти ҷаҳонии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд» [14]. Ба ақидаи мо, барои таърифи муфассали экстремизм зарур аст, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалиро мадди назар намоем.

Масалан, дар моддаи сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм аз 3-юми декабри соли 2003» омадааст, ки «экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезиши нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад» [2]. Аз ин бар меояд, ки ҳама гуна фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ ҷиҳати ташкил, омода ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор намудани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд, қатъиян манъ мебошад.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, таърифи ягонаи мафҳуми «экстремизм» то ҳанӯз дар илмҳои ҷомеашиносӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, бо дар назардошти таҳлилҳо ва таҳқиқҳо таърифи зерини экстремизмро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад: экстремизм ин зуҳуроти номатлуби шинохташуда ва маҷмуи ҳаракатҳои ифротӣ, ки кӯшиши ғасби ҳокимияти сиёсӣ ва заиф намудани шохаҳои он, эҷод намудани хатар ба амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва барангехтани кинаву адовати диниву мазҳабиро дар миёни ҷомеа дорад, фаҳмида мешавад.

Мафҳуму моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизмро таҳқиқ намуда, хулоса кардан мумкин аст, ки терроризм ва экстремизм дар ҳама давру замон барои инсоният хатарнок ба ҳисоб рафта, боиси заиф гардидани амнияти давлат мебошад. Онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ташаккул ёфта, дар намуди терроризми инфиродӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ зуҳур намудаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумлаи зуҳуроти терроризм ва экстремизм, нишон дод, ки мушкилоти муқовимат бо хатарҳои онҳо, пеш аз

ҳама, сабабҳои объективӣ ва субъективӣ доранд. Истифодаи имкониятҳои методологии илмӣ низ моҳияти ин масъаларо ба таври гуногун натиҷагирӣ менамояд. Шояд маҳз чунин вазъият имкон намедиҳад, ки фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳо дар мубориза бо терроризм ва экстремизм ҳамоҳанг шаванд.

Албатта, таъсири таҳдидҳои муосир ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва муқовимат ба онҳо якхела набуда, ба шароити ҷойгиршавии геополитикии давлатҳо алоқамандӣ дорад ва омӯзиши мушаххаси худро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, қисмати дигари таҳқиқоти мо ба таҳлили хусусиятҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бахшида мешавад.

1.2. Хусусиятҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ

Чуноне ки маълум аст, дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX фазои сиёсии Авруосиё, бинобар дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ, ба куллӣ тағйир ёфт. Баъди пошхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар як муддати кӯтоҳ кишварҳои алоҳида пайи ҳам соҳибистиқлолии худро эълон намуда, бо мурури вақт заминаҳои ҳуқуқии давлатдории худро дар риштаи демократӣ ба вуҷуд оварданд. Дар баробари дигар кишварҳои собиқ Шуравӣ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ аз лиҳози ҳудуд панҷ кишвари мустақил, яъне ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо гардиданд.

Бешубҳа, дар тули зиёда аз 30 сол фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ ба куллӣ тағйир ёфта, аз ҳисоби вазъи Афғонистон, сарватҳои табиӣ ва инчунин маҳалли ҷойгиршавии худ дар миёни қораи Аврупо ва Осиё рӯз то рӯз аҳамияти геостратегӣ касб менамояд, ки бозигарон дар минтақа ҷиҳати амалӣ сохтани ҳадафҳо ва манфиатҳои худ дар муборизаанд. Мубориза бо мақсади ба даст овардани нуфузи комил дар минтақа, ки таҳти унвони «бозии нави калон» маъруф аст, то ба ҳол идома дорад. Вобаста ба ин, минтақаи мазкур имрӯзҳо таваҷҷуҳи бештари ҷомеъаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда,

фазои амниятии он, ки бо фазои амнияти ҷаҳонӣ пайванди ногусастанӣ дорад, ба мушкилотҳои мавҷудаи замони муосир рӯ ба рӯ аст.

Ба ақидаи коршиноси амрикоӣ оид ба масъалаи Осиёи Марказӣ Д. Бургарт, «дар давоми таърих, Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои хос ҳузури дигаронро, яъне оғоз аз давраи арабҳову, муғулҳову, туркҳову русҳоро ба худ ҷалб менамояд. Пас ин манзара баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба куллӣ таъғйир ёфтааст. Аз соли 1991 инҷониб, минтақа аз ҷиҳати ҳувияти миллӣ, ки ҳеҷ гоҳ надошт ва аз ҷиҳати ҳувияти минтақавӣ, ки талош доранд онро бисозанд, фарқ мекунад» [218]. Аз мушоҳидаи ӯ бар меояд, ки бозигарони асосии минтақа ҳоло низ талошҳои доимии худро ҷиҳати нигоҳ доштани нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ идома дода истодаанд. Ин маънои муборизаи қудратҳои хориҷӣ барои нуфуз ё гегемония дар минтақаро дорад, дар ҳоле ки ҳар як кишвари ин минтақа барои ҳифзи сарнавишти худ дар муборизаанд.

Дар замони муосир яке аз ҳадафҳои муҳимми кишварҳои минтақа ва дар умум ҷомеаи ҷаҳонӣ ин мубориза бар зиддӣ ҳаргуна таҳдидҳо ва чолишҳои хатарзо ба монанди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ ва сепаратизми этникӣ-миллӣ ба ҳисоб меравад [38; 140; 167]. Илова бар ин, таҳдидҳо ва чолишҳои замони муосир дар минтақаи Осиё Марказӣ низ хусусияти глобалиро касб намуда, барои пешрафт ва рушди минтақа монеа эҷод менамояд. Бо назардошти вазъи кунунии минтақа, ин таҳдиду чолишҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

– афзоиши босуръати терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ;

– густариш ёфтани ифротгароии сиёсию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмиву нажодӣ, барҳурдӣ таммаддун ва тамоюлҳои идеологӣ;

– афзудани мушкилотҳои демографӣ, фақру нодорӣ, бекорӣ ва муҳоҷиратӣ оммавии идоранашаванда;

– рушди ноустувор ва нобарорӣ иқтисодӣ, рақобат ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва захираҳои стратегӣ, афзоиш ёфтани буҳронҳои иқтисодӣ;

– камбудӣ ё норасоии захираҳои ҳаётан муҳимми моддӣ, пеш аз ҳама, обу ғизо;

– тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ ва беҳдоштию эпидемиологӣ.

Дар навбати худ, чолишҳо ва таҳдидҳоро дар шароити Осиёи Марказӣ метавон ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ рабт дод. Ба омилҳои берунӣ, дар аввал, мушкилоти атрофи Афғонистон шомил карда мешавад, ки ба таҳкими амнияти минтақа таъсири ногусастанӣ дорад. Хуруҷи неруҳои эътилоф ва вазъи сиёсии ноустувор дар Афғонистон, ки бо минтақа ҳаммарз аст, таъсири манфии амиқ мерасонад. Дуввум, масъалаҳои атрофи барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон, низомигардонии соҳилҳои баҳри Каспий ва низоъи Ҳиндустон ва Покистон дар масъалаи ҳудуд мебошанд, ки дар ҳолати нооромӣ метавонанд ба амнияти минтақавӣ таъсир расонанд. Сониян, вобаста ба амнияти иттилоотӣ ва киберӣ, ки тағрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, аксарияти низоъ ва муноқишаҳо, ки дар дохили кишварҳо ба амал меоянд, дар бисёр мавридҳо аз берун тариқи технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва шабакавӣ, ки назорати онҳо душвор аст, роҳандозӣ мегардад. Амнияти иттилоотӣ ва киберӣ дар замони муосир мушкилоти глобалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки дар таҳкими амнияти минтақавӣ омилҳои берунӣ аҳамияти хосаро доранд. Таҳдидҳо ва чолишҳои глобалӣ, ки аз берун ба Осиёи Марказӣ ворид мешаванд, таъсири амиқ ба суботи минтақа ва равандҳои амниятии он мерасонанд. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти омилҳои гуногуни дохилӣ низ ба амнияти минтақа таъсиргузор дониста мешавад. Зеро вазъи сиёсии дохилӣ, иқтисодиёт, равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин носуботӣ ё ноамнӣ дар минтақа ҳамчун омили муҳимми таҳдид ба амният ба ҳисоб мераванд. Омилҳои дохилиро чунин гурӯҳбандӣ карда шуданд:

Якум, мавҷуд будани як қатор мушкилотҳои аз асри гузашта боқимонда дар миёни кишварҳои минтақа, ки то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Аз ҷумла, масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадоти кишварҳои минтақа, масалан, сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон, Ӯзбекистону Қирғизистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ғайра [109, с. 45-55]. Дуюм,

таҳдидҳо аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятқорони фаромиллӣ ва экстремизми динӣ, инчунин амалҳои террористӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ. Сеюм, хатари ба амал омадани низоъҳо дар байни қавмҳо, аллахусус дар водии Фарғона [58, с.35]. Чорум, масъалаҳои амнияти озуқаворӣ дар заминаи номутаносибии рушди демографии минтақа, низ аҳамияти махсус дорад. Панҷум, аз нигоҳи иқтисодӣ, эҳтимоли сар задани буҳронҳо ва аз нигоҳи экологӣ, зиёд шудани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, ки аз омилҳои асосии таъсиргузор ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар даҳсолаҳои охир ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ, ки яке аз амнтарин минтақа маҳсуб меёбад, як қатор таҳдидҳо таъсири худро расонида истодаанд. Чи тавре ки таъкид гардид, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои минтақа таъсири ҷиддӣ мерасонад. Осиёи Марказӣ ҳамчун як пул барои тиҷорати маводи мухаддир, ки аз Афғонистон ба Россия ва Аврупо интиқол меёбад, амал мекунад [82]. Аз ин рӯ, пешгирии ғайриқонунии интиқоли маводи мухаддир яке аз масъалаҳои ҳалногардида дар қаламрави минтақа боқӣ мондааст.

Омили дигари муҳимми таҳдидкунанда ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ин масъалаи тақсими захираҳои об, бахусус дар ду даҳсолаи охир мебошад. Масъалаи ҳалношудаи ҳавзаи об дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба манбаи ташаннуҷи шадид дар минтақа табдил ёфта, ба суботи сиёсӣ хатари эҳтимолӣ эҷод мекунад. Муноқиша миёни кишварҳои болооб (Қирғизистон ва Тоҷикистон) ва кишварҳои поёноб (Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) аз миёнаҳои солҳои 90-ум дар робита ба истифодаи захираҳои муштараки обӣ авҷ гирифт [249]. Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки захираҳои назаррасӣ карбогидрид надоранд, саъй доранд, ки соҳаи гидроэнергетикаи худро аз ҳисоби соҳибӣ ба сарчашмаҳои дарёҳо рушд диҳанд. Аз сӯйи дигар, кишварҳои поёноб, ба вижа Ӯзбекистон, барои таъмини кишоварзии худ бо миқдори зиёди об манфиатдор ҳастанд. Об ба як мавзӯи марказии муносибатҳои байнидавлатӣ табдил ёфта, боиси вохӯриҳои

мунтазам ва таъкиди зарурати ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо барои ҳалли ин мушкили дарозмуддат мегардад. Бояд зикр намуд, ки баъди ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» ва тасмим онҳо ҷиҳати кандани канали об аз Амударё вазъитро боз муташанниҷтар сохтааст.

Инчунин, ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» яке аз омилҳои муҳим дониста мешавад, ки таҳдидҳоро аз он сӯи Ому ба кишварҳои минтақа дучанд сохтааст [146, с. 61-66].

Ба иттилои манобеи мухталиф, дар манотиқи шимоли Афғонистон гурӯҳҳои террористӣ фаъолият доранд, ки метавонанд барои кишварҳои минтақа, бахусус Тоҷикистон хатар эҷод кунанд. Аз ин лиҳоз, борҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд баромад намуда, пешниҳоди бунёди «камарбанди амниятӣ»-ро дар атрофи Афғонистон ба миён гузошта буд, то ки минтақа аз таҳдидҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, инчунин паҳншавии маводи мухаддир эмин бошад.

Бори аввал бунёди «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистонро соли 1998 дар иҷлосияи 20-уми Маҷмаи Умумии СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузошт ва мутаассифона, ин пешниҳод аз ҷониби кишварҳои марбут дар вақти зарурӣ амалӣ карда нашуд ва дар натиҷа воқеаҳои фоҷеабори ИМА амалӣ шуданд ва Афғонистони бесубот ба макони терроризми байналмилалӣ мубаддал гардид [74, с. 199].

Дар ин росто, доир ба масъалаи таҳдиди гурӯҳҳои террористӣ ба фазои минтақа Президенти кишвар дар рафти мулоқоти ғайринавбатии сарони кишварҳои СААД иброз намуданд, ки ДИИШ дар марзҳои шимолу шарқи Афғонистон неруъ ҷамъ мекунад ва тибқи маълумоте, ки дар ихтиёри хадамоти махсус мавҷуд аст, ҳоло дар наздикии марзҳои ҷанубии СААД ҳудуди 6 ҳазор ҷангҷӯ ва беш аз 40 ячейкаҳои омӯзишии террористӣ ҷойгир шудаанд. Дар ин робита хостори таҳкими марзи Тоҷикистону Афғонистон тавассути эҷоди «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон иброз намуданд.

Чуноне, ки дар боло зикр намудем, дар Афғонистон баъди ба сари қудрат омадани «Толибон» фазои амниятии минтақа боз пешгӯинашаванда гардид ва «Толибон»-ро то ба имрӯз кишварҳои минтақа ва ҳамчунин кишварҳои абарқудрат ба расмият нашинохтаанд ва дар ин масъала шитобкор ҳам нестанд. Вазъи ноустувор дар ин кишвар ҳамчун омили асосии таҳдидкунанда боқӣ монда, ҳар лаҳза боиси сарзади ноамнӣ дар минтақа дониста мешавад.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақа борҳо шоҳиди оқибатҳои фоҷеабори гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ гардидаанд. Тибқи маълумоти Маркази зиддитеррористии ИДМ то соли 2023, фаъолияти як қатор гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар қаламрави кишварҳои минтақа мамнуъ эълон шудааст. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолияти 23 гурӯҳ, дар Ҷумҳурии Қирғизистон 20 гурӯҳ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 гурӯҳ ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 гурӯҳ бо қарори мақомоти судии кишварҳои зикршуда ҳамчун созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ шинохта шуда, фаъолияти онҳо манъ гардидааст.

Мавҷуд набудани рӯйхати ягонаи гурӯҳҳои террористӣ дар миёни кишварҳои минтақа муборизаро бар зидди ин зуҳурот коста мегардонад. Илова бар ин, то ҳол рӯйхати ягонаи гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабили ИДМ, СААД ва СҲШ, ки кишварҳои минтақа узви комилҳуқуқи онҳо мебошанд, низ таҳия нашудааст, ки феҳрасти пурраи он метавонист дар самаранокии ҳамкориҳо ва дар таҳкими амнияти минтақа саҳмгузор бошад.

Вобаста ба таҳияи рӯйхати ягонаи гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо пешниҳодҳо ба сарони кишварҳои узви ИДМ, СААД ва СҲШ ироа гардидааст. Бори аввал 18 декабри соли 2020 дар рафти мулоқоти сарони кишварҳои узви ИДМ Президенти кишвар чунин ибрози ақида намуданд: «чунин мешуморам, ки дар чорчӯби ИДМ таҳия намудани рӯйхати ягонаи созмонҳои террористӣ ва экстремистии дар қаламрави кишварҳои узви ИДМ мамнуъ зарур аст»[15]. Сониян, санаи 11 январи соли 2022 баъди ҳодисаҳои рухдодаи оғози моҳи январ дар Қазоқистон

мулоқоти ғайринавбатии сарони кишварҳои узви СААД баргузор гардид, ки дар рафти баромади худ Президенти Тоҷикистон таҳия намудани рӯйхати ягонаи гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистиро дар доираи СААД пешниҳод намуд. Ҳамин тавр, ҷониби Тоҷикистон пайваста солҳои охир таҳияи рӯйхатҳои ягонаи созмонҳои террористӣ ва экстремистиро пешниҳод мекунад. Аммо, бинобар сабаби дигаргун тафсир гардидани мафҳумҳои терроризм ва экстремизм дар қонунгузории кишварҳо то кунун имконият фароҳам наомадааст, ки кишварҳо рӯйхати ягонаро таҳия ва тасдиқ намоянд.

Зарурати таҳияи рӯйхати ягона дар он аст, ки кишварҳо тавонанд дар ҳамбастагӣ бар муқобили ин ё он гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ мубориза баранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки «Созмони таблиғот» аз соли 2006 бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти экстремистӣ ва террористӣ дониста шудааст, аммо дар қаламрави дигар кишварҳои минтақа ва кишварҳои узви созмонҳои минтақавӣ, метавонад озодона фаъолият намояд. Мисоли дигар, дар Тоҷикистон «Гурӯҳи 24» ҳамчун созмони экстремистӣ шинохта шуда, фаъолияти он дар қаламрави кишвар манъ шудааст. Аммо аъзои он дар баъзе кишварҳои минтақа метавонанд ба таври озодона ба фаъолият машғул шаванд, зеро тибқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории ин кишварҳо, «Гурӯҳи 24» дар он ҷо расман ҳамчун созмони мамнуъ ё экстремистӣ эътироф нагардидааст. Дар натиҷа, барои маҳдуд сохтани фаъолияти онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ монеа вуҷуд надорад. Чунин мисолҳо вобаста ба фаъолияти ин ё он гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ дар қаламрави кишварҳои минтақа хеле зиёд мебошанд.

Як қатор гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистие, ки дар минтақа нисбатан фаъоланд ва пайваста амалҳои нохуш содир менамоянд ва дар ин замина ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсиррасон ба ҳисоб мераванд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Бояд тазаккур дод, ки «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ҳамчун яке аз созмонҳои террористӣ дар ҳудудҳои минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти густурда дорад. Фаъолияти ҳаракати мазкур дар қаламрави кишварҳои

минтақа мамнуъ буда, аз ҷониби мақомоти қудратии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун ҳаракати террористиву экстремистӣ эътироф гардидааст. Ба таърихи оғози фаъолияти ҳаракати мазкур назар афканем, маълум мешавад, ки соли 1996 дар вилояти Тахори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таъсис ёфтааст ва заминаи аслии пайдоиши он гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистии «Ислом адолатӣ» ва «Ислом лашкарларӣ» мебошад [268].

Бо вуҷуди он ки фаъолияти ҲИЎ мамнуъ эълон шудааст, амалан гурӯҳҳои ба он вобаста то ҳол дар минтақа ва берун аз он фаъолият доранд. Аз ҷумла, баъзе шохаҳои ҲИЎ дар Сурия ва Афғонистон бо гурӯҳҳои дигар, ба монанди «Толибон» ва «Ал-Қоида» ҳамкорӣ мекунанд. Ин бошад, саволеро ба миён меорад: оё танҳо мамнуъ эълон кардани гурӯҳ метавонад таъсири онро коҳиш диҳад? Мамнуъ эълон кардани гурӯҳи террористӣ метавонад таъсири фаъолияти расмии онҳоро коҳиш диҳад ва фазои ҳуқуқӣ барои мубориза бо онҳо фароҳам оварад. Аммо, таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки танҳо манъ кардани онҳо барои аз байн бурдани таҳдид кофӣ нест. Гурӯҳҳо бо тағйири ном, мутобиқсозии стратегияи худ ва муттаҳидшавӣ бо дигар созмонҳо фаъолияти худро идома медиҳанд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ҳаракати мазкур дар якчанд марҳилаҳо ташаккул ёфтааст ва онҳоро ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд: марҳилаи якум - солҳои 1988-1990, ки дар ин марҳила аввалин намоиши оммавӣ дар Тошканд баргузор гардид ва гурӯҳи диншиносон ҳимоят аз «ислоҳот дар ислом»-ро намуданд. Марҳилаи дуввум солҳои 1990-1991 дар бар гирифта, дар ин давра ҲИЎ ҳамчун ташкилоти динӣ-сиёсӣ вориди минтақаи Осиёи Марказӣ мегардад. Марҳилаи сеюм солҳои 1992-1996 фаро гирифта, асосан дар ин марҳила ҲИЎ ҳамчун ҳаракати ягонаи исломӣ, сохтор, ҳайати фармондеҳӣ ва воҳидҳои худро таъсис дод. Марҳилаи чорум солҳои 1996-2000 оғози аввалин задухӯрдҳои мусаллаҳона ва содир намудани фаъолияти террористӣ дар минтақа мебошад. Марҳилаи панҷум аз соли 2001 то имрӯз тақсим гардидани ҲИЎ ба якчанд гурӯҳи мустақил мебошад [134, с.130-134].

Ин тақсимбандӣ нишон медиҳад, ки ҲИЎ тавонистааст мутобиқи вазъи сиёсиву амниятӣ стратегия ва сохтори худро тағйир диҳад. «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» худ як гурӯҳи нимнизомии салафию ҷиҳодӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи асосии он таъсис додани давлати алоҳида дар водии Фарғона аз ҳисоби ҳудудҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки мувофиқи нақшаи таҳиягардида ин давлат дар худ номи Хилофати Ҷаҳонии Ислом, ки марзи он Шарқи Наздик ва Қафқозро дар бар мегирад, касб менамуд. Чи тавре ки маълум аст, водии Фарғона яке аз минтақаҳои сераҳолитарин ба ҳисоб меравад ва бинобар сабаби баланд будани сатҳи бекорӣ ва мавҷудияти идеологияи динӣ ҷалб намудани бошандагони ин минтақа ба ҳар гуна созмонҳои радикалӣ нисбатан осон аст ва омилҳои болозикр сабаби асосии интихоби ин водӣ дониста мешавад.

Чуноне, ки дар боло зикр карда шуд, ҲИЎ на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар дигар кишварҳои минтақа низ хатар ва монеа эҷод намуда, дар солҳои гуногун амалҳои террористиро содир намудааст. Барои мисол метавон, қайд намуд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ҳаракатҳои зертобеи ҲИЎ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик ҳамкории зич дошта, ҳамчун «қанот»-и ИМТ ба ҳисоб мерафт ва дар содир намудани амалҳои террористӣ дар қаламрави Тоҷикистон саҳмгузор аст. Илова бар ин, дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар канори ИМТ бар муқобили ҳукумати феълии Тоҷикистон мубориза бурдааст. Аммо пас аз оташбаси миллӣ тарафдорони ҳаракати мазкур хоки Тоҷикистонро тарк намуда, ҷониби қаламрави Афғонистон фирор намуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар охирҳои соли 90-ум фаъолияти террористӣ ва экстремистии ҲИЎ дар Ӯзбекистон ба авҷи аъло расид, яъне дар қаламрави ин кишвар як қатор амалҳои террористии хунин, аз ҷумла амали террористии моҳи феврали соли 1999 дар маркази шаҳри Тошканд бо тарконидани панҷ мошинҳои пур аз маводҳои тарканда анҷом дода шуд, ки дар натиҷаи он 20 нафар кушта ва беш аз 120 нафар захмӣ гардиданд. Дертар, собиқ Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ва раҳбарони хадамоти амниятӣ ва пулиси ин

кишвар эълон намуданд, ки масъулияти ин амали террористиро пайравони ҲИЎ бар дӯш доранд [217, с. 542-549].

Ҳамзамон, солҳои 1999 ва 2000 Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар пасманзари нооромиҳои фазои амниятии минтақа ба як қатор мушкилотҳои хусусияти экстремистидошта рӯ ба рӯ гардид ва зери ҳадафи ҳамлаи ҷангҷӯёни ҲИЎ қарор гирифт. Моҳи июли соли 1999 ҷангиёни ҲИЎ ҳангоми убури ғайриқонунии сарҳад ва ворид гардидан ба қаламрави Ӯзбекистон дар ноҳияи Боткенти Қирғизистон задухӯрди ҷангиёни ҲИЎ ва мақомоти қудратии Қирғизистон ва Ӯзбекистон сурат гирифт. Дар натиҷаи амалиёт гурӯҳи ҷангиён пурра нобуд карда шуд.

Баъди шуруъ гардидани амалиётҳои зиддитеррористии ИМА ва кишварҳои Ғарб дар Афғонистон, урдугоҳҳои ҲИЎ дар Қундуз маскун буда, мавриди ҳадаф қарор гирифт. Дар урдугоҳҳои харобгардида миқдори зиёди далелҳо пайдо гардиданд ва он шаҳодат аз он медод, ки «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ҳамкориҳои хуберо бо «Толибон» ва «Ал-Қоида» ба роҳ мондааст [194, с.107-109]. Метавон қайд намуд, ки маҳз амалиётҳои зиддитеррористии ИМА буд, ки таҳдиди ҲИЎ дар оянда дар фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ каме коҳиш ёфт.

Ҳамин тариқ, шуруъ аз моҳи октябри соли 2002 «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ба «Ҳаракати Исломии Туркистон» ивази ном кард ва ҳадафи аввалиндараҷаи худ таъсиси давлати исломӣ дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ боқӣ монд. Ногуфта намонад, ки бештари ҷангҷӯёни ҳаракати мазкурро бошандагони минтақа, яъне шаҳрвандони Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Чин (уйғурҳо) ташкил медиҳанд. Онҳо дар ҳамбастагӣ бо дигар созмонҳои террористӣ дар ячейкаҳои террористӣ тамрини касбӣ ёфта, дар амалиётҳои террористии кишварҳои минтақа, Чеченистон, Афғонистон, Покистон фаъолона ширкат варзидаанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки солҳои охир гаравидани муҳоҷирони ӯзбек, ки дар қаламрави Россия қарор доранд, ба сафи ҲИТ мушоҳида карда мешавад [240]. Ба гуфтаи коршиносони Пажӯҳишгоҳи

таҳқиқоти байналмилалӣ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан дар Қирғизистон, ҲИТ нуфузи худро мустаҳкам намудааст ва тақрибан 3000 нафар онро пайравӣ мекунанд. Дар робита ба ин, соли 2013 аз ҷониби мақомоти қудратии Қирғизистон чанд нафар пайравони «Иттиҳоддияи ҷиҳоди исломӣ»-ро боздошт намуданд, ки мақсади анҷом додани як силсила ҳамлаҳои террористиро дар ҷараёни нишасти сарони СҲШ дар шаҳрҳои Бишкек ва Ош доштанд [79, с.30-31]. Аз ҳодисаҳои мазкур метавон қайд намуд, ки муҳити муҳоҷират ва осебпазирии иқтисодӣ метавонад ба гаравидани ҷавонон ба сафи ҲИТ мусоидат намояд. Ин ҳолат зарурати татбиқи чораҳои мушаххасро аз кишварҳои минтақа талаб менамояд. Аз ҷумла, беҳтар кардани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои минтақа бо давлатҳое, ки муҳоҷирон дар он ҷо фаъолият мекунанд, як қадами муҳим дар мубориза бо ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ мебошад. Ҳамчунин, бо таҳкими барномаҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ, гаравидани ин қишри осебпазир ба сафи гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ як чорабинии ҷиддӣ ва зарурӣ барои пешгирии радикализм ва таъмини суботи иҷтимоӣ ва амниятӣ дониста мешавад.

Ғайр аз ҲИӮ, яке аз созмонҳои террористии байналмилалӣ, ки яке аз бузургтарин созмони террористӣ ба ҳисоб меравад ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдиду хатарҳои гуногунро эҷод кардааст, созмони террористии «Ал-Қоида» мебошад. Ин созмони террористӣ солҳои 80-уми асри гузашта бо идеологияи ваҳҳобизм таъсис ёфтааст. Асосгузори созмони террористии «Ал-Қоида» Усома бин Лодан аз Арабистони Саудӣ мебошад, ки дар ташкили як қатор ҳамлаҳои террористӣ, аз ҷумла ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2001, дар ҷаҳонишавии ин созмон нақши калидӣ бозид. Пайдоиши созмон мустақиман бо фаъолияти Усома бин Лодан иртиботи зич дорад, зеро ӯ ҳанӯз соли 1979 дар Афғонистон фаъолияти низомӣ ва сиёсиро оғоз намуда, дар миёнаҳои солҳои 1980 ба муҷоҳидини афғон кӯмак мерасонид. Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиётҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ИМА дар таъсиси ин созмон саҳмгузор буда, дар доираи амалиёти «Сиклон» бо мақсади мубориза бар зидди Иттиҳоди

Шуравӣ дар Афғонистон ба муҷоҳидини афғон маблағгузорӣ намудааст. Шумораи зиёди зархаридони араб ба ин созмон ҳамроҳ гардиданд, ки теъдоди онҳо аз 43 давлат тақрибан 35 ҳазор нафарро ташкил медод [203].

Ҳадафи аслии «Ал-Қоида» сарнагун кардани ҳукуматҳои дунявӣ дар кишварҳои исломӣ ва таъсиси «Хилофати бузурги исломӣ» буд, ки бояд то соли 2100 зиёда аз 54 давлатро муттаҳид мекард. Ин ҳадаф ба истиқрори ҳукмронии радикалии исломӣ ва паҳн намудани идеологияи ҷиҳодӣ нигаронида шуда буд. Дар ибтидои солҳои 90-ум «Ал-Қоида» тавонист бо гурӯҳҳои хурди террористӣ ва экстремистӣ ба истилоҳ «ҷиҳодӣ» ҳамкории густурдаро ба роҳ монда, садҳо гурӯҳҳои хурди ҷиҳодиро, ки дар кишварҳои мусулмонӣ мустақар буданд ва бар зидди ҳукуматҳои худ меҷангиданд, муттаҳид созад.

Ҳангоми хуруҷи низомиёни Шуравӣ аз хоки Афғонистон, «Ал-Қоида» муборизаро бар зидди кишварҳои ғарбӣ хусусан ИМА, инчунин бархе аз кишварҳои исломӣ ба роҳ монд. Баъди мавриди ҳамла қарор гирифтани сафоратхонаҳои ИМА дар Танзания ва Кения дар соли 1998, содир намудани амалҳои террористии моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА ва ҳамлаҳои Мадрид дар моҳи марти соли 2004, созмони террористии «Ал-Қоида» дар ҷаҳон ба хатарноктарин созмони террористӣ табдил ёфт [27, с.8-9].

Амалиётҳои террористӣ дар штати Ню-Йорк, тарконидани 2 бинои Маркази савдои ҷаҳонӣ тавассути ҳавопаймоҳои гаравгон гирифташуда ва ҳамла ба бинои Вазорати мудофиа дар штати Вашингтон шуҳрату мақоми созмони мазкурро баланд бардошт. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки «Ал-Қоида» на танҳо ҳамчун як созмони мустақили террористӣ фаъолият мекард, балки дар шароити мухталифи сиёсӣ ва геостратегӣ ба василаи баъзе қудратҳо барои тағйир додани тавозуни сиёсӣ дар минтақаҳо истифода мешуд. Илова бар ин, таҳлили равандҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки «Ал-Қоида» бо вуҷуди талафоти бузург ва маҳв шудани раҳбаронаш, стратегияи худро доиман мутобиқ сохта, бо дигар гурӯҳҳои террористӣ, аз қабили ДИИШ ва Толибон, муносибатҳои зич барқарор кардааст. Ҳамин тавр, сустшавии фаъолияти «Ал-

Қоида» набояд ҳамчун нобудшавии комили он маънидод шавад, зеро идеологияи он дар шаклҳои гуногун боқӣ мондааст ва то ҳол аз тарафи гурӯҳҳои дигари радикалӣ истифода мешавад.

Сардори Идораи федералии ҷиноятии Олмон У. Керстен иброз медорад, ки шумораи пайраовни созмон тақрибан 70 000 нафарро ташкил медиҳад, ки дар тамрингоҳҳои Афғонистон, Покистон, Сомалӣ, Судон ва Босния таълим гирифтаанд [88, с.-12-13].

Миқёси ҷуғрофии таъсири «Ал-Қоида» нишон медиҳад, ки ин созмон бо вуҷуди маҳв шудани баъзе пойгоҳҳои калидии худ, ҳамоно дар манотиқи гуногуни ҷаҳон тавассути гурӯҳҳои вобаста ва шохаҳои дигари худ фаъолият дорад. Масалан, дар баъзе кишварҳои Африқо ва Шарқи Наздик, гурӯҳҳои маҳаллӣ ҳанӯз ҳам бо идеологияи «Ал-Қоида» пайравӣ карда, барои таъсиси «Хилофати исломӣ» талош меварзанд. Ин далел зарурати идомаи муборизаи ҳамоҳангшудаи байналмилалиро нишон медиҳад, то таъсири он дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ коҳиш дода шавад.

Илова бар ин, таҳлилгари амрикоӣ Б. Ҳоффман қайд мекунад, ки «Ал-Қоида» тавонист тақрибан 20 гурӯҳи террористии мухталиферо, ки дар кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ амал мекунанд, муттаҳид созад. Ин иттиҳод ба созмон имкон дод, ки нуфуз ва мавқеи худро тавсеа диҳад ва ҳамчунин мавқеашро дар минтақаҳо таҳким бахшад. Тибқи маълумотҳои пешниҳод намудаи ӯ, теъдоди ҷанҷӯёни «Ал-Қоида» дар Сурия тақрибан 20 ҳазор, дар Яман тақрибан 4 ҳазор, дар Сомалӣ тақрибан 7 ҳазор, дар Ливия тақрибан 5 ҳазор, дар кишварҳои Мағриб тақрибан 4 ҳазор, дар Индонезия 3 ҳазор, дар Миср 1 ҳазор, дар Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон тақрибан 800 ва дар Россия тақрибан 100 нафарро ташкил медиҳад [223].

Имрӯзҳо дар баробари дигар созмонҳои террористӣ ҳамчунин фаъолияти «Ал-Қоида» дар Осиёи Марказӣ каме коста гаштааст ва метавон қайд намуд, ки дар панҷ соли охир ягон амалиёти террористӣ мансуб ба созмони мазкур дар минтақа иҷро нагардидааст. Бояд тазаккур дод, ки «Ал-Қоида» бо дигар

ҳаракату созмонҳои дар минтақа фаъолияткунанда аз қабили ҲИЎ, «Ҳизб-ут-таҳрир», «Бародарони мусулмон», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ҳамкории хубро ба роҳ мондааст ва дар ин радиф маҳз «Ал-Қоида» дар таъсисёбии созмонҳои болозикр заминагузор мансуб меёбад. Бо назардошти ин таҳлил, метавон хулоса кард, ки «Ал-Қоида» ҳамчун як идеология ва шабакаи глобалӣ боқӣ мемонад. Дар ин замина, кишварҳои минтақа бояд стратегияҳои зиддитеррористии худро на танҳо ба ҷанг бо гурӯҳҳои мавҷуда, балки ба муқовимат бо таблиғоти онҳо низ равона созанд.

Дар шароити имрӯза, ки хавфу хатари терроризм ва экстремизм вазъи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро ҳассос намуда истодааст, таҳдиди террористии ҳаракати «Толибон» бештар мешавад. Бахусус, баъди ба сари қудрат расидани он вазъият куллан тағйир ёфтааст, зеро он ҷунбиши исломии радикалии динӣ ва сиёсии ниманизомӣ ба ҳисоб рафта, дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолияти он мамнуъ мебошад.

Ҳаракати мазкур соли 1994 дар шаҳри Қандаҳори Афғонистон аз ҳисоби гурезаҳои афғон, ки аксарияти онҳо фаъолона дар амалиётҳои ҷангӣ бар зидди Иттиҳоди Шуравӣ иштирок намудаанд, ташкил карда шудааст. Ҳадафи асосии «Толибон» сарнагун намудани ҳукумати ҳамонвақтаи Афғонистон ва таъсис додани Аморати Исломӣ дар ин кишвар бар пояи шариат буд, ки онҳо ба мақсади худ муяссар гардиданд ва аз соли 1995 то 2001 аксари қаламрави ин кишварро зери итоати худ дароварда, сари қудрат омаданд.

Чуноне ки маълум аст, соли 1996 ҳаракати «Толибон» ҳамкориҳоро бо гурӯҳи террористии «Ал-Қоида» шуруъ намуд ва дар қаламрави худ ба аъзоёни ин созмон аз ҷумла, роҳбари он Усома бин Лодан паноҳгоҳ дод. Пас аз ҳамлаҳои террористии моҳи сентябри соли 2001 ИМА аз «Толибон» талаб кард, ки Усома бин Лоданро истирдод кунад, аммо азбаски истирдод анҷом наёфт, ИМА ва НАТО амалиёти зиддитеррористии худро дар қаламрави Афғонистон барои нобуд кардани зерсохтори террористӣ ва пешвоёни «Ал-

Қоида» шуруъ намуд ва ин амал боиси аз сари қудрат дур гардидани «Толибон» гардид.

Бояд қайд намуд, бевосита омилҳои зерин, яъне таъмини паноҳандагӣ ба Усома бин Лодан ва тахриби ёдгориҳои меъмории буддоӣ, аз ҷумла муҷассамаҳои Буддои Бомиён боиси ташаккули симои манфии «Толибон» дар назари ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид [30, с.86-88]. Бо вуҷуди шикасти низомии «Толибон» дар соли 2001, онҳо тавонистанд стратегия ва сохтори худро нигоҳ доранд [171, с. 81-89]. Ҳолати барқароршавии қудрати онҳо дар соли 2021 нишон дод, ки муборизаи низомӣ бар зидди чунин ҳаракатҳо танҳо ҳалли муваққатӣ буда, бе бартараф намудани решаҳои иҷтимоӣ ва идеологӣ, онҳо метавонанд дубора фаъол шаванд.

Маҳз солҳои гуногун ИМА гуфтушунидҳоро бо роҳбарони ҳаракати «Толибон» вобаста ба барқарор намудани сулҳ ва пойдории он дар қаламрави Афғонистон гузаронидааст. Дар охир, 29 феврали соли 2020 дар шаҳри Дохаи давлати Қатар Созишномаи барқарор намудани сулҳ дар Афғонистон, ки «Созишномаи Доҳа» ном гирифтааст, миёни ИМА ва ҳаракати «Толибон» ба имзо расид. Созишномаи мазкур хуруҷи неруҳои ИМА ва НАТО аз Афғонистон то 1 майи соли 2021, манъи фаъолияти «Ал-Қоида» ва дигар гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар қаламрави таҳти назорати «Толибон» ва ҳамчунин оғози музокироти онҳо ва ҳукумати Афғонистонро пешбинӣ менамуд.

Ҳамин тавр, хуруҷи неруҳои ИМА на дар вақти муайянгардида, балки то моҳи августи соли 2021 давом ёфт. Баъди фирори раисҷумҳури Афғонистон Ашраф Ғанӣ 15 августи соли 2021, ҳаракати «Толибон» шаҳри Кобулро зери итоати худ даровард ва расман дубора ҳастии «Аморати Исломии Афғонистон» -ро эълон намуд. «Аморати Исломии Афғонистон» то ба имрӯз аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ расман шинохта нашудааст. Нокомии ҳукумати Афғонистон дар муқовимат бо «Толибон» нишон медиҳад, ки бидуни ташкили ҳукумати устувори фарогир ва муттаҳидсозии неруҳои мухталиф, ҳар гуна низоми давлатдорӣ метавонад

осебпазир боқӣ монад. Инчунин, эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ ба неруҳои низомии Афғонистон, ки аз ҷониби НАТО омӯзиш дода шуда буданд, ботил баромад, зеро онҳо бидуни муқовимати шадид таслим гардиданд. Ин далел собит месозад, ки танҳо кӯмаки низомӣ наметавонад давлатсозии пойдорро таъмин намояд.

Муносибати кишварҳои минтақа вобаста ба шинохт ва ҳамкориҳо бо «Толибон» каме гуногунранг мебошад. Зеро, баъди сари қудрат омадани «Толибон» то ба имрӯз ҳайати намояндагони Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба Кобул ташриф оварда, вобаста ба ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ, аз ҷумла таъмини амният дар сарҳад бо намояндагони «Толибон» мулоқот намуданд. Дар ҳоле, ки дар қаламрави ин кишварҳо «Толибон» ҳамчун ҳаракати террористӣ пазируфта шудааст. Ин гуногунрангии муносибати кишварҳои минтақа нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ барои ҳалли масъалаи Афғонистон мавқеи ягона надорад. Аз як тараф, баъзе кишварҳо кӯшиш доранд, ки бо «Толибон» робитаҳои дипломатӣ барқарор кунанд, аз тарафи дигар, кишварҳое, ки хавфи мустақими амниятӣ эҳсос мекунанд (монанди Тоҷикистон), аз ҳама гуна ҳамкорӣ худдорӣ менамоянд.

Моҳи сентябри соли 2021 дар рафти нишасти навбатии сарони кишварҳои узви САД ва СҲШ, ки кишварҳои минтақа узви комилҳуқуқи онҳо мебошанд, вобаста ба масъалаи Афғонистон таъкид гардид, ки вазъи кунунии ин мамлакат барои кишварҳои узв нигаронкунанда буда, бояд режими сиёсии он ба ифодаи озодонаи иродаи мардуми афғон такя намояд [182, с.136-140]. Агар ба муносибати кишварҳои узви СҲШ ва САД-ро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор диҳем, пас маълум мешавад, ки Россия, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо «Толибон» каме муносибати нарм ва хостори идомаи гуфтугӯро доранд, аммо Тоҷикистон ва Ҳиндустон куллан бар муқобили ҳама гуна тамосҳоянд. Эрон, ки худ дар нишасти мазкур ҳамчун узви комилҳуқуқ ба СҲШ пазируфта шуд, на он қадар хостори ба роҳ мондани робитаҳо бо «Толибон» аст. Аз ин бар меояд, ки як навъ сиёсати дугона дар

доираи созмонҳои минтақавии болозикр мушоҳида мешавад. Ин ҳолат самаранокии нокифояи механизмҳои созмонҳоро дар масъалаҳои ҳалли низоъҳо ва ҳамкорӣ нишон медиҳад. Набудани мавқеи ягона дар байни кишварҳои узв мухолифати амиқ дар дохили созмонҳоро нишон медиҳад ва тасдиқ мекунад, ки дар қарорҳои дастаҷамъӣ аксар вақт манфиатҳои миллии давлатҳои алоҳида бартарӣ доранд. Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти кунунӣ ва таҳдидҳои эҳтимолии амниятӣ, муҳим аст, ки диққат ва афзалият аввалан ба манфиатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба таври бевосита бо ин ҷараёнҳо дар алоқа ҳастанд, дода шавад. Ба андешаи мо, барои ҳалли масъалаҳои Афғонистон, алалхусус дар робита бо ҳаракати «Толибон», бояд як самти ягонаи стратегӣ таҳия карда шавад, ки он бояд фарогири эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ва кафолати бехатарии давлатҳои ҳамсоя, ки аз таъсири бевосита бо Афғонистон дучор мешаванд, инъикос намояд.

Дар ин росто, Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон борҳо ҷонибдории худро дар таъсиси ҳукумати ҳамашумул ва фарогири манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва қавму миллатҳои сокини Афғонистон изҳор намуда, онро омили калидии истиқрори сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон донистанд. Бо вуҷуди ин, вазъияти воқеӣ дар Афғонистон ва таҳаввулоти сиёсии он кишвар нишон медиҳанд, ки таҳдидҳо аз сӯи гурӯҳи «Толибон» барои амнияти кишварҳои ҳамсоя, бахусус Тоҷикистон, ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Мавқеи Тоҷикистон дар баробари «Толибон» ба як нуқтаи баҳсбарангези муносибатҳои минтақавӣ табдил ёфтааст. Ҳамзамон, ин нишон медиҳад, ки бо вуҷуди эъломи худ ҳамчун ҳукумати қонунӣ, «Толибон» натавонистаанд ҳамаро мутмаин созанд, ки қудрати онҳо ба сулҳу суботи пойдор мусоидат хоҳад кард. Ба назар мерасад, ки идома ёфтани нооромиҳо ва фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон як далели асосии беэътимодӣ нисбат ба ин ҳукумат мебошад.

Ташкилоти террористие, ки тули даҳ соли охир барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мушкилии ҷиддӣ эҷод намудааст, «Давлати исломии Ироқ ва Шом» (бо ном «Давлати исломӣ») мебошад. ДИИШ созмони террористии навтаъсис

ба ҳисоб рафта, фаъолияти он дар қаламрави кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мамнуъ мебошад. Ҳадафи асосии созмон аз байн бурдани марзҳое, ки дар натиҷаи тақсими хилофати усмонӣ муқаррар шуда буданд ва ҳадди ақал дар қаламрави кишварҳои Ироқу Шом - Сурия, Лубнон, Исроил, Фаластин, Иордания, Туркия, Кипр ва Миср таъсис додани давлати исломии сунъӣ мебошад. Ҳамчунин, ноором сохтани фазои амниятии Осиёи Марказӣ низ яке аз ҳадафҳои ДИИШ маҳсуб меёбад [172, с.174-176].

Агар ба таърихи ташаккули ин ташкилот назар афканем, пас бар меояд, ки он асосан се марҳиларо паси сар намудааст. Марҳилаи якум солҳои 2006-2010, дар заминаи «Ал-Қоида» таъсис ёфтани «Давлати исломии Ироқ», ки ҳадафи асоссии он ғасб намудани минтақаҳои суннинишини Ироқ маҳсуб меёбад [121, с.142-145].

Марҳилаи дуввум солҳои 2010-2014 ивази ном кардани созмон ва ба сари қудрат расидани Абубакри Бағдодӣ. Инчунин, дар ин марҳила як қатор зерсохторҳои гурӯҳи террористии «Ал-Қоида»-и дар Ироқ, Сурия бо гурӯҳи террористии «Ҷабҳат-ал Нусра»-и Сурия ба ҳам муттаҳид гардида, шомили ДИИШ гардиданд [113, с.52-55; 122, с. 665].

Марҳилаи сеюм, ки аз соли 2014 оғоз мешавад, бо эътирофи ДИИШ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун як созмони террористӣ тавсиф мешавад. Дар ин давра ДИИШ бо гурӯҳҳои мухталифи террористӣ дар кишварҳои Афғонистон, Покистон, Россия, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Яман, Миср, Лубнон, Нигерия ва Филиппин ҳамкориҳои фаъол дошта, нуфузи худро тавсеа бахшида, таҳдид ба амнияти байналмилалиро афзоиш медиҳад.

Дар рафти ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои ИДМ президенти Россия В. Путин таъкид сохт, ки «аз Россия ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ тақрибан аз 5 то 7 ҳазор нафар ба сафи неруҳои ДИИШ ҳамроҳ гардидаанд. Шумори умумии ҷангҷӯёни рус 2400 нафар ва аз дигар давлатҳои аъзои ИДМ 2600-4500 нафарро ташкил медиҳад» [257]. Ин омор нишон медиҳад, ки ҷалби шаҳрвандони ИДМ ба сафи ДИИШ як падидаи ҷиддӣ ва хатарнок мебошад.

Ҳамчунин, сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки дар қаламрави кишварҳои Сурия ва Ироқ аз Ҷумҳурии Қазоқистон тақрибан 400 нафар, аз Ҷумҳурии Қирғизистон 450 нафар, [194, с.119] аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 1900 нафар [194, с.120; 264] ва аз Туркманистон 360 нафар [258] шаҳрвандон ба сафи ҷангҷӯёни ДИИШ ҳамроҳ гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки аксарияти шаҳрвандони ин кишварҳо тавассути Россия дар вақти муҳоҷират қарор доштанашон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ба сафи ДИИШ ҷалб гардидаанд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Шарҳи терроризми ҷаҳонӣ (Global Terrorism Overview) дар соли 2019 аз ҷониби ДИИШ, созмонҳои ба он алоқаманд ва ё афроди пайванд, ки садоқат ба ин гурӯҳро нишон доданд дар 57 кишварҳои ҷаҳон ҳамлаҳои террористиву экстремистӣ анҷом додаанд [220, с.2-3].

Дар баробари кишварҳои болозикр, инчунин, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ зери ҳамлаи ДИИШ қарор гирифтаанд. Чи хеле, ки таъкид гардид, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ омили асосии таҳдидкунанда агар аз як тараф ин тезутунд гардидани фазои амнияти Афғонистони ҳамсоя бошад, пас ҷанбаи дигари он фаъол гардидани пайравони ин ташкилот дар ин кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2015 ДИИШ дар минтақа як қатор амалиётҳои террористӣ анҷом додааст. Аз ҷумла, ҳамлаи террористии соли 2016 дар шаҳри Актобеи Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳамлаи соли 2018 ба сайёҳони хориҷӣ дар Данғараи Тоҷикистон ва ҳодисаи хунини гузаргоҳи марзии «Ишкобод» аз чунин мисолҳо ба ҳисоб мераванд. Ин далелҳо собит месозанд, ки таҳдиди ДИИШ дар минтақа на танҳо назариявӣ, балки воқеӣ мебошад. Амалиётҳои онҳо асосан ба ҳадафҳои мулкӣ ва сайёҳӣ нигаронида шуда, ҳадафи асосии онҳо эҷоди фазои тарс ва ноустувории иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ин зарурияттро ба миён меорад, ки кишварҳои минтақа на танҳо чораҳои низомӣ, балки сиёсати ҳушмандонаи иттилоотӣ ва идеологиро низ татбиқ намоянд.

Ҳамчунин, шуруъ аз соли 2014 як қатор созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ робитаҳои худро тадриҷан бо ДИИШ ба роҳ монданд ва маҳз бо супориши он ба содир кардани амалиётҳои террористӣ ва густариши таблиғоти созмон шуруъ намуданд. Масалан, тибқи гузоришҳои расмӣ, барафрохтани парчами сиёҳи ДИИШ дар яке аз мактабҳои Ӯзбекистон ва дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои алоҳидаи Тоҷикистон далолат ба он мекунад, ки таъсири идеологии ин созмон дар минтақа рӯ ба густариш аст. Дар баробари ин, ба мақомоти қудратии кишварҳои минтақа муяссар гардид, ки роҳбаладон ва аъзоёни алоҳидаи созмонро дар минтақа дастгир намоянд [66].

Бояд зикр намуд, ки зодагони Осиёи Марказӣ ҳамчунин, якчанд амалиёти хунини террористиро дар дигар кишварҳои ҷаҳон содир намуда, дар сархати хабарҳои матбуотии ҷаҳонӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, ҳодисаи амалиёти террористии 1 январи соли 2017 дар клуби шабонаи «Reina»-и шаҳри Истамбули Туркия, ки иҷрои онро зодаи Ӯзбекистон Абдулқодир Машарипов бо лақаби Абумуҳаммади Хуросонӣ ба уҳда гирифт ва 40 сол равонаи зиндон гардид. Дар ҳамлаи хунини мазкур Абдулқодир Машарипов тавассути автомати Калашников 39 нафарро ба ҳалокат расонид ва 69 нафарро захмӣ намуд [250].

Апрели соли 2017, дар метрои шаҳри Санкт-Петербург таркиш рух дод, ки дар натиҷа 103 нафар захмӣ ва 14 нафар фавтиданд. Ба иттилои Кумитаи тафтишотии Россия, ин ҳамла аз ҷониби маргталаби зодаи Қирғизистон Акбар Ҷалилов анҷом дода шудааст. Хадамоти Федералии Амниятии Россия тасдиқ намуд, ки А. Ҷалилов дар урдугоҳҳои ҷангҷӯёни ДИИШ дар Сурия омӯзиш дидааст [245].

Дар ҳамин моҳ, шаҳрванди Ӯзбекистон Раҳмат Оқилови 38-сола дар шаҳри Стокголми Шветсия бо мошини боркаш ба болои издиҳоми одамон дар яке аз кучаҳои марказӣ бо суръати баланд ҳаракат кард, ки дар натиҷа панҷ нафар кушта ва 14 нафари дигар маҷруҳ гардиданд.

Моҳи октябри соли 2017, шаҳрванди дигари Ӯзбекистон Сайфулло Соипов дар рӯзи таҷлили Ҳеллоуин дар шаҳри Ню-Йорк ҳамлаи террористӣ

анҷом дод. Дар натиҷаи ҳамлаи террористии мазкур, ки дар наздикии Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ сурат гирифт, 8 нафар ба ҳалокат расиданд. Ин ҳамла бузургтарин ҳамлаи террористӣ дар Ню-Йорк пас аз ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 ба ҳисоб меравад.

Инчунин, дар баёнияи худ моҳи апрели соли 2021 Неруҳои амниятии Афғонистон эълон намуданд, ки беш аз 60 ҷангҷӯ аз Осиёи Марказӣ бо иттиҳоми узвият дар гурӯҳи мамнӯи террористии ДИИШ дар бозdoштгоҳҳои ин кишвар нигоҳ дошта мешаванд [237]. Ин далелҳо собит месозанд, ки мушкили асосӣ на танҳо дар хатарҳои дохилӣ, балки дар иштироки шаҳрвандони Осиёи Марказӣ дар ҳамлаҳои байналмилалӣ низ ифода меёбад. Ин нишон медиҳад, ки таъсири шабакаҳои террористӣ метавонад берун аз минтақа низ густариш ёбад. Аз ин рӯ, дар баробари чораҳои дохилӣ, ҳамоҳангии амниятии байналмилалӣ барои пешгирии ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ зарур аст.

Ҳамин тавр, амалиётҳои пай дар пайи террористӣ дар солҳои 2010 ва 2014, ки бо иштироки ҷангҷӯёни ДИИШ анҷом шуданд, ин созмонро ба сатҳи таҳдиди ҷаҳонӣ расониданд. Он дар миёни гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ, аз ҷумла «Ал-Қоида», ки дар ибтидои асри XXI хатарноктарин ба ҳисоб мерафт, мавқеи пешсафро ишғол кард. Сабаби асосии ин пешсафӣ таблиғоти фаъол, ҷалби ҷангҷӯён аз кишварҳои гуногун ва татбиқи шеваҳои нави мураккаби амалиётҳои террористӣ дониста мешавад.

Дар фазои сиёсию идеологии Осиёи Марказӣ ташкилоти террористии «Ҳизб-ут-таҳрир» низ хавфу хатари зиёд эҷод менамояд ва айни замон он яке аз ташкилотҳои террористии фаъолияташ густурда ба шумор меравад. «Ҳизб-ут-таҳрир» ҳизби мазҳабӣ ва сиёсии суннӣ ба ҳисоб рафта, соли 1953 дар қисмати шарқии Исроил бо роҳбарии Тақиюддин Набахонии Фаластинӣ таъсис ёфтааст. «Ҳизб-ут-таҳрир» худро як созмони сиёсӣ вонамуд месозад, аммо фаъолияти он бештар ба таблиғи идеологияи ифротӣ нигаронида шудааст. Бар хилофи гурӯҳҳои ошкоро террористӣ, он бештар аз василаҳои

таблиғотӣ ва шабакаҳои идеологӣ истифода бурда, фазои фикрии ҷомеаро барои қабули ақидаҳои тундгароёна омода месозад.

Ҳадафи асосии он таъсиси «Хилофати исломӣ» мебошад, ки ҳамаи кишварҳои мусулмониро муттаҳид карда, низоми давлатдориро танҳо бар асоси шариати исломӣ шакл диҳад. Тибқи идеологияи «Ҳизб-ут-таҳрир», дар давлати исломӣ танҳо қонуни ислом, яъне шариат дар ҳамаи бахшҳои зиндагӣ вуҷуд дошта бошад ва мавҷудияти шаклҳои дигари қонунгузорӣ қобили қабул нест. Ин ғояи радикалӣ на танҳо ба сохторҳои давлатҳои дунявии Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад, балки тамомияти низоми ҳуқуқӣ, арзишҳои демократӣ ва гуногунандеширо зери суол мебарад. Ҳамин тавр, «Ҳизб-ут-таҳрир» бо истифода аз равишҳои таблиғотӣ ва ба ном «даъват»-и худ, талош дорад, ки фазои мафкуравии минтақаи Осиёи Марказиро тағйир дода, барои нооромӣ замина фароҳам оварад.

Ақида ва идеологияи ин ҳизб дар китобҳои «Низоми ислом», «Барномаи ҳизби таҳрир», дастурамалҳои «Қонунҳои идоракунии Ҳизб-ут-таҳрир» ва «Низоми хокимият дар ислом», ки аз ҷониби идеологҳои маъруфи ин ҳизб Т. Набахонӣ, А. Золум, Абу Иброҳим рӯи қоғаз омадаанд, басо дақиқ ва равшан инъикос карда шудааст [136, с.79-80].

Бештари пайравони ҳизби мазкурро асосан бошандагони кишварҳои Ховари Миёна, Аврупои Ғарбӣ ва Индонезия ташкил медиҳад. Ҳамчунин, «Ҳизб-ут-таҳрир» бештар фаъолияти худро дар қаламрави кишварҳои шимолии Африқо, Иттиҳоди Аврупо, ҷанубу ғарбии Осиё ва Осиёи Марказӣ басо хуб ба роҳ мондааст. Дар баробари ин, имрӯзҳо идеологияи ин ҳизб дар қаламрави Сурия ва Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қавқози Шимолӣ, Татаристон хеле хуб ташвиқ гардида истодааст [45;193].

Чи хеле ки таъкид гардид, пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир» дар минтақа тахминан 15-20 ҳазорро ташкил дода, дар дилхоҳ вақт ин ташкилот метавонад ба амнияти минтақа хатар эҷод намояд. Гарчанде, ки дар минтақа «Ҳизб-ут-таҳрир» нисбат ба дигар созмонҳо ва ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ пайравони зиёдеро ҷалб намудааст, аммо на он қадар нуфузи комилро доро

мебошад. Чи гунае ки маълум аст, «Ҳизб-ут-таҳрир» на ин, ки созмони динӣ, балки ҳизби сиёсӣ бо идеологияи исломӣ мебошад. Аз ин рӯ, он ба ҳаёти сиёсии минтақа таъсир мерасонад ва то ҳол яке аз бузургтарин ҷунбишҳои радикалии исломӣ дар минтақа боқӣ мондааст.

Дар ҳодисаи суйиқасд ба ҷони собиқ Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки 16 феврали соли 1999 анҷом дода шуд, пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир» низ иштирок доштанд [65; 254]. Дар робита ба боздошт гардидани пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир» дар ҳудуди Ӯзбекистон давоми солҳои 1999-2002 тақрибан 8 ҳазор нафар мерасад, ки равонаи зиндон гардидаанд [222]. Муҳаққиқи ватанӣ К.М. Муҳаббатов дар таҳқиқоти худ нишон додааст, ки зуҳури ғояҳои «Ҳизб-ут-таҳрир» аввалин маротиба соли 1998 дар шимоли Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд пайдо гардида, ба шаҳру ноҳияҳои Бустон, Гулистон, Истаравшан, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Зафаробод ва ғайра паҳн шудааст [193, с.116-130].

Дар баробари Ӯзбекистон ва Тоҷикистон инчунин, барои Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон «Ҳизб-ут-таҳрир» яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамасола тибқи маълумотҳои расмии кишварҳои минтақа пайравони ҳизби мазкур нисбат ба дигар созмонҳо ва ҳаракатҳои террористӣ бештар ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Шумораи зиёди боздоштшудагон нишон медиҳад, ки «Ҳизб-ут-таҳрир» тавонист бо истифода аз шеваҳои мураккаби таблиғотӣ ва иттилоотӣ дар минтақа нуфуз пайдо кунад. Аз ин рӯ, танҳо чораҳои қонунӣ ва низомӣ барои маҳдуд кардани фаъолияти он кифоя нестанд. Ба таври махсус, барои коҳиши нуфузи ин ташкилот, бояд барномаҳои тарғиботии давлатӣ ва барномаҳои маърифатӣ оид ба мубориза бо ифротгароӣ тақвият дода шаванд.

Аз таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёт бармеояд, ки «Ҳизб-ут-таҳрир» то ба имрӯз дар 20 кишварҳои мухталифи олам ба ҳайси ҳизби мухолиф амал карда истодааст. Як муддат ҳизби мазкур дар ҷалби ҷавонон ва наврасон ба сафи ҷангҷӯёни ташкилоти террористии «Ҷабҳат ан-Нусра» низ машғул гардидааст, ки дар ин васила ҳамкориҳои худро бо «Ҷабҳат ан-Нусра», ки шохаи суриягии

«Ал-Қоида» мансуб меёбад, мустаҳкам намудааст [194, с.126-127]. Ин ҳамкориҳо собит месозанд, ки «Ҳизб-ут-таҳрир» ҳамчун як созмони таблиғотӣ на танҳо барои ташаккули мафкураи ифротӣ хизмат мекунад, балки бо гурӯҳҳои дигаре, ки фаъолиятҳои мусаллаҳона доранд, иртиботи амиқро. Ин далел нишон медиҳад, ки набояд фаъолияти «Ҳизб-ут-таҳрир» ҳамчун як ҳизби сиёсӣ ё таблиғотӣ арзёбӣ шавад, балки бояд онро ҳамчун як ҷузъи низоми умумии экстремистӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ баррасӣ намуд.

Дар баробари созмонҳои номбаргардида, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ташкилоти террористию экстремистии «Бародарони мусулмон» низ фаъолият мебарад. Ин ташкилоти террористӣ яке аз ҷамъияти собиқадори байналмилалии радикалии исломӣ ба ҳисоб рафта, соли 1928 дар Мисри арабӣ аз ҷониби Ҳасан ал-Бано таъсис дода шудааст. Маҳз як қатор ҳаракатҳо ва созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ дар Ховари Миёна дар заминаи он ба вуҷуд омадаанд. Фаъолияти «Бародарони мусулмон» дар ибтидо ба шакли як ҳаракати динӣ ва иҷтимоӣ оғоз шуда бошад ҳам, бо мурури замон ба як созмони сиёсӣ ва сипас ба як ҳаракати радикалӣ табдил ёфт.

Ҳадафи аслии «Бародарони мусулмон» сарнагун кардани низомҳои мавҷудаи сиёсӣ ва таъсиси давлати исломӣ, бахусус дар кишварҳое мебошад, ки аксарияташ мусулмонанд. Ин созмон талош дорад як низоми сиёсиеро бар пояи асли ислом, аз ҷумла шариат ба вуҷуд орад, ки на танҳо низоми динӣ, балки низоми сиёсӣ, иқтисод ва сохтори иҷтимоъиро низ бояд эҳтиром кунад. Ин ғояи сиёсӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи «Бародарони мусулмон» танҳо исломӣ кардани ҷомеа нест, балки онҳо барои бунёди як низоми пурра сиёсии динӣ кӯшиш доранд. Ин ҳолатро метавон як таҳдид ба давлатдории дунявӣ ва сохторҳои сиёсие донист, ки ба принсипҳои гуногунандешӣ асос ёфтаанд. Дар шароити имрӯзаи Осиёи Марказӣ, ки кишварҳо сохторҳои давлати миллии худро таҳким мебахшанд, чунин гурӯҳҳо метавонанд нооромӣ ва ихтилофи иҷтимоиро ба вуҷуд оранд.

Имрӯзҳо фаъолияти ҷамъияти «Бародарони мусулмон» дар аксар кишварҳои олам ва ҳамчунин кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун

ҷараёни террористӣ ва экстремистӣ эътироф гардидааст. Ҳамзамон, пайравони ҷамъияти мазкур дар минтақа низ ба назар мерасад, ки пайваста аз ҷониби мақомоти қудратии кишварҳои минтақа бозлошт мегарданд. Барои мисол метавон гуфт, ки соли 2020 дар Тоҷикистон 113 нафар аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистии «Бародарони мусулмон» бозлошт гардидаанд [239]. Афзоиши бозлоштҳои пайравони ин созмон нишон медиҳад, ки «Бародарони мусулмон» дар Осиёи Марказӣ як неруи фаъол боқӣ мондааст.

Дар баробари дигар ҳаракату созмонҳои тундрав, инчунин «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» низ ҷиҳати мураккаб сохтани фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсиргузор мебошад. ҲИТШ зиёда аз 200 амалиёти террористиро бар зиммаи худ гирифтааст, ки дар натиҷаи он на камтар аз 160 нафар ҷон бохтаанд ва 450 нафар маҷрӯҳ гардидаанд [216, с.435-450]. Таърихи ин созмон нишон медиҳад, ки он аз як гурӯҳи ҷудоихоҳ ба як ҳаракати террористии байналмилалӣ табдил ёфт. Дар ибтидо, ҲИТШ бештар ба масъалаи худмухтории уйғурҳо дар Чин тамаркуз мекард, аммо бо мурури замон, тавассути иртибот бо созмонҳои дигари террористӣ, ҳадафҳои худро васеъ намуда, ба таҳдиди ҷиддӣ барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳатто берун аз он мубаддал гардид.

Барои муқоиса, тибқи маълумот дар бораи ҳамлаҳои террористӣ, ки аз гузоришҳои расонаҳои хабарӣ гирифта шудааст, танҳо дар 6 моҳи соли 2014 дар натиҷаи ҳамлаҳои ҲИТШ 69 нафар кушта ва 309 нафари дигар ҷароҳат бардоштаанд. Ин нишон медиҳад, ки ин гурӯҳ қодир аст амалиётҳои террористиро бо шиддати зиёд ва дар муддати кӯтоҳ анҷом диҳад. Ин ҳолат зарурати ҳамоҳангии бештари хадамоти амниятии кишварҳои минтақа ва табодули маълумот дар бораи ҳаракат ва фаъолияти аъзои ин созмонро таъкид мекунад.

Дар идеологияи ҲИТШ дар охири солҳои 90-ум миёнаҳои солҳои 2000-ум дар раванди наздикшавӣ бо гурӯҳҳои дигари радикалӣ тағйироти ҷиддие ба амал омад. Ин тағйирот ҳам ба равишҳои стратегӣ ва ҳам тактикии созмон таъсир расонида, ба он имкон дод, ки бо дигар сохторҳои террористӣ

муассиртар ҳамкорӣ кунад ва имконоти гузаронидани амалиётҳоро васеъ намояд. Дар ин росто, таъсири ҲИЎ басо назаррас мебошад. Зеро, ки маҳз таъсири бевоситаи ҲИЎ ба ҷузъи пантуркистӣ дар идеологияи ҲИТШ таҳким бахшид ва соли 2008 боиси ивази номи созмон ба Ҳизби исломии Туркистон гардид. Пас дар солҳои минбаъда идеология ва ҳадафҳои худро на танҳо дар қаламрави шимолу шарқии Чин, балки дар қаламрави кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ пиёда месозад. Истилоҳи ҷуғрофии «Туркистон» дар фаҳму дарки ғояпардозони ҲИТШ ҳудудҳои имрӯзаи кишварҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистонро дарбар мегирад [138, с.28-29]. Талоши гурӯҳҳои ифротгаро барои истифодаи мафҳуми «Туркистон» як равиши хатарнокест, ки метавонад ба ташаннуҷи сиёсӣ ва ихтилофоти минтақавӣ мусоидат кунад.

Ташкилоти мазкур ба феҳристи созмонҳои террористиву ифротии СММ ва Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон шомил буда, расман ҳамчун гурӯҳи террористиву ифротӣ эътироф шудааст. Қабули қарорҳои муштараки кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ дар шомил кардани ҲИТШ ба рӯйхати гурӯҳҳои террористӣ як қадами муҳим дар мубориза бо терроризм мебошад. Аммо, танҳо манъи қонунии ташкилот наметавонад фаъолияти онро пурра маҳдуд созад. Чорабиниҳои амниятӣ бояд бо стратегияҳои иттилоотӣ, пешгирии таблиғоти ифротӣ ва муборизаи идеологӣ ҳамоҳанг карда шаванд, то таъсири ин гурӯҳ коҳиш ёбад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, мутаассифона, қисме аз шаҳрвандони кишвар на танҳо ба сафи гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ пайвастаанд, балки созмонҳои террористии худро таъсис додаанд [154, с. 75-87]. Барои мисол, «Ҷамоати Ансоруллоҳ» аз ҷониби шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайрави идеологияи радикалистӣ мулло Амриддин Табаров, ки худ яке аз пайравони «Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон» ба ҳисоб мерафт, таъсис дода шудааст. Ӯ зодаи деҳаи Ғуломони ноҳияи Нурободи минтақаи Рашт буда, солҳои 70-уми асри гузашта дар зодгоҳи худ ба таълими ғайриқонунии динӣ машғул гардида, ҷавононро аз

ислом дарс додааст. Ҳамчунин, дар оғози солҳои навадум ҷиҳати идомаи таҳсил ба Миср рафта, дар он ҷо дониши динии худро сайқал додааст. Баъдан дар соли 1993 ба вилояти Тахори Афғонистон баргашта, ба сафи Ҳаракати исломии эҳёи Тоҷикистон ҳамроҳ гардидааст. Таҷрибаи Амриддин Табаров нишон медиҳад, ки муҳити таълимии ғайрирасмӣ ва таҳсил дар муассисаҳои дорои идеологияи ифротӣ метавонад омили асосии ташаккули шахсиятҳои радикалӣ гардад. Барои пешгирии чунин равандҳо, Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд сиёсати назорат ва идоракунии муассисаҳои таълимии ғайрирасмии диниро пурзӯр намоянд, то ки онҳо ба марказҳои истеҳсоли ақидаҳои ифротӣ табдил наёбанд.

Ҳадафи асосии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» бо роҳи ҷалб намудани пайравони худ сарнагун ва тағйир додани пояи сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [100, с.811-812]. Инчунин, борҳо бо мақсади расидан ба ҳадафҳои худ тавассути сомонаҳои интернетии www.irshod.com ва www.irshod.net ҳукуматдоронро кофир хонда, шаҳрвандонро алайҳи ҳукумати Тоҷикистон ба ҷиҳод даъват намудааст. Аз ҳадафи гурӯҳи мазкур он дар баробари ҳадафҳои мазҳабӣ, инчунин ҳадафҳои сиёсӣ низ дорад.

Соли 2008 «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ҳамчун созмони тундрави радикалӣ мустақилияти худро эълон намуд, ки асосгузорони он Амриддин Табаров ва Мулло Қамариддин ба ҳисоб мерафтанд. Худи ҳамон сол гурӯҳи калон иборат аз 50 нафара ба «Ҷамоати Ансоруллоҳ» шомил гардиданд, ки пештар аз Ҳаракати исломии Ӯзбекистон пайравӣ мекарданд. Ҳамчунин, дар баробари Амриддин Табаров ақрабо ва фарзандонаш низ пайрави ҷамоати мазкур гардиданд.

Ин ташкилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор амалиётҳои террористии мудҳишро содир намудааст. Аз ҷумла, санаи 3-юми сентябри соли 2010 террористи худкуш Акмал Каримов, ки аз соли 2009 барои «одамрабоӣ» муттаҳам гардида, таҳти пайгард қарор дошт, бинои Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД дар вилояти Суғдро тарконид. Дар натиҷаи ин ҳамлаи террористӣ 2 нафар кормандони ВКД фавтида, 25 нафари

дигар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд. «Ҷамоати Ансоруллоҳ» матлаберо интишор намуданд, ки онҳо бевосита амалиёти мазкурро таҳия ва содир намудаанд, яъне масъулияти ҳамлаи террористии мазкурро бар зиммаи худ гирифтанд [194, с.104-105].

Ҳамчунин, санаи 19-уми сентябри соли 2010 аз ҷониби гурӯҳи террористӣ дар дараи Камароби минтақаи Рашт тавассути гранатамиёт корвони неруҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарконида шуд, ки дар натиҷа 28 нафар хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла 7 нафар афсарон ба ҳалокат расиданд. Содиркунандаи амалиёти мазкур низ «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ба ҳисоб меравад, ки бевосита Абдулло Раҳимов онро роҳбарӣ менамуд [265].

«Ҷамоати Ансоруллоҳ» тавассути интернет ҷавонони тоҷикро ҷиҳати ҳамроҳ гардидан ба Давлати исломӣ тарғиб намуда, бо ин роҳ фаъолияти худро маҷозан дар минтақа, хусусан дар Тоҷикистон пурзӯр намуд. Тавсеаи фаъолиятҳои маҷозии террористон нишон медиҳад, ки мубориза бо онҳо бояд на танҳо дар майдонҳои ҷанг, балки дар фазои интернет низ бурда шавад. Дар ин замина, таҳкими назорати фазои рақамӣ ва таъмини барномаҳои зиддитеррористии иттилоотӣ ҳамчун яке аз роҳҳои самарабахши муқовимат дониста мешавад.

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки дар соли 2014, мақомоти қудратии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшан ва Конибодом 12 нафарро барои ҳамдастӣ бо гурӯҳи террористии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» боздошт намуданд [147, с.68]. Онҳо ба таври бевосита ҷавонон ва наврасонро барои пайвастан ба созмони террористии ДИИШ тавассути истифодаи шабакаҳои интернетӣ мағзшӯӣ мекарданд, ки ин амал ба афзоиши хатари экстремизм дар минтақа мусоидат менамуд.

Ҳамчунин, «Ҷамоати Ансоруллоҳ» пайваста дар сомонаи худ матлабҳо вобаста ба пешдастии «давлати исломӣ» дар Сурия ва Ироқро интишор менамуд ва моҳи феврали 2015 гурӯҳи мазкур пурра аз пайравии худ ба ДИИШ-ро эълон намуд. Ин ташкилоти террористӣ дар қаламрави Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳамчун созмони террористӣ ва экстремистӣ

шинохта шудааст. Ҳамчунин, дар натиҷаи амалиёти махсуси зиддитеррористии неруҳои мусаллаҳи Афғонистон августи соли 2016 дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Амриддин Табаров кушта шуд [142, с.16-17].

Ҳамин тавр, бо назардошти хусусиятҳои зоҳиршавии таҳдидҳои созмонҳо ва ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ мо чунин хулосабарорӣ намудем:

– таниш ва бесуботӣ дар минтақаҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ, ки метавон ба таври шартӣ ҳамчун «осебпазир» тасниф кард, ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири мустақим дошта, барои амният ва суботи ин минтақа хатарҳои иловагӣ эҷод мекунад. Масалан, то он рӯзе, ки дар Афғонистон сулҳу субот побарҷо нагардад, хавфи сар задани амалиёти террористӣ аз ҷониби созмонҳо ва ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ дар Осиёи Марказӣ боқӣ хоҳад монд. Ба «минтақаҳои осебпазир» Афғонистон, Покистон, минтақаҳои Шинҷон-Уйғур, Кашмир, Ироқ, Сурия ва Украинаро шомил мешаванд;

– дар Осиёи Марказӣ аз ташкилотҳою созмонҳои террористӣ ва экстремистии дар боло зикргардида, бештар ҲИӮ, ДИИШ, «Ҳизб-ут-таҳрир» ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ» таъсиргузор мансуб меёбанд ва ё метавон гуфт, ки фаъолияти худро хуб ба роҳ мондаанд. Аз нигоҳи мо, мавқеи ДИИШ-ро дар фазои амниятии минтақа набояд нодида гирифт, гарчанде, ки бархе аз олимон ва коршиносон онро рад мекунанд;

– аз таҳлилҳо маълум гардид, ки ҳамаи созмонҳои болозикр ҳадафҳои ба ҳам монанд дошта, ба ҳам басо алоқаманданд. Тақрибан маншаи ҳамаи созмонҳову ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ аз «Ал-Қоида» шуруъ мегардад, ки аз мавҷудияти хавфу хатар ва таҳдид далолат медиҳад. Мақсади асосии ҳамаи созмонҳо таъсис додани давлати исломӣ мансуб меёбад;

– дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм на ҳамаи кишварҳои минтақа дар ҳамбастагӣ фаъолият менамоянд, яъне ҳамкориҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Мисоли оддӣ то ба ҳол мавҷуд набудани

рӯйхати ягонаи номгӯи созмонҳову ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии динии дар минтақа фаъолияткунанда, яъне кишварҳои минтақа натавонистаанд ба созиш бирасанд ва феҳристи ягонаи созмонҳои террористиву ифротгароиро таҳия кунанд, ки ин ҳамоҳангии талошҳоро мушкил ва самарабахшии иқдомоти муштаракро дар бахши амният дар минтақа заъиф мекунад. Гарчанде ки кишварҳои минтақа аъзо ё узви ин ё он созмонҳои минтақавӣ маҳсуб меёбанд. Мавҷуд набудани рӯйхати ягона ба созмонҳову ташкилотҳои террористӣ имконият фароҳам меоварад, ки дар кишварҳои алоҳидаи минтақа озодона фаъолият намоянд;

– таҳлилҳо нишон доданд, ки бештари бошандагони минтақа дорои як қатор мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ (камбизоатӣ, бекорӣ), надоштани дониши амиқи диниву дунявӣ мебошанд ва аз ин сабаб ба сафи созмонҳои террористиву экстремистӣ пайвастаанд. Инчунин, дар 5 соли охир шумораи пайравони созмонҳо ва ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҳисоби бошандагони минтақа зиёд ба чашм мерасад ва наметавон гуфт, ки дар оянда онҳо барои минтақа таҳдидовар нестанд.

Илова бар, ин дар шароити кунунӣ давлатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, то дастаҷамъона ва дар доираи созмонҳои минтақавӣ муқовимат ва муборизаро алайҳи таҳдидҳои замони муосир воқеан ба роҳ монда шаванд. Нокомии кишварҳои минтақа дар ташаккули стратегияи муштараки зиддитеррористӣ Осиёи Марказиро дар муқобили таҳдидҳои ҷаҳонии ифротгароӣ осебпазир мегардонад. Аз ин рӯ, тақвияти ҳамкориҳои амниятӣ, таъсиси феҳристи ягонаи созмонҳои террористӣ ва рушди равишҳои фарогири иҷтимоиву иқтисодӣ барои коҳиш додани таҳдидҳои замони муосир бояд афзалият дошта бошанд.

БОБИ II. ҲАМКОРИҲОИ СОЗМОНҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР МАВРИДИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТАҲДИДҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

2.1. Нақши ИДМ ва СААД дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ

Далели раднашавнда аст, ки дар шароити муосир равандҳои ҷаҳонишавӣ муносибатҳои минтақавию байналмилалиро хеле мураккаб ва норавшан гардонида, хавфу хатари зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Дар чунин вазъ ҳеҷ як кишвар аз таҳдиду хатари ҷаҳони имрӯза эмин буда наметавонад ва дар танҳоӣ имкони муқовимат кардан бо онҳоро надорад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ барои таъмини сулҳ ва амният кӯшиш ба харҷ медиҳанд, аммо зиддиятҳои объективӣ ва субъективӣ, рақобати доимӣ барои нуфуз, захираҳои табиӣ ва энергетикӣ дар ҳоли афзоиш боқӣ мемонад.

Бешубҳа, Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар равандҳои муосири байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, барои бозингарони минтақавӣ ва байналмилалӣ маъруфияти хоса пайдо намудааст. Сабаби асосии маъруфият пайдо намудани минтақа дар он зоҳир мегардад, ки вай аз лиҳози геополитикӣ дар мақеи хеле муфид ҷой гирифта, дорои захираҳои бузурги табиӣ мебошад. Инчунин минтақа пайвандгари қораи Осиё бо қораи Аврупо ба ҳисоб меравад [99, с.26-28].

Дар ин росто, дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ саҳми созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ басо назаррас арзёбӣ карда мешавад.

Баъд аз пош хӯрдани ИҶШС ҷойгузини он ИДМ сараввал аз ҷониби сарони се кишварҳои собиқ Шуравӣ, яъне Россия, Белорус ва Украина 8-уми декабри соли 1991 «Созишнома оид ба таъсиси иттиҳоди давлатҳои Славянӣ» ба имзо расонида шуд, ки дар оянда ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсиси ИДМ замина гузошт. Созишномаи мазкур минбаъд ба «Созишнома

оид ба таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ивази ном кард.

Ҳамин тавр, дар ҷаласаи навбатии сарони 11 кишвари собиқ ИҶШС (Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина ва Ӯзбекистон) дар шаҳри Алмаато соли 1991 таъсиси ИДМ эълон карда шуд. Дар натиҷа декларатсияи Алмаато ба имзо расонида шуд, ки бевосита дар он ҳадаф ва принсипҳои ИДМ инъикос гардида буданд. Ҳамкориҳои давлаҳои аъзои ИДМ ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангиро доро буда, кишварҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Дар солҳои минбаъда ҷиҳати рушди ҳамкориҳо ва тақвият додани он аз ҷониби Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври мунтаззам созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун қабул карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар охирҳои солҳои 90-уми қарни гузашта муташанниҷ гардидани фазои сиёсӣ ва геополитикӣ давлатҳои аъзои ИДМ-ро водор сохт, ки дар таъмини амнияти давлатҳои аъзо, алалхусус дар қаламрави Осиёи Марказӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд [187, с. 11-13]. Дар ин росто, моҳи январи соли 1993 дар нишасти сарони давлатҳои аъзо бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Худи ҳамон сол «Созишнома дар бораи неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ ва тадбирҳои муштараки таъмини моддию техникӣ» ба имзо расонида шуд, ки барои таҳкими амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон ва ба ҳалли минбаъдаи муноқиша дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар доираи созишномаи болозикр 24-уми сентябри соли 1993 Неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳи ИДМ таъсис дода шуд. Аввалин иқдоми муштараки кишварҳои аъзо ин ҷойгир намудани Неруҳои мазкур бинобар сабаби пайдо гардидани зарурият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон мебошад, ҷиҳати ҳимоят аз гурӯҳҳои мухталифи экстремистиву террористӣ ба қаламрави Тоҷикистон, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ нигаронида шуда буданд. Зеро таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ки ҳамчун сарҳади ҷанубии ИДМ дониста мешавад, басо муҳим арзёбӣ мегардид.

Ҳамин тавр, пас аз гузашти беш аз 7 сол, Неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳи ИДМ 20 июни соли 2000 дар асоси қарори вазирони хориҷии ИДМ барҳам дода шуд. Дар ин замина, Тоҷикистон ва Россия ба тавофуқ расиданд, ки Россия дар минбаъда ҷиҳати нигоҳдории амният дар минтақа ва мубориза бо терроризм ва экстремизм дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ хоҳанд монд [44].

Соли 1993 бо ташаббуси сарони давлатҳои ИДМ дар бораи таъсиси Бюрои ҳамоҳангсозӣ барои мубориза бо ҷиноятқории муташаккил ва дигар ҷиноятҳои хатарнок дар ҳудуди Иттиҳод тасмим гирифта шуд. Ҳадафи асосии Бюрои мазкур ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои вазирони корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди терроризм, ҷиноятҳои муташаккил, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва дигар намудҳои хатарноки ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, давлатҳои аъзои ИДМ мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккил, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва прекурсорҳои онҳо, коррупсия, таҳдидҳои киберӣ, азхудкунии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомадаро ҳамчун таҳдиди асосӣ дар қаламрави кишварҳои аъзо медонанд. Ҳамчунин, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии зиддитеррористӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, санаи 4-уми июни соли 1999 дар шаҳри Киеви Украина дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои ИДМ «Созишнома оид ба ҳамкории кишварҳо-аъзои ИДМ дар мубориза бо терроризм» ба имзо расонида шуд, ки дар самти ҳамкориҳои минбаъдаи давлатҳои аъзо заминаи хуберо фароҳам овард. Созишномаи мазкур далолат аз он медиҳад, ки давлатҳои аъзо мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии мазҳабӣ ва сепаратизмро дар ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба хеле муҳим арзёбӣ менамоянд.

Чуноне ки маълум аст, дар рафти ҳамоиши сарони давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар самтҳои гуногун созишномаҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расонида мешаванд. Аммо на ҳама

вақт ҳуҷҷатҳои ба тасвибрасида дар амал татбиқи худро меёбанд, яъне шояд ба таври мукаммал ё ин ки умуман дар амал иҷро намегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рафти баргузории ҳамоишҳои сарони давлатҳои аъзои ИДМ то феврали соли 2000 зиёда аз 164 созишнома ва ҳуҷҷатҳои заминавӣ ба имзо расонида шудаанд, ки танҳо 7-тои он дар амал дар дохили кишварҳои аъзо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Москва 21-уми январи соли 2000 «Барномаи мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ ва ҳаракатҳои экстремистӣ» тасдиқ гардид ва ҳуҷҷати мазкур амалишавии 24 чорабиниҳои комплексӣ вобаста ба мубориза бо терроризм ва экстремизмро бо иштироки кишварҳои минтақа дар бар мегирифт [72, с.124;73]. Худи ҳамон сол пай дар пай ду барномаи дигар низ дар самти мубориза бо терроризм қабул карда шуд, ки ин далолат аз саъю кӯшишҳои якҷояи давлатҳои аъзоро бар зидди ин зуҳуроти номатлуб инъикос мекунад.

Ҳамчунин, ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзо дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм Маркази зиддитеррористии кишварҳои ИДМ таъсис дода шуд ва аввалин роҳбари он генерал-лейтенант Б.А. Мелников таъйин гардид [31, с. 152-157].

Маркази зиддитеррористии кишварҳои аъзои ИДМ ниҳоди доимии амалкунандаи соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамкориҳои мақомоти қудратии давлатҳои аъзоро дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ ҳамоҳанг месозад [3]. Марказ дар фаъолияти худ ҳамкориҳои дуҷонибаро бо Шурои вазирони корҳои дохилӣ, Шурои вазирони мудофиа, Шурои ҳамоҳангсозии прокурорҳои генералӣ ва Шурои фармондеҳони Қӯшунҳои сарҳадии давлатҳои аъзои ИДМ низ ба роҳ мондааст.

Бояд қайд намуд, ки муҳимтарин ҷузъҳои фаъолияти маркази мазкур ин дар ҳамбастагӣ мубориза бурдан бар зидди таҳдидҳои замони муосир, алалхусус таҳдидҳои терроризм ва экстремизм бо иҷрои чорабиниҳои муштараки оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва махсус, ки ҳам дар заминаи бисёрҷониба ва

ҳам дуҷониба, таҳлили иттилооти воридшаванда ҷиҳати арзёбии вазъи оперативӣ, таҳия ва татбиқи чораҳои зиддитеррористӣ ҷиҳати бартараф намудани таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошад.

Бо назардошти фазои амниятӣ ва шиддат ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, зарурат пеш омад, ки моҳи августи соли 2001 гурӯҳи кории минтақавии МЗТ фаъолияти худро шуруъ намояд, баъдан 7-уми октябри соли 2002 дар нишасти сарони кишварҳо дар Кишинёв қарор дар бораи таъсиси бахши минтақавии МЗТ дар минтақаи Осиёи Марказӣ қабул шуд. Айни замон, филиали минтақавии Маркази зиддитеррористии ИДМ вобаста ба минтақаи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият менамояд ва он як воҳиди доимии минтақавии сохтории МЗТ ИДМ мебошад, ки ба салоҳияти он ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои ИДМ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм дохил мешавад.

Дар ибтидо, кишварҳои минтақа ба фаъолияти филиали минтақавии МЗТ ИДМ на ҳамчун як механизми воқеии муқовимат ба таҳдидҳои умумӣ муносибат намуда, балки онро ҳамчун як сохтори сиёсии зери назорати Россия медонистанд. Ҳамин тавр, намояндагони мақомоти махсуси Туркманистон то соли 2006 ва то рух додани ноороміҳои Андиҷон соли 2005 мақомоти қудратии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар фаъолияти марказ иштирок накарданд [77]. Шуруъ аз соли 2011 то инҷониб ҳамасола бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои ИДМ машваратҳои экспертӣ вобаста ба пешгирӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ гузаронида мешаванд.

Дар ин росто, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ, МЗТ ИДМ тамоми қуввaҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзоро бо мақсади мубориза бар муқобили терроризм ва экстремизм муттаҳид сохта, ҷиҳати баргузории машқҳои низомии муштарак дар ҳудуди давлатҳои аъзо мусоидат мекунад.

Аввалин машқи низомии муштарак «Ҷануб – антитеррор 2001» бо

иштироки мақомоти низомии давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла бо иштироки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ моҳи июн-августи соли 2001 дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон гузаронида шуд. Намояндагони кумитаи амният ва зерсохторҳои махсуси давлатҳои аъзои ИДМ (ба истиснои Арманистон ва Гурҷистон) Белорус, Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Молдовия ва Украина фаъолона ширкат варзиданд. Ин гуна амалиётҳо баъдан худи ҳамон сол «Сипари ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - 2001» дар Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2002 машқҳои «Ҷануб-Антитеррор - 2002» дар қаламрави Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон бо иштироки дигар кишварҳои ИДМ баргузор шуданд. Дар амал самаранокии фаъолияти маркази мазкур минбаъд дар машқҳои «Азов-Антитеррор - 2003» (Украина), «Антитеррори Ғарб - 2004» (Ҷумҳурии Молдова) ва «Каспий-антитеррор - 2005» (Ҷумҳурии Қазоқистон) ва ғайра исбот гардид [31, с.243-245].

Қайд кардан муҳим аст, ки фаъолияти муштараки зиддитеррористӣ дар қаламрави давлатҳои ИДМ тибқи Низомнома дар бораи тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои муштараки зиддитеррористӣ, ки 7-уми октябри соли 2002 ба имзо расонидааст, сурат мегирад. Ҳамасола мунтазам чунин чорабиниҳо тибқи нақша-чорабиниҳои муштараки тасдиқгардида аз ҷониби мақомоти қудратӣ ва ҷузъу томҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзои ИДМ гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, дар солҳои охир низ давлатҳои аъзои ИДМ чунин чорабиниҳои зиддитеррористиро идома дода, боз ҳамкориҳоро дар ин самт тақвият бахшида истодаанд.

Дар илова ба гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки соли 2016 амалиёти муштараки зиддитеррористии «Кибер-Антитеррор-2016» дар Ҷумҳурии Белорус, ки дар самти мубориза бо кибертерроризм равона гардида буд, гузаронида шуд. Соли 2017 амалиёти муштараки зиддитеррористии «Душанбе-Антитеррор-2017» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва

Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар доираи амалиёти мазкур машқҳои ҳарбии муштарак оид ба муҳосира ва маҳви гурӯҳҳои террористӣ, ки марзи Афғонистону Тоҷикистонро убур кардаанд, пайваста дар тамрингоҳи дар пойгоҳи низомии «Лоҳур» ва «Ҳарб-Майдон» дар ҳамоҳангсози бо МЗТ ИДМ гурӯҳи муштараки низомӣ аз ҳисоби воҳидҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Россия таъсис дода шуд, сурат гирифт. Теъдоди низомиёни ҳар ду кишвар, ки дар амалиёти зиддитеррористӣ ширкат варзиданд, беш аз 2000 нафарро ташкил медод. Инчунин, 300 адад техникаҳои гуногуни ҷангӣ, аз ҷумла 30 адад ҳавопаймо ва чархбол мавриди истифода қарор гирифтанд. Сиёсатшиноси рус В. Мухин қайд намудааст, ки дар тамринҳои низомии баргузоргардида бори нахуст маҷмааи оперативӣ-тактикии «Искандар-М» аз қаламрави Россия ба Тоҷикистон интиқол дода шуд ва бар муқобили гурӯҳҳои террористии шартӣ истифода гардид. Ҳамчунин, дар ин тамринҳои низомӣ аз техникаҳои муосири низомӣ ва ҳавопаймоҳои Россия, аз қабили чархболҳои Ми-8, Ми-24 ва ҳавопаймоҳои бомбаандози Су-24М истифода шудааст [244].

Инчунин, соли 2018 амалиёти зиддитеррористии муштараки кишварҳои ИДМ «Иссиққул-Антитеррор–2018» дар қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон дар се марҳила бо иштироки зиёда аз 1400 нафар низомиён, 200 техникаҳои ҳарбӣ, аз ҷумла 28 ҳавопаймо ва чархбол, ки 4 адад ҳавопаймои стратегии авиатсионӣ (Ту-95МС ва Ту-22М3) баргузор гардид. Ҳадафи асосии амалиёти мазкур ошкор намудан ва рафъи фаъолияти «ячейкаҳои хуфта»-и созмонҳои байналмилалии террористӣ дар ҳудуди кишварҳои ИДМ буд.

Соли 2019 амалиёти муштараки «Аратар-антитеррор–2019» дар қаламрави Ҷумҳурии Арманистон бо иштироки воҳидҳои зиддитеррористии ниҳодҳои амниятӣ ва хадамоти махсуси давлатҳои узви ИДМ бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зиддитерроризм дар иншооти энергетикӣ баргузор гардид.

Дар амалиёти муштараки зиддитеррористии «Каспий-Антитеррор–2021» мақомоти дахлдори кишварҳои узви ИДМ (Арманистон, Беларус, Қазоқистон,

Қирғизистон, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон) дар ду марҳила фаъолона ширкат варзиданд. Мақсади баргузории амалиёти мазкур баланд бардоштани омодабошии сохторҳои қудратӣ, хадамоти махсус ва дигар мақомоти қудратии кишварҳои иттиҳод ҷиҳати мубориза бар зидди чолишҳо ва таҳдидҳои террористӣ маҳсуб меёфт. Дар рафти марҳилаи якуми амалиёт аз ҷониби хадамоти махсуси кишварҳои узви ИДМ 50 дастурамалҳои муқаддимавӣ ва 155 нафар шахсони гумонбар ба фаъолияти террористӣ дар натиҷаи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян ва дастгир гардиданд.

Дар давоми солҳои гузашта аз ҷониби давлатҳои аъзо як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки фаъолияти зиддитеррористиро дар қаламрави давлатҳои аъзо ба танзим медароранд, таҳия ва қабул намуданд. Аз ҷумла, таҳияи Консепсияи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ (26 августи соли 2005), лоиҳаи Хадамоти ҳамоҳангсозии Иттиҳод (14 октябри соли 2008), Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни вазоратҳои мудофиаи кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи назорати вазъи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ (аз 18 январи соли 2011), Созишнома дар бораи ҳамкории Қӯшунҳои сарҳадӣ дар соҳаи назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатҳои аъзои ИДМ (аз 21 майи соли 2010), Консепсияи сиёсати мувофиқашудаи сарҳадӣ дар доираи ИДМ барои солҳои 2007-2010 ва барои солҳои 2011-2015 қабул гардиданд [7].

Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида ҳамчунин ҷиҳати боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди террориризм ва экстремизм, ҳифзи сарҳадоти давлатӣ ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи давлатҳои аъзои ИДМ дар солҳои минбаъда мусоидат намуд.

Дар заминаи Созишнома дар бораи системаи мудофиаи зиддиҳавоии давлатҳои аъзои ИДМ, ки ҳанӯз соли 1992 ба имзо расидааст, имрӯзҳо ҳарими фазоии давлатҳои аъзоро 7 бригадаи мудофиавии зиддиҳавоӣ, 46 зерсохтори зиддимушакӣ, системаҳои мушакии намунаҳои гуногун, аз қабили, Оса, Бук, С-125, S-75, С-200 ва С-300 аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна ҳимоят мекунанд. Умуман, татбиқи созишномаи зикргардида ба давлатҳои аъзо имконият фароҳам меоваранд, ки ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳои ҳарбию техникӣ ба

тавофуқ расанд ва манфиатҳои миллӣ ва минтақавиро дар доираи ИДМ ҳимоят намоянд.

Дар баробари ИДМ инчунин СААД ҳамчун созмони минтақавии пасошуравӣ дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ нақши калидиро мебозад. СААД аз нигоҳи сохтор ва вазифаҳо аз ИДМ фарқ мекунад, зеро он бештар ба масъалаҳои амниятӣ ва низомӣ тамаркуз намудааст. Дар ҳоле ки ИДМ як созмони васеъест, ки дар баробари амният, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва гуманитариро низ дар бар мегирад, СААД асосан ҳамчун ниҳоди низомии дифоӣ амал мекунад.

Кишварҳои минтақа бо мақсади пойдории сулҳу субот ва таъмини манфиатҳои миллӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ пайравӣ намуда, иштироки худро дар фаъолияти сохторҳои гуногуни ҳамгироӣ тақвият медиҳанд. Ба тасдиқи гуфтаҳои боло метавон пайвастани кишварҳои минтақа ба созмони нисбатан ҷавони минтақавӣ – Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро мисол оварад. Аз ин лиҳоз, ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар доираи СААД бояд ба таври доимӣ мариди таҳлил қарор дода шавад.

Оид ба ин масъала профессор А. Муҳаммад иброз кардааст, ки аз лаҳзаи таъсисёбӣ СААД самти асосии фаъолияти худро бевосита ба тақвият додани ҳамкориҳо ҷиҳати амнияти дастаҷамъӣ, ҳимояти манфиатҳо, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишварҳои узви созмон равона кардааст [53, с. 275-282].

Бояд тазаккур дод, ки СААД яке аз созмонҳои минтақавии дорои мавқеи хос дар таъмини амнияту субот ва ҳамчунин густариши ҳамкориҳо миёни кишварҳои пасошуравӣ дониста мешавад. Инчунин, он ягона воситаи дастаҷамъӣ дар фазои ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС, ки ҷиҳати таъмини амнияти минтақавӣ дар замони осоишта ва рафъи ҳамлаҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо ҳиссагузор аст, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, созмони мазкурро метавон ҳамчун воситаи асосии муқовимат бо таҳдидҳои дорои хусусияти низомию сиёсӣ ва низомию стратегӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм, ва бахусус таҳдидҳои минтақавӣ арзёбӣ намуд. Вазифаи асосии он таъмини амнияти кишварҳои узв,

ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии онҳо мебошад. Дар ин замина СААД яке аз муҳимтарин сохторҳои байналмилалӣ аст, ки ҳадафи он таҳкими амнияти низомӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

СААД дар аввал ҳамчун Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 15 майи соли 1992 аз ҷониби сарони шаш давлати аъзои ИДМ - Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расидааст. Бояд зикр намуд, ки дар оғоз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Аҳдномаи мазкурро ба имзо расониданд. Баъдан, моҳи сентябри соли 1993 Озарбойҷон, моҳи декабри соли 1993 Белорус ва Гурҷистон пайвастанд. Аҳдномаи мазкур ба муҳлати панҷ сол бо имкони тамдиди минбаъда ба имзо расида, 20 апрели соли 1994 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд ва 1 ноябри соли 1995 дар СММ ба қайд гирифта шуд. Аммо, дере нагузашта дар соли 1999 аз аҳдномаи болозикр кишварҳои Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон баромаданд ва узвияти худро дар ин аҳднома қатъ карданд. Баъдан Ӯзбекистон аз соли 2006 дар фаъолияти созмон аз сари нав ҳамроҳ гардида, соли 2012 узвияти худро дар созмон қатъ намуд. Моҳи октябри соли 2002, пас аз имзои Оиннома ва Созишнома дар бораи мақоми ҳуқуқӣ дар Кишинёв, СААД мақоми байналмилалӣ гирифт. Соли 2004 созмон расман ба ҳайси нозир дар Маҷмаи Умумии СММ эътироф гардид. Дар замони эътибор пайдо кардани шартнома дар соли 1994 СААД дорои 9 аъзо буд ва айни ҳол дорои 6 аъзо аст [186]. Мақоми олии он Шурои амнияти дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад, ки Дабири кулли ин созмонро таъйин мекунад.

Таъкид намудан лозим аст, ки дар баробари Шурои амнияти дастаҷамъӣ СААД дорои дигар сохторҳо, аз қабили Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, Шурои вазирони мудофиа, Кумитаи котибони Шуроҳои амният, Котиботи Созмон ва Ситоди муштараки СААД мебошад. Танҳо ду сохторе, ки дар охир номбар карда шуданд, ба таври доимӣ ҷиҳати пешрафт ва рушди муносибатҳои узви созмон кор ва фаъолият менамоянд.

Ҳадафи асосии СААД таҳкими сулҳ, амният ва суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзии ҳар як давлатҳои узв

мебошад [8]. Ҳамчунин диққати асосӣ ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии кишварҳои аъзо нигаронида шудааст. Барои боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳо байни кишварҳои аъзо дар соҳаи амният зарурият пайдо гардид, ки бояд заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳамбастагии бештар ва ҳамкории кишварҳои аъзо фароҳам оварда шавад. Бо ин мақсад, 16 ноябри соли 2006 Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъсис дода шуд [114, с. 46-51].

Ҳамин тариқ, доираи вазифаҳо ва самтҳои ҳамкории кишварҳои узви созмон ба таври назаррас аз масъалаҳои мудофиа ва амният, ҳамкориҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ то масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ васеъ гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати таҳкими амният ва ҳифзи сулҳу субот, СААД нақши муассирро мебозад. Кишварҳои узви ин созмон ҳамкориҳои афзалиятноки дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои минтақа ба роҳ мондаанд ва созмони мазкур дар сиёсати хориҷии ин кишварҳо мақому манзалати хосаро касб намудааст. Самтҳои афзалиятноки СААД ин рушди ҳамкориҳои мутақобила ҷиҳати пешгирии ва рафъи таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризму экстремизм ва ғайра маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, самти дигари фаъолияти СААД вобаста ба бунёди системаи амнияти дастаҷамъӣ дар фазои кишварҳои узв, ҳимояи манфиятҳои онҳо, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ҳамаи узви созмон ба ҳисоб меравад.

Зиёда аз ин, ҷанбаҳои афзалиятноки аҳдномаи ба имзорасида ин иштирок дар ташкил намудани системаи амнияти дастаҷамъӣ дар Аврупо ва Осиё, тақвият ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо ташкилотҳои гуногуни ҳарбӣ-сиёсӣ бо мақсади таҳким ва ҳифзи сулҳ, пешгирӣ аз таҳдидҳои гуногуни беруна, аз ҷумла гурӯҳҳои террористӣ, экстремистӣ ва киберӣ ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи аз ҳама муҳимми аҳдномаи мазкур дар он ифода меёбад, ки вай кафолати таъмини амнияти мудофиавиро барои кишварҳое, ки аҳдномаро ба имзо расонидаанд, фароҳам меоварад. Чуноне, ки дар моддаи чоруми Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бармеояд, дар

ҳолати таҷовуз нисбати ягон кишвари узви аҳднома дигар кишварҳои узв метавонанд ёрӣ расонанд ва инчунин метавонанд дар асоси моддаи 51-и Оинномаи СММ кӯмакҳои низомиро пешниҳод намоянд.

Бояд қайд намуд, ки Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ маҳз бо мақсади истиснои буҳрон дар байни кишварҳои узв ва бо роҳҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ эмин нигоҳ доштани фазои амниятӣ аз таҳдидҳои беруна ба имзо расонида шудааст. Инчунин, истифодаи қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун чораи охирин ва танҳо бо мақсади дифоъ намудан аз таҷовузи беруна тибқи ин аҳднома аз эҳтимол дур нест [173, с. 12-13].

Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо СММ, САҲА, СҲШ, ИДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили дар соҳаи таъмини амният ва таҳкими сулҳу субот дар кишварҳои ҷаҳон, ААД тавонист дар арсаи байналмилалӣ нуфузи назаррас пайдо кунад ва ҳамчун иштирокчии комили равандҳои муҳимми таъмини амният ва муқовимат ба таҳдидҳои муосир эътироф гардад.

Инчунин, имрӯзҳо сатҳи ҳамкориҳои ААД бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо СММ дар ҳоли рушд қарор дорад. Ҳамин тариқ, дар баробари созишномаҳои мавҷудбуда оид ба ҳамкорӣ миёни ААД ва СММ, ҷонибҳо дар санаи 23 сентябри соли 2016 Ёддошти тафоҳум байни Котиботи ААД ва Раёсати иҷроияи Кумитаи зиддитеррористии Шурои Амнияти СММ ба тасвиб расонидаанд.

Ҳамчунин, ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун, алалхусус дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм ААД кӯшиши фароҳам овардани платформа барои ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили САҲА, ИДМ ва СҲШ талош варзида истодааст. Ба ин мисол шуда метавонад, вохӯрии Котиботи ААД бо раҳбарони МЗТ ИДМ, Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ ва СҲШ, ки моҳи августи соли 2016 баргузор гардид. Мавзуҳои зиддитеррористӣ низ дар баҳсе, ки Россия моҳи октябри соли 2016 дар чаҳорчӯби раёсати он дар Шурои Амнияти СММ

бо ширкати роҳбарони кишварҳои САД, СҲШ ва ИДМ дар минбари СММ ташкил карда буд, баррасӣ гардид.

Дар баробари мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, кишварҳои узви созмон бар зидди терроризм ва экстремизм, ки дар моддаи 8-уми Оинномаи САД оварда шудааст, ҳамкориҳоро васеъ ба роҳ мондаанд. Дар нишасти сарони кишварҳои узви ин созмон, ки 23 июни соли 2006 дар Минск баргузор шуд, ба мувофиқа расиданд то ҳамкориро дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир аз ҷумла терроризм, экстремизм ва ғайра пурзӯр намоянд.

САД саҳми худро дар мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои минтақавӣ васеъ намуда, дар мубориза бар зидди ифротгароии сиёсию динӣ ва амалҳои террористӣ дар фазои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ саҳми арзанда мегузорад. Ҳамчунин, вобаста ба мубориза бо терроризм ва экстремизм дар доираи созмон бо иштироки кишварҳои минтақа 28 ноябри соли 2019 дар Бишкек Нақшаи амалиёти дастаҷамъонаи кишварҳои узви САД оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ барои солҳои 2019-2021 таҳия гардида, мавриди амал қарор гирифт .

Яке аз ҷузъи муҳимми ҳамгироии кишварҳои узви созмон ин ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад. Кишварҳои узви созмон ҳамкориҳоро дар асоси созишномаҳои бисёрҷониба ва ҳам дуҷониба ба роҳ мондаанд. Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбию техникии давлатҳои аъзои САД-ро, ки соли 2000 ба тасвиб расидааст, метавон заминаи хуб ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила дар ин самт ҳисобид [105, с.133].

Инчунин, барои ҳамгироии минбаъда дар самти таъмини силоҳ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо силоҳҳои муосир, дар моҳи апрели соли 2003 аз ҷониби кишварҳои узви созмон тасмим гирифта шуд, ки силоҳ ва аслиҳаҳои истеҳсолнамудаи Россия бо имтиёзҳои пешбинишуда харидорӣ гардида, ба кишварҳои узви созмон дастрас карда мешавад. Сараввал имтиёз танҳо ба силоҳ ва аслиҳаҳое, ки бевосита ба манфиати таъмини амнияти дастаҷамъӣ равона мегардиданд, сурат мегирифт. Баъдан шуруъ аз соли 2004 то ба имрӯз

низоми имтиёзноки интиқоли аслиҳа ва техникаи низомӣ ба неруҳои мусаллаҳи тамоми кишварҳои САД, аз ҷумла ба узви кишварҳои Осиёи Марказӣ, амал намуда истодааст.

Омода намудани кадрҳои болаёқати низомӣ дар доираи САД низ яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим барои кишварҳои узви созмон арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, Созишнома оид ба омода намудани кадрҳои низомӣ моҳи июни соли 2005 дар нишасти Маскав аз ҷониби сарони кишварҳои узви САД ба имзо расонида шуд. Мутахассисони низомии кишварҳои узви созмон тибқи созишномаи мазкур тариқи ройгон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Бояд қайд намуд, ки омода намудани мутахассисони соҳаи низомӣ дар бештар маврид ба Россия рост меояд. Тибқи сарчашмаҳо дар муассисаҳои олии ҳарбии ин кишвар тақрибан 2,6 ҳазор курсант ва афсарон аз кишварҳои узви САД таҳсили илм намуда истодаанд [253].

Ҷиҳати омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ шумораи зиёди хизматчиёни ҳарбӣ тариқи ройгон ба донишгоҳҳои Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия аз кишварҳои Осиёи Марказӣ асосан аз Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҷалб мегарданд.

Кишварҳои узви САД дар Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои амиқи низомӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва низомию иқтисодиро инкишоф дода, муқовимати дастаҷамъона ба таҳдидҳои амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавиро ташаккул додаанд. Ин ҳамкорӣ табодули иттилооти иктишофӣ, амалиёти муштараки зиддитеррористӣ ва таъсиси механизмҳои муассир барои вокуниш ба чолишҳои нав, аз қабили таҳдидҳои киберӣ ва ҷиноятҳои фаромиллиро дар бар мегирад. Чунин тадбирҳо суботро дар минтақа таҳким бахшида, ба ҳамгироии кишварҳо ба низоми амнияти байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Самти фаъолияти созмон банақшагирии амалиёт, омодагии ҷангӣ, ҳамкориҳои ҳарбию техникӣ ва омода намудани кадрҳоро дар бар мегирад.

Барои ҳимоят аз амалҳои террористӣ ва таҳдидҳои беруна дар минтақаи Осиёи Марказӣ инчунин, Неруҳои зудамали минтақавии амнияти дастаҷамъии Осиёи Марказӣ моҳи августи соли 2001 дар асоси Қарори Шурои амнияти

дастаҷамъии СААД аз 25 майи соли 2001 таъсис дода шудааст. Аз ҳисоби неруҳои кишварҳои узви созмон теъдоди қуввaҳо ба 5000 нафар баробар аст. Мақсади аввалиндараҷаи НЗМАД ОМ бартараф намудани ҳама гуна таҳдидҳои низомӣ аз берун дар минтақа ва иштирок дар амалиётҳои зиддитеррористӣ мебошад.

Баъдан соли 2006 аз ҷониби кишварҳои узви СААД Созишнома дар бораи тартиби ҷойгиркунии сареъ, истифода ва дастгирии ҳамаҷонибаи Неруҳои дастаҷамъии зудамали Минтақаи амнияти дастаҷамъии Осиёи Марказӣ ба тасвиб расонида шуд, ки дар созишномаи мазкур истифода ва самаранокии он нишон дода шудааст.

Дар баробари таъсиси НЗМАД ОМ, инчунин дар доираи созмон кишварҳои узви СААД соли 2004 баъди ба тасвиб расонидани «Консепсияи ташаккул ва фаъолияти механизми сулҳпарварии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» заминаи хуберо ҷиҳати таъсиси неруҳои муштараки посдори сулҳ замина гузоштанд [102, с.126-128]. Ҳамзамон дар нишасти мазкур чаҳор ҳуҷҷати муҳим дар самти нигоҳдории амният аз ҳама гуна таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм таҳия гардиданд.

Баъдан, моҳи октябри соли 2007 дар Душанбе Созишномаи неруҳои муштараки посдори сулҳ дар нишасти сарони кишварҳои узви СААД ба имзо расид ва аз ҳисоби воҳидҳои низомии кишварҳои узви созмон низомиёни сулҳпарвари СААД таъсис дода шуд, ки имрӯзҳо теъдоди онҳо тақрибан ба 3600 нафар мерасад. Вазифаи асосии неруҳои муштараки посдори сулҳ таъмини тартибот, субот ва сулҳ, ҳифзи шаҳрвандони осоишта дар ҳолатҳои муноқиша, назорати риояи шартҳои созишномаҳои сулҳ ва мусоидат ба фароҳам овардани фазои амн дар минтақаҳои буҳронӣ ва муҳофизати объектҳои ҳаётан муҳим, намояндагиҳои дипломатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра мебошад.

Бояд қайд намуд, ки неруҳои СААД бо даъват ва дархости расмии кишварҳои узви созмон ба қаламрави кишвари алоҳидаи созмон фиристода мешаванд. Ҳамчунин, бо қарори Шурои амнияти дастаҷамъӣ ё Шурои

Амнияти СММ ин неруҳо метавонанд, ки барои истиқрори сулҳ дар кишварҳои берун аз қаламрави созмон ҷалб шаванд.

Маротибаи аввал, дар заминаи авҷ гирифтани бесуботӣ ва низоъҳои қавмӣ дар ҷануби Қирғизистон, махсусан дар вилоятҳои Ӯш ва Ҷалолобод, ки моҳи июни соли 2010 ба авҷи шиддат расиданд, роҳбарияти сиёсии онвақтаи Қирғизистон Роза Отунбаева бо ирсоли дархост ба ҷониби кишварҳои узв хоҳиш намуд, ки барои фурӯ нишондани бесуботӣ ва пешгирии таҳдидҳои минбаъда ба суботи миллӣ, неруҳои САД ба кишвараш ворид карда шаванд [144, с. 11].

Ҳамчунин, пас аз сар задани ҳодисаи моҳи январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо даъвати Президенти ин кишвар Қосим-Ҷомарт Тоқаев дар робита ба тазоҳуроти оммавӣ, ки ба задухӯрди мусаллаҳона миёни тазоҳургарон ва неруҳои ҳукуматӣ оварда расонид, неруҳои посдори сулҳи САД бо мақсади ҳифзи муҳимтарин иншооти давлатӣ ва стратегии Қазоқистон, барои мусоидат ба ҷониби Қазоқистон ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ даъват гардиданд [164, с. 241]. Баъди муроҷиат ва пас аз муҳокимаи сарони кишварҳои узви созмон, розигии онҳо бо қарори раиси Шурои амнияти дастаҷамъии САД, сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, ба Ҷумҳурии Қазоқистон неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ интиқол дода шуд [119, с. 140].

Санаи 10 январи соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои амнияти дастаҷамъии САД, ки тариқи онлайн баргузор гардид, иттилоъ дод, ки теъдоди Неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ, ки ба Ҷумҳурии Қазоқистон интиқол гардидаанд, 2030 нафар низомиён ва 250 техникаҳои ҳарбиро ташкил медиҳад. Интиқоли неруҳои посдори сулҳ аз ҳисоби низомиёни Россия, Белорус, Арманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Қазоқистон дар муҳлати кӯтоҳтарин тавассути ҳавопаймоҳои Неруҳои кайҳонии Вазорати дифои Россия сурат гирифт [120, с. 112]. Дар амалиёти мазкур неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ дар қаламрави Ҷумҳурии Қазоқистон танҳо иншооти ҳаётан муҳимро ҳимоя намуданд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи сарчашмаҳо аз Ҷумҳурии Белорус 200 нафар низомиён, аз Ҷумҳурии Қирғизистон пас аз розигии парлумони ин кишвар 150 нафар низомиён, 8 мошини зиреҳпӯш ва 11 автомашина, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 200 нафар низомиён, аз Ҷумҳурии Арманистон зиёда аз 100 нафар низомиён ва аз Россия теъдоди зиёди низомиён ва техникаҳои ҷангӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон интиқол дода шуд [164, с.145].

Дар таҳкими низоми амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти пойгоҳҳои низомии Россия басо нақши муҳимро мебозанд. Маълум аст, ки дар доираи созишномаи байниҳукуматӣ Россия дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон пойгоҳҳои худро мустақар намудааст.

Дар доираи созишномаи ҳамкории Ҷумҳурии Қазоқистон ва Россия дар қаламрави ин кишвар якчанд иншооти хусусияти ҳарбидоштаи Россия маскун гардидаанд (шабакаи радиолакатсионии «Балхаш-9», истгоҳи радиолокатсионии СПРН ва СККП «Днестр» ва ду истгоҳи радиолокатсионии «Днепр»). Тибқи созишномаи байниҳукуматие, ки ҷонибҳо моҳи декабри соли 1994 ба тасвиб расонидаанд, шабакаи «Балхаш» моликияти Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад ва ба истифодаи Россия ба муҳлати 10 сол бо тамдиди минбаъда вогузор мегардад.

Шабакаи алоҳидаи радиотехникии мавҷуда бо як истгоҳи радиолокатсионии «Днестр» ва ду истгоҳи радиолокатсионии «Днепр» барои ошкор намудани мушакҳои баллистикӣ ва иншооти кайҳонӣ дар Осиё фаъолият мекунанд. Он метавонад ҳадафҳоро дар масофаи тақрибан 3000 км муайян намояд.

Инчунин, ҷонибҳо дар самти кайҳоннавардӣ низ ҳамкориҳои устуворро ба роҳ мондаанд. Ҷониби Россия истгоҳи кайҳонии «Байконур»-ро аз Ҷумҳурии Қазоқистон то соли 2050 ба маблағи $115 млн. доллари амрикоӣ дар як сол иҷора гирифтааст ва ҳамчунин, ҷиҳати истифодаи иншооти истгоҳи кайҳонӣ ба таври иловагӣ $100 млн. доллар сармоягузорӣ менамояд. Созишномаи иҷораи истгоҳи кайҳонӣ миёни Россия ва Қазоқистон аз 10 декабри соли 1994 мавриди истифода қарор дорад. Сарраввал ба муҳлати 20

сол қарордод ба тасвиб расид, баъдан соли 2004 муҳлати иҷораи истгоҳ то соли 2050 тамдид карда шуд [123, с. 150-160].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз 23 октябри соли 2003 то инҷониб ягона Пойгоҳи низомии авиатсионии 999-уми Россия дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Кант ҷойгир карда шудааст. Россия бо Қирғизистон дар доираи Неруҳои зудамали дастаҷамъии САД пойгоҳи низомии авиатсиониро дар Кант сарравал ба муҳлати 15 сол ва баъдан аз соли 2009 муҳлати онро бо имконияти тамдид додани он ба мӯҳлати 25 сол ба тасвиб расонидааст. Ҳадафи асосии пойгоҳи ҳавоии мазкур иштирок дар амалиёти қисмҳои низомии Неруҳои дастаҷамъии зудамал бар зидди ҳама гуна таҳдидҳо ва инчунин, дар ҳолати зарурӣ зарба задан ба дастаҳои мусаллаҳи террористӣ дар фазои минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон низ пойгоҳи низомӣ дар заминаи дивизияи 201-уми мототирандозӣ таъсис дода шудааст. Дивизияи мазкур дар ибтидо барои таъмини сулҳу субот, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва таъмини суботи низомию сиёсӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шуда, пас аз анҷоми амалиёти ҷангӣ дар якҷоягӣ бо неруҳои марзбонии Кумитаи амнияти Хадамоти федералии амнияти Россия ба таъмини амнияти марзии Тоҷикистону Афғонистон машғул буд.

Соли 2004 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки мустақилона ҳимояи марзи давлатӣ бо Афғонистонро ҳимоят менамояд. Баъди ин тасмимот марзбонони рус аз Тоҷикистон бароварда шуданд. Дар ҳамон сол миёни Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон як созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо расид, ки дар асоси он пойгоҳи низомии хушкигарди Россия дар қаламрави Тоҷикистон таъсис дода шуд. Пойгоҳи низомии 201-ум яке аз бузургтарин пойгоҳҳои низомии Россия аст, ки дар берун аз қаламрави он воқеъ мебошад. Ҳамин тариқ, пойгоҳи мазкур дар ҳимояи минтақаи Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар рафти сафари расмии Президенти Россия В.В. Путин моҳи октябри соли 2012 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар

самти ҳарбӣ миёни Тоҷикистон ва Россия Созишнома дар бораи мақом ва шароити будубоши Пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Тоҷикистон ба тасвиб расонида шуд. Тибқи созишномаи мазкур ҳузури пойгоҳи мазкур то соли 2042 дар Тоҷикистон тамдид гардид.

Инчунин, ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки Россия ба ивази тамдиди муҳлати пойгоҳи 201-ум дар Тоҷикистон, ба қуввахои мусаллахи Тоҷикистон техникаҳои муосири ҳарбӣ дастрас менамояд ва ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ кӯмак мерасонад [263].

Аз соли 2004 то ба ин сӯ, бо мақсади тақвият додани ҳамкориҳо ва ҳимояи марзу бум ҳамасола дар кишварҳои Осиёи Марказӣ машқҳои муштараки зиддитеррористии «Сарҳад» бо иштироки мақомотҳои қудратии кишварҳои узви созмон баргузор карда мешавад. Дар ҷараёни машқҳо иштирокчиён малакаи гузаронидани амалиётҳои муштараки зиддитеррористӣ, таҳия ва омодабошии худро дар мубориза бар зидди чунин зуҳуроти номатлуб сайқал медиҳанд.

Дар доираи СААД ҳамчунин ҷонибҳо созишномаеро ба тасвиб расонидаанд, ки дар ҳолати сар задани ноамнӣ дар кишварҳои узви созмон тартиби интиқоли изтирории воҳидҳои Неруҳои зудамали дастаҷамъона ва аслиҳаҳои ҷангиро танзим менамояд. Аз ҷумла, метавон қайд намуд, ки Созишнома дар бораи таъсиси системаи ягонаи рӯйпӯши техникии роҳҳои оҳани узви кишварҳои СААД, ки 28 апрели соли 2003 дар шаҳри Душанбе ба тасвиб расонида шудааст, замимаи хуб ҷиҳати зудтар интиқол додани низомиён ва аслиҳаҳои ҷангӣ ба минтақаи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи созишномаи болозикр дар ҳолатҳои зарурӣ, расмиёти убури низомиён ва аслиҳаҳои ҷангӣ аз сарҳадоти кишварҳои уви созмон содда гардид. Метавон гуфт, ки вобаста ба интиқоли низомиён ва аслиҳаи ҷангӣ СААД дорои таҷрибаи хубе ҳам аст, зеро ки пайваста дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ машқҳои муштараки Неруҳои зудамали дастаҷамъона гузаронида мешаванд.

Самти дигари афзалиятнок барои кишварҳои минтақа ва узви кишварҳои СААД ин тақвият додани ҳамкориҳо дар самти мудофиаи зиддиҳавоӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки ҳамкории кишварҳо баъди ба имзо расидани созишнома оид ба таъсиси системаи муштараки мудофиаи зиддиҳавоии давлатҳои аъзои ИДМ «Иттиҳод», ки соли 1995 ба имзо расид, оғоз гардид ва минбаъд дар доираи СААД рушд намуд [261]. Ҳамзамон, шуруъ аз соли 2014 то инҷониб қушунҳои дастаҷамъии авиатсионӣ дар ҳайати неруҳо ва воситаҳои амнияти дастаҷамъии СААД таъсис дода шудааст, ки ҳамкориҳои кишварҳои узви созмонро дар ҳарими фазоӣ боз тақвият мебахшад.

Дар баробари дигар минтақаҳои кишварҳои узви СААД, дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ системаи мудофиавии ҳавоии минтақавӣ ташкил гардиданд. Ҳамин тариқ, дар моҳи июли соли 2018 таҳияи лоиҳаи Созишнома оид ба таъсиси Системаи ягонаи мудофиавии зиддиҳавоӣ барои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки системаҳои мавҷудаи дифои зиддиҳавоӣ дар минтақаҳои Аврупои Шарқӣ ва Қафқоз мавҷударо мукаммал хоҳад кард, аз ҷониби Котибот ва штаби муштараки СААД пешниҳод гардид [255].

Ҳарчанд Туркманистон ва Ӯзбекистон узви ин созмон нестанд, аммо дар системаи дифои ҳавоии Осиёи Марказӣ фаъолона ширкат доранд. Мақсади асосии фаъолияти системаи мудофиавии зиддиҳавоӣ дар минтақа табодули иттилоот, мунтазам гузаронидани машқҳо ва навбатдории ҷангии неруҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии СААД таҳияи сиёсати муттаҳид ва ҳамаҷониба дар байни кишварҳои узв оид ба муқовимат ба терроризми байналмилалӣ дар шаклҳои мухталифи он, инчунин мубориза бар зидди ҷиноятҳои фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аслиҳа ва прекурсорҳо, инчунин муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад. СААД ҳамчун як созмони амниятии минтақавӣ кӯшиш мекунад, ки барои кишварҳои узв як заминаи ҳамоҳангсозии мубориза бо таҳдидҳои муосирро фароҳам орад. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти он бештар ба иродаи сиёсии кишварҳои узв ва мувофиқати стратегияи онҳо вобаста аст.

Баъзе кишварҳо дар татбиқи иқдомоти муштарак фаъол нестанд, ки ин боиси коҳиши самаранокии ҳамкориҳои амниятӣ мегардад. Ин на танҳо ҳамоҳангсозии талошҳои амниятӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, балки таҳияи механизмҳои табодули иттилоот, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва эҷоди системаҳои муассири дифоъ аз таҳдидҳои глобалиро дар бар мегирад.

Ҳамгироии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро дар доираи ИДМ ва САД таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо дар тули ҳамкориҳои худ тавонистанд дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар қаламрави минтақа ва бешубҳа дар таҳкими системаи амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ саҳми арзанда гузоранд. Идомаи ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм барои ҳамаи давлатҳои аъзо манфиатовар мебошад. Барои давлатҳои аъзо ҷиҳати андухтани таҷриба, малака ва омодабошии касбӣ бар зидди ҳама гуна таҳдидҳои беруна заминагузор хоҳад шуд. Бешубҳа, ҷиҳати нигоҳдории амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ нақши давлатҳои аъзои ИДМ ва САД басо назаррас мебошад. Ҳамчунин, танҳо бо сайю кӯшишҳои ҷонибҳо имконият фароҳам мешавад, то ки бар зидди таҳдидҳои замони муосир муборизаи дастаҷамъона бурда, ба муваффақияти назаррас ноил гарданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин росто аз ҷониби давлатҳои аъзо заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, дар доираи он бо мақсади таҳкими амнияти минтақавӣ машқҳои муштараки ҳарбӣ дар қаламрави минтақа баргузор карда мешаванд. Инчунин, масъалаҳои мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм, дар нишастҳои сатҳи баланд пайваста баррасӣ мегардад.

Самти дигари ҳамкориҳои афзалиятноки кишварҳои минтақаро метавон дар табодули маълумот ва иттилоот байни мақомотҳои қудратӣ, ки дар пешгирии таҳдидҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад, мушоҳида намуд. Зеро бо истифода аз усулҳои нави технологӣ ва шабаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ имконият доранд то ки теъдоди зиёдеро ба сафи худ ҷалб намуда, иттилоотҳои бардурӯғ иғвогаронаро паҳн созанд ва дар таблиғи ғояҳои экстремистӣ замина фароҳам оваранд. Дар ин замина ҳамкории

байнидавлатӣ дар ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ содир намуда, аз адолат саркашӣ кардаанд, аҳамияти хоса дорад.

Гарчанде, ки ҳамкориҳо хуб ба роҳ монда шудаанд, аммо мавҷудияти мушкилотҳо дар муносибати кишварҳои минтақа ба чашм мерасад. Масалан, на дар ҳама вақт созишномаҳои ба тасвибрасида мавриди амал қарор мегиранд, ё ин ки дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Инчунин бояд қайд кард, ки ин ҳамкориҳо набояд танҳо дар сатҳи изҳорот ва созишномаҳо маҳдуд шаванд. Барои самаранокии бештар, кишварҳои минтақа бояд ҳамоҳангии зич дошта бошанд, стратегияи ягонаи амниятиро таҳия кунанд ва табодули маълумотро тақвият бахшанд.

Баъзе аз кишварҳои аъзои созмонҳои болозикр, аз ҷумла Туркманистон ва Ӯзбекистон дар бархе аз равандҳои амниятии ин созмонҳо фаъол нестанд. Ин боис мегардад, ки ҳамоҳангии амниятии минтақавӣ коста гардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки механизмҳои иштирок ва уҳдадориҳои кишварҳои узв бознигарӣ шаванд, то ҳама кишварҳо нақши фаъолтар бозанд.

2.2. Мақоми Созмони ҳамкории Шанхай дар бартараф намудани хатарҳои минтақавӣ

Мусаллам аст, ки Созмони ҳамкории Шанхай яке аз сохторҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, дар мубориза бо таҳдидҳои мухталифи амниятӣ фаъолона саҳм мегузорад. Ин созмон механизмҳои ҳамкориҳои бисёрсатҳиро таҳия кардааст, ки ба мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, бахусус дар минтақаи Осиёи Марказӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, СҲШ яке аз бузургтарин созмонҳои байналмилалӣ ва босуръат рушдёбанда буда, дар таъмини амният ва ба эътидол овардани вазъ ҳам дар минтақа ва чи берун аз он нақши муҳим дорад.

Аз лиҳози миқёс ва гуногунии забону фарҳанг ва тамаддун, СҲШ созмони калидии минтақавию ҷаҳонӣ буда, яке аз созмонҳои нодир ба шумор меравад ва айни замон дар минтақа ва ҷаҳон нуфузу эътибори бузургеро касб намудааст [59, с. 166-168]. Дар ибтидои асри XXI созмони мазкур худро

ҳамчун як бозингари калидӣ дар сиёсати қораи Осиё муаррифӣ кард. Ин созмон дар моҳи июни соли 2001 аз ҷониби раҳбарони Чин, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсис ёфта, аз он замон ба як маркази муҳимми таъмини амният, табодули иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар минтақа мубаддал гардидааст. Ба истиснои Ҷумҳурии Ӯзбекистон боқимонда кишварҳо узви «Панҷгонаи Шанхай», ки солҳои 1996-1997 дар натиҷаи ба имзо расонидани Созишномаҳо байни кишварҳои Чин, Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба мустаҳкам намудани эътимод ба соҳаи ҳарбӣ ва коҳиши мутақобилаи қуввахои мусаллаҳ дар минтақаҳои сарҳадӣ ба ҳисоб мерафтанд. СҲШ бузургтарин созмон дар қораи Авруосиё ба ҳисоб рафта, қаламрави он дар якҷоя бо кишварҳои нозир ва шарикони муколама, аз уқёнуси Атлантика то уқёнуси Ором ва аз уқёнуси яхбастаи Шимолӣ то уқёнуси Ҳинд тӯл кашида, 65% қитъаи Авруосиёро ташкил медиҳад [270].

СҲШ дар формати 10+2+14 сохтор гирифта, дар он 10 кишварҳои узв, 2 давлатҳои нозир ва 14 кишварҳои дорои мақоми «Шарикони муколама» ҳамкорӣ доранд. Дар доираи созмон кишварҳо ҷиҳати таҳкими амният ҳамкориҳоро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондаанд (ниг. Ҷадвали 1). Дар соли 2017, бо пайвастани Ҳиндустон, Покистон ва дар соли 2021, ки раванди пайвастани Ҷумҳурии Исломии Эрон оғоз шуд, фарогирии ҷуғрофии ин созмон ба таври қобили мулоҳизае афзоиш ёфта, тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳонро фаро гирифтааст. Дар саммити сарони давлатҳои СҲШ соли 2021 дар шаҳри Душанбе Миср, Қатар ва Арабистони Саудӣ ҳамчун мақоми кишварҳои «Шарикони муколама» пазируфта шуданд [252]. Аз ин нуқтаи назар, нақш ва мақоми СҲШ дар қитъаи Авруосиё ба таври қобили мулоҳиза таҳким ёфт. Ба ин созмон чаҳор кишвари дорои силоҳи ҳастаӣ шомиланд, ки омили муҳимми таҳкими амнияти минтақавӣ мебошад. Ин унсур кафолати субот ва сулҳ дар минтақа буда, инчунин аҳамияти риояи принсипҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории кишварҳои узви СҲШ, бахусус дар масъалаҳои ҳалли мусолиматомези низоъҳоро таъкид мекунад [97, с. 37-42].

Ҷадвали 1.

Мақоми кишварҳо	Кишвар
Кишварҳои узви СҲШ	Чин
	Россия
	Ҳиндустон
	Ӯзбекистон
	Тоҷикистон
	Қирғизистон
	Қазоқистон
	Покистон
	Беларус
	Ҷумҳурии Исломии Эрон
Кишварҳои нозир	Афғонистон
	Муғулистон
Кишварҳои «Шарикони муколама»	Озарбойҷон
	Арманистон
	Камбоҷа
	Непал
	Туркия
	Шри-Ланка
	Баҳрайн
	Миср
	Қатар
	Қувайт
	Малдив
	Маянмар
	Аморати Муттаҳидаи Араб
	Арабистони Саудӣ

Сарчашма: Аз сомонаи расмии СҲШ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки СҲШ блоки ҳарбӣ набуда, мавқеи миёнаравро ишғол мекунад. Инчунин созмон бо сохторҳои гуногуни минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили СММ, ИДМ ва СААД озишномаҳо баста, дар ҳалли самараноки масъалаҳои амният, субот ва рушд дар минтақа нақши калидиро мебозад [129, с. 90-91].

Ҳадафи асосии он бевосита ба таъмини сулҳу субот ва амният дар қаламрави кишварҳои узви созмон, инчунин мубориза бо таҳдидҳои замони муосир аз қабили терроризм, экстремизм, сепаратизм ва қочоқи маводи мухаддир равона карда шудааст. Ҳамчунин, дар доираи созмон ҷиҳати рушди

бемайлони ҳамкориҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, мубодилаи илмию фарҳангӣ миёни кишварҳои узв заминаи хубе фароҳам оварда шудааст.

Мувофиқи моддаҳои 1-ум ва 3-юми ҳуҷҷати таъсисии СҲШ, Хартия аз 7 июни соли 2002, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии СҲШ инҳоянд:

– таҳкими эътимоди тарафайн, дустӣ ва ҳамсоягии нек дар байни давлатҳои узв;

– рушди ҳамкориҳои бисёрҷабҳа бо мақсади нигоҳ доштан ва таҳкими сулҳ, амният ва субот дар минтақа;

– муборизаи муштарак бар зидди ҳама гуна зуҳуроти терроризм, экстремизм, сепаратизм, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яроқ, дигар намудҳои ҷиноятқории фаромиллӣ, аз ҷумла муҳоҷирати ғайриқонунӣ;

– таваҷҷуҳи ҷонибҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи муҳити зист, фарҳангӣ, илмӣ, техникӣ, маориф, энергетика, нақлиёт, қарзӣ-молиявӣ ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ;

– ҳамкориҳои мутақобила дар самти пешгирии муноқишаҳои байналмилалӣ ва роҳи ҳалли осоиштаи онҳо;

– нигоҳдорӣ ва рушди муносибатҳо бо дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ; ҷустуҷӯи муштараки ҳалли мушкилоте, ки дар асри XXI ба вуҷуд меоянд [9].

Муқовимати муштарак бо таҳдидҳои террористӣ ва экстремизм яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти СҲШ маҳсуб мешавад, ки дар доираи он созмон тавонистааст дар тули беш аз бист сол таҷрибаи назаррас ноил гардад. Дар амал таваҷҷуҳи асосии кишварҳои узви созмон ба ҳифзи сулҳу амнияти байналмилалӣ, инчунин мубориза бо таҳдидҳои муосир, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва сепаратизм равона шудааст. Дар ин росто, Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм 14 июни соли 2001 ба имзо расид, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои асосии ҳамкориҳои кишварҳои узвро муайян мекунад [10]. Ин ҳуҷҷат якчанд самтро,

аз қабили мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм, табодули иттилоот, иҷрои дархостҳо оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин табодули таҷриба, маълумот ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро мегирад.

Дар Консепсия принсипҳои мубориза бо терроризм ва экстремизм инъикос гардидаанд, ки дар байни онҳо иқдомоти муштараки кишварҳои узв, таҳия ва татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар фазои иттилоотӣ, ҷилавгирӣ аз истифодаи далелҳои динӣ дар баёнияҳои зиддидинӣ, инчунин ҷорӣ намудани меъёрҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои амалиёти террористӣ бо ногузирии ҷазо аҳамияти калидӣ доранд.

Илова бар ин тадбирҳо, кишварҳои узв механизмҳои ҳамкории мутақобилаеро, ки ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бо терроризм ва экстремизм нигаронида шудаанд, фаъолона таҳия мекунанд. Ин механизмҳо таъсиси марказҳои муштараки таҳлилӣ барои назорат ва таҳлили таҳдидҳои террористӣ, истифодаи фановариҳои муосир барои пешгирии ҳамлаҳои террористӣ ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ барои омода намудани мутахассисон оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм ва экстремизмро дар бар мегирад. Ба таҳкими ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои узви созмон ва такмили меъёрҳои қонунгузории марбут ба муқовимат ба ифротгароӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Бо мақсади муқовимат бо таҳдидҳои терроризму экстремизм кишварҳои узви ин созмон як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи ин самтро қабул кардаанд, ки замина ва самаранокии ҳамкориҳои минбаъдаро фароҳам меоварад. Ин созишномаҳо ба ҳамоҳангсозии талошҳо ҷиҳати таъмини амният, таҳкими эътимоди мутақобила ва мусоидат ба иқдомоти муштарак ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи амалҳои террористӣ ва зуҳуроти экстремизм равона шудаанд [92, с. 58-59].

Аз ҷумла, низомнома дар бораи пешбурди феҳристи ягонаи тафтишотии шахсони дар ҷустуҷӯи байналмилалӣ қарордошта қабул гардид, ки он шахсонеро дар бар мегирад, ки дар содир намудани ҷиноятҳои террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ гумонбар ё айбдор дониста мешаванд.

Маълумоте, ки ба феҳрист ворид карда мешавад, заминаи боэътимоди табодули босуръати иттилоот, такмили ҳамкориҳо дар раванди ҷустуҷӯ, дастгир ва пешгирии амалҳои эҳтимолии террористӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳамкорӣ дар кофтукови ҷиноятҳоро фароҳам меорад [118, с. 111-112].

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ошкор ва бастани роҳҳои вуруд ба қаламрави кишварҳои узви СҲШ, ки ба фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ алоқаманданд. Ин санад тадбирҳоеро танзим мекунад, ки ба таҳкими фаъолияти муштараки хадамоти иктишофӣ ва сохторҳои сарҳадӣ ҷиҳати пешгирӣ аз убури ғайриқонунии сарҳад ва вуруди афроди эҳтимолан хатарнок нигаронида шудаанд. Он табодули иттилооти оперативӣ, амалиёти муштараки сарҳадӣ, инчунин иҷрои амалҳои ҳамоҳангшуда оид ба мониторинги ҷараёни муҳоҷират ва табодули маълумоти таҳлилӣ оид ба таҳдидҳои эҳтимолии амниятро пешбинӣ мекунад.

Созишнома дар бораи таъсис ва пешбурди махзани маълумот дар бораи сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ, ки ба низом ва нигоҳдории иттилооти марбут ба фаъолияти созмонҳои террористӣ, экстремистӣ ва сепаратистӣ нигаронида шудааст. Ин санад механизми ҷамъоварӣ, коркард ва табодули маълумот байни мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ-ро танзим карда, ба ошкорсозии сареъи таҳдидҳо ва пешгирии амалҳои террористӣ мусоидат мекунад. Ба махзани маълумот дар бораи гумонбаршудагон, робитаҳои онҳо, усулҳои маблағгузорӣ ва шаклҳои ҳамкории мутақобила дохил карда шудааст, ки имкониятҳои кишварҳои иштирокчӣ дар таъмини амнияти минтақавиро тақвият мебахшад [118, с. 111-115; 149, с. 124-128].

Созишнома дар бораи омодасозии кадрҳо барои сохторҳои зиддитеррористии кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай ба таҳияи низоми омодасозии мутахассисоне, ки ба муқовимат бо таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ қодиранд, равона шудааст. Ҳуҷҷати мазкур таъсиси барномаҳои муштараки таълимӣ ва омӯзишӣ, табодули таҷриба ва таҷрибаи

пешқадам байни кишварҳои узвро пешбинӣ мекунад. Дар чаҳорчӯби ин созишнома, баргузории курсҳои такмили ихтисос, семинару машқҳои махсус, инчунин, таҷрибаомӯзӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсус дар назар аст. Чунин тадбирҳо ба таҳкими салоҳияти касбии ҳайати шахсӣ ва такмили ҳамоҳангсозии амалҳо дар ҷараёни амалиёти зиддитеррористӣ мусоидат мекунанд.

Созишнома дар бораи Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъсис ва фаъолияти сохтори воҳидро барои мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои узви ин созмон муқаррар мекунад. Сохтори мазкур марказҳои табодули иттилоот, мақомоти ҳамоҳангсозӣ ва воҳидҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад, ки амалиёти зиддитеррористиро тарҳрезӣ, роҳандозӣ ва назорат мекунанд [153, с. 839]. Ҳадафҳои аслии ин созишнома таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои узв дар заминаи ҷилавгирӣ аз таҳдидҳои террористӣ, табодули иттилоъоти иктишофӣ, таҳия ва иҷрои стратегияҳои муштарак барои аз байн бурдани шабакаҳо ва гурӯҳҳои террористӣ мебошад.

Илова бар ин, созишнома таъсиси махзани маълумот оид ба мониторинг ва таҳлили фаъолияти террористӣ, инчунин таъсиси механизмҳои муассири ёрии ҳуқуқӣ ва истирдоди террористонеро, ки дар қаламрави яке аз кишварҳои узв ҷиноят содир кардаанд, пешбинӣ мекунад.

Шуруъ аз соли 2004 сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсис дода шудаст. Вазифаи асосии СМЗТ аз ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти пешниҳодшуда аз ҷониби давлатҳои узв дар самти муқовимат бо таҳдидҳои мазкур, инчунин таъсис ва идоракунии пойгоҳи иттилоотӣ иборат аст, ки дар он маълумот оид ба ташкилотҳои террористӣ ва шахсони дар фаъолияти террористӣ иштирокдошта гирд оварда мешавад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти СМЗТ ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои узв, табодули иттилоот ва таҳияи стратегияву равишҳои муштарак барои рафъи таҳдидҳои пайдошуда мебошад. Бояд қайд намуд, ки СМЗТ ягона мақоми доимии ғайримаъмурии СҲШ мебошад, ки ҳамкориро дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм танзим менамояд [5].

Самти дигари муҳимми ҳамкориҳои кишварҳои узви СҲШ дар чаҳорчӯби СМЗТ ташкил ва баргузории тамринҳои гуногун, аз ҷумла, машқҳои низомӣ бо мақсади баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва такмили маҳорати ҳарбӣ мебошад. Аз соли 2005 дар доираи Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ баргузории машқҳои муштараки низомии зиддитеррористӣ оғоз гардид, ки дар он кишварҳои узви ин созмон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона иштирок мекунанд. «Рисолати сулҳҷуёна» ҳамасола бо иштироки воҳидҳои низомӣ баргузор мешаванд, ки ҳадафи он афзоиши ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии артишҳои кишварҳои узв мебошад. Ҳадаф аз баргузории чунин машқҳо на танҳо такмили амалҳои оперативӣ, балки таҳкими амнияти дастаҷамъӣ, инчунин таҳияи стратегияҳои муштарак барои муқобила бо таҳдидҳои умумӣ дар минтақа мебошад.

Моҳи сентябри соли 2016 дар ҳарбмайдони «Эделвейс»-и Ҷумҳурии Қирғизистон «Рисолати сулҳҷӯёна-2016» гузаронида шуд. Дар амалиёти зиддитеррористии мазкур зиёда аз 1100 низомиёни кишварҳои узви созмон бо 300 адад техникаҳои муосири ҷангии хушкигард, 40 адад техникаҳои ҳавопаймоӣ фаъолона ширкат варзиданд [166, с. 101-103].

Моҳи августи соли 2018 дар вилояти Челябински Россия тамриноти муштараки фармондеҳии зиддитеррористии неруҳои мусаллаҳ «Рисолати сулҳҷӯёна-2018» баргузор шуд, ки дар он зиёда аз 3000 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ва беш аз 500 техникаҳои ҳарбии Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Россия ва Чин ҷалб гардиданд [153, с. 842]. Инчунин ҷониби Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ӯзбекистон ба сифати нозир ширкат варзиданд.

Моҳи сентябри соли 2021 дар тамрингоҳи «Донгуз»-и вилояти Оренбург амалиёти густурдаи зиддитеррористӣ бо номи «Рисолати сулҳҷуёна 2021» гузаронида шуд. Дар ин амалиёт воҳидҳои фармондеҳии кишварҳои узви СҲШ, инчунин Белорус ширкат доштанд. Дар тамринот беш аз 5,5 ҳазор нафар низомиён ва ҳудуди 1,5 ҳазор воҳид техникаи низомӣ ширкат карданд [232]. Ин ҳодиса яке аз бузургтарин амалиёти зиддитеррористӣ дар таърихи СҲШ гардид.

Моҳи октябри соли 2021 низ дар шаҳри Паббии Ҷумҳурии Исломии Покистон тамрини муштараки зиддитеррористӣ бо номи рамзии «Пабби Антитеррор 2021» гузаронида шуд, ки дар он кишварҳои узви созмон фаъолона ширкат варзиданд. Неруҳои зиддитеррористӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Чин бори аввал барои ширкат дар машқҳои муштараки зиддитеррористии мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ ҷалб гардиданд. Ин барои Чин аз нигоҳи андӯхтани тачриба дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва амният муҳим арзёбӣ мегардад [251].

Дар марҳилаи кунунӣ масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои узви СҲШ табдил ёфтааст. Соли 2006 дар ҷаласаи сарони кишварҳои узви СҲШ Эъломия оид ба амнияти байналмилалии иттилоотӣ тасвиб шуд, ки принсипҳо ва равишҳои асосии ҳифзи иттилоотро дар заминаи байналмилалӣ муайян мекунад. Соли 2009 дар доираи нишасти сарони СҲШ дар шаҳри Екатеринбург «Эъломияи Екатеринбург» қабул карда шуд, ки дар он зарурати вокуниши сареъ ба таҳдидҳои киберӣ таъкид шудааст, ки аз аҳамияти рӯзафзуни ин мушкилот барои кишварҳои узв шаҳодат медиҳад.

Дар доираи СҲШ амнияти иттилоотӣ унсури муҳимми соҳибихтиёрии миллӣ, инчунин таъмини суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Барои муқовимати муассир ба таҳдидҳои афзояндаи иттилоотӣ гурӯҳи коршиносон оид ба амнияти иттилоотии байналмилалӣ, аз ҷумла намояндагони кишварҳои узви ин созмон таъсис дода шуд. Ин ташаббус ба амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ ва таҳияи чораҳои

ҳамаҷониба оид ба муқобила бо таҳдидҳои киберӣ дар минтақа нигаронида шудааст. Кишварҳои узви СҲШ - Чин, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар моҳи сентябри соли 2011 лоиҳаи қатънома оид ба амнияти иттилоотиро ба Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод намуданд [112, с. 3-4].

СҲШ тавонистааст дар давраи фаъолияти худ барои таҳкими амният ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ба як қатор натиҷаҳо ноил гардад. Дар чаҳорчӯби СҲШ як қатор созишномаҳои марбут ба масоили марзӣ, ки аз ҳассостарин ва муҳимтарин барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, ба тасвиб расонида шуд. Аз ҷумлаи «Созишнома дар бораи эътимод ба соҳаи низомӣ дар минтақаи сарҳадӣ» (1996), ки бо номи «Эъломияи Шанхай» маъмул аст ва «Созишнома оид ба коҳиши мутақобилаи қуввахои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳадӣ» маъруф шудааст, ба мувофиқа расонида шуд, ки дар ҷаласаи дуюми ин созмон дар Москва (1997) ба имзо расонида шудааст, мебошад [6]. Ҳадафи ин созишномаҳо беҳбуди назорати марзӣ, ҷилавгирӣ аз ҳодисаҳои марзӣ ва таҳкими ҳамкориҳои амниятӣ мебошад. Аммо бо вуҷуди ин иқдомот, бархе аз баҳсҳои марзӣ дар минтақа ҳалношуда боқӣ мондаанд ва боиси сар задани ташаннуҷ миёни кишварҳои минтақа мегардад. Мисоли барҷаста баҳси идомаи миёни Тоҷикистону Қирғизистон ва ҳамчунин масоили марбут ба марзи миёни Қирғизистону Ӯзбекистон аст. Ин баҳсҳо гоҳе боиси низоъҳои маҳаллӣ ва ҳатто даргириҳои мусаллаҳона дар манотиқи марзӣ мешаванд. Хусусиятҳои таърихӣ ва сиёсии минтақа, аз ҷумла созишномаҳои баҳсбарангез ва нофаҳмиҳо дар бораи аломатгузории сарҳад боиси сар задани зуд-зуд хушунатҳо мешаванд.

Моҳи июни соли 2021 дар Душанбе Созмони ҳамкории Шанхай 20-солагии худро, ки дар воқеияти нави геополитикӣ дар пасманзари тағйироти бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ сурат мегирад, таҷлил намуд. Ҷаласаи солгарди Созмони ҳамкории Шанхай дар Душанбе, барои Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо кард, зеро маҳз дар ҳамин ҷо заминаи таъсиси СҲШ гузошта шуда буд.

Муҳаққиқони равандҳои сиёсӣ Созмони ҳамкории Шанхайро як ниҳоди калидӣ медонанд, ки дар таъмини амнияту субот дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим дорад. Ин созмон ба таҳкими муколамаи сиёсӣ ва таҳияи тадбирҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ дар минтақа, махсусан дар пасманзари вазъи мураккаби геополитикӣ ва ноустувории хоси Осиёи Марказӣ, муҳим дониста мешавад [32].

Дар доираи СҲШ мақомот ва сохторҳои гуногуни ҳамоҳангсозӣ таъсис дода шудаанд, ки ҳадафи онҳо таъмини амният ва рушди устувори кишварҳои узв мебошад. Ин сохторҳо ба ҳамоҳангсозии муассири амалҳо дар посух ба таҳдидҳои амниятӣ кӯмак мекунанд ва инчунин дар татбиқи ташаббусҳои муштарак дар соҳаи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии минтақа саҳм мегузоранд.

Илова бар ин, СҲШ ҳамчунин механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар бахшҳое ба мисли мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва масъалаҳои амнияти экологӣ таъсис додааст. Ин сохторҳо ҳамоҳангсозии талошҳои байни кишварҳои узвро барои вокуниши зуд ба таҳдидҳо ва чолишҳои фаромиллӣ таъмин мекунанд.

Инчунин, яке аз муҳимтарин унсурҳои ҳамоҳангсозии амният дар чаҳорчӯби СҲШ вохӯриҳои мунтазами раҳбарони сарони узви созмон, ниҳодҳои қудратӣ, сохторҳои марзӣ, инчунин вазирони дифоъ, корҳои хориҷӣ ва ҳолатҳои изтирорӣ мебошад. Ин вохӯриҳо ба ҳалли масъалаҳои оперативӣ ва ҳаррӯзаи марбут ба амният ва ҳамкорӣ дар сатҳи тадбирҳои амалӣ мусоидат мекунанд [259].

Дар чунин вохӯриҳо на танҳо таҳдидҳои ҷорӣ баррасӣ мешаванд, балки равишҳои муштарак барои ҳалли мушкилоти марбут ба ҳодисаҳои сарҳадӣ, терроризм, ифротгароӣ, инчунин ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ таҳия мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки механизмҳои муассири ҳамкорӣ ва табодули иттилоот, ки махсусан барои кишварҳое, ки дар минтақаҳои дорои хатарҳои баланди амниятӣ, ба мисли Осиёи Марказӣ ҷойгиранд, муҳим аст.

Ҳамкории мунтазами байни вазоратҳо ва хадамотҳои гуногун инчунин ба таҳияи стратегияҳои дарозмуддати амният, таъмини ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳияи амалҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати пешгирии таҳдидҳо ва вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои фавқулодда мусоидат мекунад.

Аз таҳлили фаъолияти СҲШ дар таъмини амнияти минтақа, ба хулоса мерасем, ки ҳамгироии кишварҳои минтақа дар мубориза бо таҳдидҳое, ки мустақиман ба амният таъсир мерасонанд, як қадами муҳим ва зарурӣ барои таҳкими устувории кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Дар чаҳорчӯби созмонҳои мухталифи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай кишварҳои минтақа ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро фаъолона рушд медиҳанд. Ин ҳамкориҳои мутақобила доираи васеи соҳаҳои муҳим, аз ҷумла ҳифзи сулҳ, таҳкими субот ва таъмини амниятро дар бар гирифта на танҳо ба пешрафти дохилии кишварҳо мусоидат мекунад, балки ба тавозуни минтақавӣ ва ҷаҳонии қувваҳо таъсири судманд мерасонад.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки барои фаъолияти Кумитаи иҷроияи минтақавии сохтори зиддитеррористии СҲШ заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Барои муқовимати самараноки терроризм ва таъмини кофтукоби байналмилалии шахсоне, ки дар фаъолияти террористӣ, экстремистӣ ва сепаратистӣ иштирок доранд, низом дар асоси «Рӯйхати шахсоне, ки аз ҷониби хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои СҲШ ба кофтукоби байналмилалӣ эълон шудаанд» ва «Феҳристи ягонаи тафтишотии ниҳодҳои амниятӣ ва хадамоти махсуси кишварҳои узви СҲШ» қабул шуда, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин система имкон медиҳад, ки ҳамоҳангии хадамоти иктишофӣ дар заминаи амалиёти зиддитеррористӣ пурзӯр карда шавад [82].

Илова бар ин, дар ҳамбастагии мақомотҳои қудратии кишварҳои узви СҲШ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ механизмҳои возеҳи ҳамкорӣ таъсис дода шудаанд. Ин равиш ба табодули

иттилоот, андешидани чораҳои фаврӣ барои рафъи робитаҳои ҷиноӣ ва таҳкими амният дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, машқҳои муштараки зиддитеррористӣ бо иштироки неруҳои низомии кишварҳои узви созмон барои баланд бардоштани омодагӣ ва самаранокӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба таъмини амният дар минтақа мусоидат мекунад.

Мақоми Созмони ҳамкории Шанхай ҷиҳати бартараф намудани хатарҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ назаррас буда, минбаъд низ он тақвият хоҳад ёфт. Ҳамкории минтақавӣ ба ҳалли мушкилоти умумӣ тавассути афзоиши ҳамоҳангсозӣ, мубодилаи иттилоот ва истифодаи таҷрибаи пешқадам мусоидат мекунад [115, с. 141-143]. Иҷрои қарорҳои муштараке, ки дар доираи ин созмонҳо қабул шудаанд, дар таҳкими сулҳу субот дар самти масъулияти ин сохторҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, нақши муҳим мебозад.

Дар баробари ин, суботу амнияти минбаъдаи Осиёи Марказӣ аз ҳамкории муассири ҳамоҳангшудаи кишварҳои худи минтақа ва таҳкими талошҳои дастаҷамъонаи онҳо дар самти фаъолияти зиддитеррористӣ вобаста аст. Ин тадбирҳо ба эҷоди механизмҳои муассири ҳифз ва пешгирӣ, ки амнияти минтақавиро таҳким бахшида, ба беҳбуди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, инчунин рушди куллии иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ замина фароҳам меоваранд, мусоидат мекунад.

БОБИ III. ДУРНАМОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ДАР ФАЗОИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

3.1. Нақши давлатҳои абарқудрат дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ

Маълум аст, ки баъди пошхӯрии ИҶШС дар ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор диргаргуниҳои амиқ ба вуқуъ пайвастанд, ки онҳо, бешубҳа, ба кишварҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ таъсири худро расониданд ва дар натиҷа минтақа ба майдони бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ мубаддал гардид. Осиёи Марказӣ бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи геополитикӣ, захираҳои бузурги табиӣ минтақаи муҳимми стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар он манфиатҳои бисёре аз ширкаткунандагон, новобаста аз мавқеи абарқудратҳои ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, ИМА, Чин, ҳам қудратҳои минтақавӣ ба мисли Ҳиндустон, Покистон, Туркия ва Эрон ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба мисли СММ, ИДМ, НАТО, САҲА, СҲШ, СААД ва ғайра бармехӯранд.

Вобаста ба мавқеи стратегии минтақа, муҳаққиқи ватанӣ чунин ибрози андеша намудааст: «дар ҳоли ҳозир кишварҳои Осиёи Марказӣ ба далели мавқеъи стратегии геополитикӣ, ки ҳамсоягӣ бо кишварҳои бузурге, чун Чин, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистонро дар бар мегирад, таваҷҷуҳи абарқудратҳои ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунанд. Илова бар ин, минтақа дорои иқтидори назарраси иқтисодӣ, имкониятҳои муҳимми транзитӣ барои тиҷорати байниминтақавӣ, соҳаи сайёҳӣ ва захираҳои ғании табиӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ мебошад» [196]. Воқеан, ин омилҳо Осиёи Марказиро ба як бозигари калидӣ дар арсаи Авруосиё ва як ҳалқаи муҳимми низоми иқтисодиву геополитикии ҷаҳон табдил медиҳад. Махсусан давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ба мисли ИМА, Россия ва Чин, инчунин давлатҳои пурқудрати минтақавӣ (Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон) таваҷҷуҳи худро нисбати минтақа ошкоро зоҳир менамоянд.

Дар баробари омилҳои дар боло зикргардида, минтақаи Осиёи Марказӣ инчунин, дорои захираҳои бузурги энергетикӣ ва канданиҳои фоиданок мебошад, ки бешубҳа аз назари кишварҳои абарқудрат дур нест. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, ҳаҷми умумии захираҳои нафт дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба 15-31 миллиард баррел ва ҳаҷми умумии захираҳои гази табиӣ ба 230-360 триллион метри мукааб мерасад, ки 7,2 фоизи захираҳои нефти ҷаҳон ва 7 фоизи захираҳои газро ташкил медиҳад. Инчунин, вобаста ба истеҳсол ва захираҳои ангишт минтақа дар миқёси ҷаҳон дар ҷои 10-ум, аз ҷиҳати истеҳсоли қувваи барқ дар ҷои 19-ум ва аз ҷиҳати истихроҷи тилло дар ҷои 9-ум қарор дорад [271].

Сабаби дигари таваҷҷуҳи бештари кишварҳои абарқудрат дар он зоҳир мегардад, ки минтақа бевосита бо яке аз кишвари бесубот - Афғонистон, ки дар он сарчашмаҳои радикализм ва терроризм ҷой дорад, ҳамсарҳад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки маҳз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон минтақаи Осиёи Марказиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд ва дар маркази таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қарор дод. Зеро кишварҳои минтақа дар ҳамлу нақли неруҳои ИМА ва НАТО ба Афғонистон ва инчунин, лавозимоти ҷангӣ басо нақши калидиро бозидаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки оғози рақобати абарқудратҳо дар минтақа маҳз аз ҳамин давра шуруъ гардид.

Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳое ба ҳисоб меравад, ки ба он бевосита се кишвари абарқудрати ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, ИМА ва Чин мароқ зоҳир менамоянд. Ҳамчунин, вобаста ба амалӣ намудани ҳадафҳо ва манфиатҳои худ ин кишварҳо байни ҳамдигар рақобат доранд. Яке аз масоиле, ки ин кишварҳоро дар минтақа ба ҳамдигар наздик менамояд, чи хеле, ки таъкид намудем, бевосита масъалаи вазъи дохилии Афғонистон, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ ва қочоқи маводи мухаддир мебошад. Дар ин росто, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ин кишварҳои абарқудрат ба роҳ мондаанд.

Вобаста ба тағйирёбии вазъи фазои геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ, кишварҳои пешрафта ва абарқудрати ҷаҳонӣ ҷиҳати пиёда намудани ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра стратегияҳои гуногуни кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро таҳия намуда, онро мавриди амал қарор медиҳанд. Аз ҷумла, то ин дам стратегияҳои худро ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Россия, Чин, Туркия, Ҷопон, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра пешбарӣ намудаанд, ки далели таваҷҷуҳи онҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Аммо рафти амалишавӣ ва татбиқи стратегияҳои кишварҳои мазкур вобаста ба манфиатҳои онҳо мухолифи ҳамдигаранд ва бинобар ин, сабаби пуршиддат гардидани рақобати онҳо дар минтақа мегардад [125, с. 15-26].

Муҳаққиқони зиёд бар он назаранд, ки минтақа дар муборизаи се абарқудрати ҷаҳонӣ (Россия, Чин ва ИМА) қарор дорад ва бевосита равандҳои геополитикии минтақа аз ҷониби ин се бозигарон муайян карда мешавад. Гарчанде, ки онҳо дар минтақа ҳамеша дар муборизаанд, аммо дар амалӣ намудани ҳадафҳои худ мувозинати манфиатҳоро нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, мувозинати манфиатҳо ҷиҳати фароҳам овардани сулҳу субот ва амният, ҳамчунин барои рушди кишварҳои минтақа низ имконият фароҳам меоварад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ, аз нигоҳи муҳаққиқони амрикоӣ, бояд аз ҳукмронии бузурги қудратҳо озод бошад ва ба қадри имкон ҳамчун минтақаи воқеан мустақил рушд намояд. ИМА муҳиммият ва самаранокии ҳамкориҳоро бо Россия ва Чин вобаста ба ин масъала эътироф менамояд, гарчанде ки дар бештар ҳолатҳо бинобар сабаби гуногунрангии манфиатҳо, рақибони геополитикии ҳамдигар ба ҳисоб мераванд [212, с. 7-11].

Россия муносибатҳои қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои минтақа аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии онҳо ба роҳ мондааст. ИМА низ дар самтҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ муносибатҳои худро бо кишварҳои минтақа тақвият медиҳад. Муносибатҳои Чин бо кишварҳои минтақа дар муқоиса бо дигар бозигарон каме дигаргун мебошад, яъне Чин ягона абарқудрате аст, ки аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ каме бартарӣ дорад. Вай бо кишварҳои минтақа ҳамсарҳадии тӯлонӣ дорад, дорои инфрасохтори

наздики нақлиётӣ ва фазоӣ аст, ки бевосита дар рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ замина мегузоранд [188, с. 79-85].

Дар баробари ин, кишварҳои минтақа низ бо назардошти манфиатҳои худ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки ҳамкориҳоро бо кишварҳои абарқудрат ба роҳ монда, мувозинати манофеи стратегии онҳоро дар минтақа нигоҳ доранд.

Бо назардошти мавҷудияти омилҳои геополитикӣ, махсусан аҳамияти геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлилу баррасӣ намудани нақши баъзе давлатҳои абарқудрат дар таъмини амнияти минтақавӣ хеле муҳим аст. Бешубҳа, кишварҳои абарқудрат, пеш аз ҳама, Россия ва Чин, дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатҳои геополитикиеро доро мебошанд, ки амалишавии онҳо дар таҳкими амният ва суботи минтақа нақши бориз дорад. Пеш аз ҳама, мубориза бо терроризм ва экстремизм дар ҳудудҳои минтақа ба манфиати Россия ва Чин созгор аст [161, с. 141-145].

Россия яке аз кишварҳои абарқудрате маҳсуб меёбад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати расидан ба аҳдофи сиёсӣ ва геополитикии худ бо дигар кишварҳои абарқудрат пайваста дар мубориза аст. Инчунин, минтақаи Осиёи Марказӣ барои Россия ҳамчун минтақаи ҳаётан муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки аксари муҳаққиқон бо назардошти ҳамбастагии таърихӣ минтақаро мансуби ин кишвар медонанд.

Агар ба таърихи муносибатҳои Россия ва минтақаи Осиёи Марказӣ нигарем, пас маълум мегардад, ки ҳанӯз дар миёнаи асри XIX ва ибтидои асри XX Россия бо яке аз кишвари абарқудрати ҳамон замон Англия рақобатро ҷиҳати бартарӣ бар қаламрави минтақа, ки дар таърих бо номи «Бозии бузург» машҳур аст, шуруъ намуда буд. Дар баробари ин, кишварҳои минтақа дар ҳайати ИҶШС низ ба пуррагӣ зери манфиатҳои геополитикии Россия қарор доштанд.

Аз оғози мустақилияти худ Россия бо кишварҳои ИДМ, аз ҷумла кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муносибатҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст, ки бевосита дар консепсияҳои сиёсати хориҷии ин кишвар ва ҳамчунин дар Консепсияи амнияти миллии Россия ба хубӣ инъикос ёфтаанд.

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Россия соли 2016 омадааст, ки «Россия ҳамкориҳоро бо кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи амнияти мутақобила идома медиҳад» [70, с. 187].

Чи хеле, ки дар боло зикр намудем, вазъи геополитикии Осиёи Марказӣ ва амнияти он дар сиёсати хориҷии Россия мақеи бузургро касб менамояд. Зеро амнияти милии Россия, алалхусус қисмати ҷанубии он ба таври мустақим ва ғайримустақим аз амнияти минтақа вобастагии зиёд дорад.

Ҳамин тариқ, Россия дар сиёсати хориҷии худ мавқеъ ва манфиатҳои худро дар Осиёи Марказӣ фаъолона дифоъ мекунад. Зеро, ки нигоҳ доштани мавқеъ ва нуфуз дар Осиёи Марказӣ бахше аз талошҳо ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими нуфузи Россия дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Россия пайваста мекӯшад, то ки минтақаи Осиёи Марказиро ҳамеша дар зери нуфузи худ ҳимоят кунад. Аз ин рӯ, бо назардошти сиёсати хориҷии Россия зарурияти минтақаи Осиёи Марказиро метавон чунин арзёбӣ намуд:

– минтақаи Осиёи Марказӣ барои Россия ҳамчун минтақаи муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати таҳкими амнияти сарҳадҳои ҷанубии ин кишвар нақши муассир дорад;

– сарватҳои табиии минтақа, алалхусус газ ва нафт барои Россия имконият фароҳам меоварад, то ки дар баҳри Хазар аз манфиатҳои худ ҳимоят намояд; [118]

– қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ барои Россия ҷиҳати ҷой додани пойгоҳҳои мудофиавии худ басо қуллай арзёбӣ мегардад;

– минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози геоиқтисодӣ барои Россия зарур аст, зеро ки молҳои бевосита дар ин кишвар истеҳсолшаванда, аз қабили маводди хӯрока, пӯшока, техникаҳои маишӣ, нақлиёт ва қисмҳои он ба минтақа ворид мегардад;

– дар Осиёи Марказӣ теъдоди зиёди аҳолии русзабон зиндагӣ менамоянд. Россия ба ҳайси меросхури ИҶШС барои аҳолии русзабон, ҳифзи забони русӣ ва фарҳанги он масъул мебошад [179, с.258].

– минтақаи Осиёи Марказӣ ҳалқаи калидии мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва экстремизми динӣ дар қисмати ҷанубии сарҳадоти Россия мебошад;

– маълум аст, ки Россия аллакай дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ аз ҷумлаи кишварҳои назди Балтик, Гурҷистон ва Украина мавқеи худро ба пуррагӣ аз даст додааст ва дар минбаъда хоҳони он нест, ки мавқеи вай дар Беларус ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ коста гардад [96, с.19].

Бидуни шубҳа, Россия дар ҳама маврид муҳиммияти муносибатҳоро бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дарк мекунад.

Дар баробари ин, Россия дар доираи созмонҳои минтақавӣ бо ҳамгироии кишварҳои минтақа муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва ҳарбии худро рушд дода, дар ҳимояти манфиатҳои худ дар минтақа нисбат ба дигар кишварҳои абарқудрад пешсаф мебошад. «Россия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки манфиатҳои миллии худро дар Осиёи Марказӣ тавассути созмонҳои минтақавӣ, аз қабили ИДМ, СААД, СҲШ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё амалӣ созад» [98, с. 375-377].

Ҳамзамон, Россия яке аз бозигарони асосӣ ҷиҳати таъмини амнияти минтақа ба ҳисоб меравад. Дар доираи чорабиниҳои муштарак оид ба мубориза бо терроризм ва экстремизм давлатҳои Осиёи Марказӣ (ба истиснои Туркманистон) бо сохторҳои зиддитеррористӣ, аз қабили Маркази зиддитеррористии ИДМ, Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ ва СААД фаъолона ҳамкорӣ мекунанд [141, с. 48-54]. Онҳо тадбирҳо ва барномаҳои ҳамоҳангшудаи мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва ифротгароиро таҳия ва амалӣ мекунанд, ки ба таҳкими амнияти минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар ин самт мусоидат мекунанд. Россия ягона кишвари абарқудрате маҳсуб меёбад, ки дар ҳудуди минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати нигоҳ доштани амнияти минтақавӣ ва мубориза бар зидди таҳдидҳои беруна дар минтақа пойгоҳҳои ҳарбии худро ҷой намудааст. Россия борҳо таъкид намудааст, ки пайдо гардидани пойгоҳҳои дигар кишварҳои абарқудрат дар минтақа қобили қабул нест. Ҳамчунин дар яке аз баромадҳои худ вазири

корҳои хориҷии Россия С. Лавров таъкид намуд, ки «..Тавре ки мо қаблан низ изҳор дошта будем, мо ҷой додани ҳама гуна инфрасохтори низомии ИМА ва НАТО, ва ё афғонҳоеро, ки ба онҳо хидмат мекунанд, дар қаламрави давлатҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама, дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ғайри қобили қабул мешуморем» [248]. Инчунин, масъалаи мазкур дар саммити дуҷонибаи ИМА ва Россия мавриди баҳс қарор дода шуд ва аз ҷониби Президенти Россия В.В. Путин бори дигар таъкид гардид, ки «Россия қотеан муқобили кӯшишҳои музокира бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бораи истиқрори як қисми инфрасохтори низомии ИМА дар қаламрави онҳо мебошад» [233].

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор пойгоҳҳо ва объектҳои хусусияти стратегидоштаи Россия ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, пойгоҳи ҳарбии 201-ум, ки яке аз калонтарин пойгоҳҳи бурунмарзии Россия маҳсуб меёбад, дар қаламрави Тоҷикистон мустақар аст. Вазифаи асосии пойгоҳи мазкур ҳимоя аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна, аз ҷумла аз Афғонистон мебошад. Муҳиммияти пойгоҳи мазкурро дар таҳкими амнияти Тоҷикистон ва минтақа Павел Зарифуллин чунин иброз намудааст, «то даме, ки артиши Россия дар қаламрави Тоҷикистон қарор дорад ва лавозимоти ҷангӣ ва техникаи низомии муосирро доро аст, мо бояд дарк кунем, ки созмонҳои террористӣ ба монанди «Толибон» ё «Давлати исломӣ» аз он сӯи Омӯ таҳдид нахоҳанд кард» [246].

Инчунин, маҷмааи оптикӣ-электронии «Окно», ки барои Россия аз лиҳози ҳарбиву низомӣ хело аҳамияти зиёд дорад, дар Тоҷикистон насб карда шудааст. Тариқи маҷмааи мазкур тамоми фазои кайҳон назорат карда мешавад.

Дар қаламрави Қирғизистон як қатор иншооти аҳамияти низомӣ ва баҳридоштаи Россияҷойгир шудаанд: иншооти низомии Россия, ки дар таҳкими амнияти фазоии минтақа хизмат мерасонад ва аҳамияти геостратегиро доро мебошад, ин пойгоҳи низомии ҳавоии «Кант» аст. Заминаи ҳуқуқии пойгоҳи мазкур «Созишномаи дуҷониба оид ба мақом ва шароитҳои будубоши пойгоҳи ҳарбӣ-ҳавоии Россия дар қаламрави Қирғизистон» аз 22-юми сентябри соли 2003 мебошад, ки баъдан аз ҷониби президентони ҳарду

кишвар В. Путин ва А. Акаев расман 23-уми октябри соли 2003 ифтитоҳ гардид. Пойгоҳ аз ҳавопаймоҳо ва чархболҳои ҷангии муосир, аз қабили 5 тайёраи ҳуҷумкунандаи Су-25, 4 тайёраи Л-39, 2 чархболи Ми-8 иборат буда, барои ҳифзу буми кишварҳои минтақа, алалхусус ҳимоят аз ҳуҷуми ногаҳонии созмонҳо ва гурӯҳҳои террористӣ нақши бузургро мебозад. Ҳамасола аз ҷониби буҷети Россия 130 миллион рубл ҷиҳати нигоҳдории пойгоҳ ҷудо карда мешавад [234].

Истгоҳи алоқаи 338-ум (Прометей), ки аз ҷониби флоти ҳарбӣ-баҳрии Россия идора карда мешавад, дар минтақа ягона иншооти флоти баҳрӣ мансуб меёбад, ки тариқи он алоқаи Ситоди кулли Флоти ҳарбӣ-баҳриии Россияро бо киштиҳои зериобӣ ва рӯиобие, ки дар уқёнусҳои Ором ва Ҳинд навбатдории ҷангӣ доранд, таъмин карда мешавад. Истгоҳи мазкур дар асоси созишномаи дуҷонибаи Россия ва Қирғизистон аз 5-уми июли соли 1993 дар шаҳраки Қара-Болтаи вилояти Чуйси Қирғизистон ҷойгир карда шудааст. Маблағи иҷораи солонаи истгоҳ 3 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Пойгоҳи 954-уми озмоишии аслиҳаи зидди киштиҳои зериобии Флоти низомӣ-баҳрии Россия, ки дар Иссиққӯл ҷогир аст. Дар пойгоҳи болозикр асосан намунаҳои ҷангии торпедо ва минаҳо озмуда мешаванд. Нуқтаи сейсмикии Хадамоти махсуси назоратии Вазорати мудофеи Россия, ки дар Қирғизистон ҷойгир шудааст, имконият фароҳам меоварад, ки таркишҳои ҳастаиро дар қаламрави кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пурра таҳти назорат қарор диҳад.

Дар доираи созишномаҳои дуҷониба дар қаламрави Қазоқистон низ иншооти муҳимми низомию кайҳонӣ мустақаранд. Аз ҷумла, шабакаи радиотехникии «Балхаш-9», истгоҳи радиолокатсионии «Днестр» ва ду Истгоҳи радиолокатсионии «Днепр» мебошад. Истгоҳҳои радиолакатсионии болозикр имконият медиҳанд, ки мушакҳои баллистикӣ ва иншооти кайҳоние, ки дар қаламрави қораи Осиё фаъолият мекунанд, ошкор карда шавад. Ҷонибҳо ба созиш расидаанд, ки шабакаи «Балхаш» моликияти Қазоқистон буда, барои истифода ба Россия ба муҳлати 10 сол бо тамдиди минбаъда

вогузор мегардад. Дар баробари ин, Россия имконияти истифодаи ҳарбмайдони «Сари-Шаган», ки на дуртар аз шабакаи «Балхаш» ҷойгир аст, доро мебошад. Ҳарбмайдони мазкур ба Вазорати мудофиаи Россия имконият фароҳам меоварад, ки ҳама гуна яроқҳои зиддиракетавии муосири худро аз санҷиш ва озмоиш гузаронад. Россия ҷиҳати истифодаи ҳарбмайдонҳо дар ҳаҷми 135,73 миллион доллар пардохт намудааст [243].

Бояд зикр намуд, ки ҳамкории Россия бо Қазоқистон дар самти кайҳон басо назаррас ба чашм мерасад. Намунаи хуби ҳамкориҳо дар ин самт ин истгоҳи кайҳонии «Байконур» мебошад, ки Қазоқистон онро дар ихтиёри Россия вогузор намудааст. Инчунин, аз навсозии инфрасохтори заминии истгоҳи кайҳонии болозикр дар доираи барномаи «Байтерек» барои солҳои 2016-2026 ба тадриҷ идома дорад. Мавҷудияти иншооти низомии Россия дар қаламрави кишварҳои минтақа ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ заминагузор ба шумор меравад.

Ҳамчунин, ҳифзи сарҳадоти давлатии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ яке аз самтҳои ҳамкории кишварҳои минтақа бо Россия ба ҳисоб меравад. Ёдовар бояд шуд, ки давоми солҳои 2011-2015 зиёда аз 200 ҳуҷҷати ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа бо Россия дар доираи ИДМ бо мақсади тақвият додани ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ ба имзо расонида шудаанд. Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои Россия ва кишварҳои минтақа дар масъалаи марз хеле босуръат рушд намуда истодаанд.

Дар ин росто, Барномаи ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими амнияти сарҳадӣ дар марзҳои хориҷии ИДМ дар асоси Барномаи ҳамкорӣ солҳои 2014-2016 ва 2017-2019 дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм қабул карда шуд, ки ҳамкориҳои Россияро бо кишварҳои ИДМ боз ҳам наздиктар намуд. Ҳамчунин, муовини вазири дифои Россия А.Антонов ҳамкориҳои низомии Россия бо кишварҳои аъзои ИДМ ва САД-ро муҳим арзёбӣ намуда, чунин иброз намудааст: «ҳамкориҳои мо бар зидди ягон давлат нигаронида нашудааст, балки хусусияти ҳифозатӣ дорад, яъне мо дастаҷамъона бар зидди

ҳама гуна чолишҳо ва таҳдидҳои хатарзое, ки дар қаламрави кишварҳоямон ба вуқуъ меоянд, ҷавоб медиҳем» [236].

Дар баробари манфиатҳои амниятӣ, Россия дар минтақа аз манфиатҳои иқтисодӣ ва энергетикии худ басо хуб ҳимоят менамояд. Чи хеле, ки дар боло баён намудем, минтақа аз лиҳози геоиқтисодӣ барои Россия басо муҳим арзёбӣ гардида, муносибатҳои иқтисодӣ фарогири ҳамаи соҳаҳо мебошад. Гардиши молу маҳсулот миёни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо Россия тибқи сарчашмаҳо дар соли 2022 зиёда аз 42 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дода, дар савдои хориҷии кишварҳои минтақа ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд [104, с.6].

Дар соҳаи энергетикаи минтақа Россия мавқеи хуберо ишғол намудааст. Зеро, ки аксар ширкатҳои русии дар соҳаи энергетика фаъолияткунанда бо муваффақият дар минтақа лоиҳаҳои худро амалӣ намуда истодаанд. Барои мисол метавон қайд намуд, «Лукойл», «Газпром» ва «РосАтом» яке аз ширкатҳои калонтарини Россия мансуб меёбанд, ки дар соҳаи энергетика, аз ҷумла, истихроҷ ва коркарди нафт, истихроҷи гази табиӣ ва сохтани неругоҳҳои барқии обӣ ва атомӣ дар кишварҳои минтақа кор ва фаъолият менамоянд.

Ҳамин тавр, соли 2003 «Газпром» мувофиқи созишнома байни Россия ва Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар самти интиқоли гази табиӣ ба бозори энергетикии Туркманистон ворид гардид. Худи ҳамон сол «Газпром» бо ҳукумати Қирғизистон ҷиҳати дастрас намудани гази табиӣ созишномаеро ба имзо расонид. Инчунин, Россия дар ҳошияи ҳамкориҳо бо Ӯзбекистон тавассути «Газпром» ва «Лукойл» барои дарёфт, истихроҷи гази табиӣ ва рушди бахши энергетикии ин кишвар ба маблағи 2,5 миллиард доллари ИМА сармоягузорӣ ваъда намуд. Дар бозори энергетикии Тоҷикистон ва Қазоқистон низ «Газпром» ва «Лукойл» мавқеи хосаро касб менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки Россия барои сохтани НБО «Қамбаратин» ва чаҳор НБО барқии дигар дар Қирғизистон ва НБО «Сангтуда-1» дар Тоҷикистон сармоягузорӣ намудааст. Ёдовар мешавем, ки соли 2009 яке аз лоиҳаҳои

калонтарини энергетикии Россия НБО «Сангтӯда-1» дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт. Барои сохтани неругоҳи болозикр ҳукумати Россия ва ширкатҳои русии «Росатом» ва ҶДММ «Интер РАО ЕЭС» тақрибан 680 миллион доллари ИМА ва ҳукумати Тоҷикистон тақрибан 120 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ намудаанд, ки 75% саҳмияи неругоҳ ба ихтиёри Россия рост меояд [111, с.22].

Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Чин аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ мақеи хосаро касб менамоянд [133, с. 162-165]. Аз ин лиҳоз, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишварҳои минтақа Чин равобити дипломатии худро бо ин кишварҳо барқарор намуда, ҷиҳати ҳамкориҳои минбаъда мароқ зоҳир намуд. Ҳамин тавр, соли 1992, 2 январ бо Ӯзбекистон, 3 январ бо Қазоқистон, 4 январ бо Тоҷикистон, 5 январ бо Қирғизистон ва 6 январ бо Туркманистон муносибатҳои дипломатиро барқарор намуда, онҳоро ба расмият шинохт [124, с. 35]. Дар ин кишварҳои тозаистиқлол сафоратхонаҳои Чин, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 13 марти соли 1992 ба фаъолият шуруъ намуд.

Дар давоми се даҳсолаи охир Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ равобити муътадил ва дустона бидуни ихтилофи ҷиддӣ бо онҳо ҳамкориҳоро рушд дода истодааст. Сатҳи равобити сиёсии дуҷонибаи Чин ва кишварҳои минтақа афзоиши пайваста нишон медиҳад, ки ба таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар арсаҳои мухталиф мусоидат мекунад. Дар исботи гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки соли 1997 Чин дар анҷумани XV-уми ҳизби комунистии худ эълом намуд, ки пайваста барои таҳкими амнияти ҷаҳонӣ ҳама гуна муносибатҳои байналмилалии сулҳомезро пазироӣ намуда, «сиёсати ҳамсоягии нек, шарикӣ ва дустӣ»-ро дастгирӣ менамояд [139, с.160]. Дар ин росто, бо кишварҳои Осиёи Марказӣ «Созишнома оид ба ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ»-ро ба тасвиб расонида, «Эъломияи муштарак оид ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории стратегӣ»-ро дар соли 2005 бо Қазоқистон, соли 2012 бо Ӯзбекистон ва соли 2013 бо Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон ба имзо расонидааст [177, с.82].

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, Чин тавонист равобити сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятии худро бо кишварҳои ҳамсоя ба таври назаррас густариш дода, нақши худро дар минтақа фаъолона ташаккул диҳад. Ин барои Пекин дар самти таҳкими равобити дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин ба роҳ мондани шарикии стратегӣ бо Осиёи Марказӣ, ки ба манфиатҳои дарозмуддати он дар таъмини субот ва рушд дар ин фазои геополитикӣ мувофиқ буд, имкониятҳои нав кушод.

Аз лиҳози сиёсӣ таҳкими амният дар минтақа барои Чин хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро вазъи амниятии кишварҳои минтақа метавонад ба Вилояти мухтори Шинҷон Уйғур, ки барои Чин минтақаи ҳассос ба ҳисоб меравад, таъсири манфии худро расонад [116, с. 81]. Аз ин лиҳоз, Чин бо кишварҳои минтақа ҳамкории дӯстона ва шарикии стратегиро ба роҳ монда, пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз мавқеи манфиатҳои худ дар минтақа ҳимоят кунад.

Дар ин росто, ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мақсади таҳкими амнияти минтақавӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва ҳифзи марзҳо дар самтҳои гуногун ба таври зайл ба роҳ монда шудааст.

Пеш аз ҳама, ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ шуруъ аз соли 2000 рушд намуда истодааст, дар ин самти ҳамкориҳо бештар, ворид намудани аслиҳаҳои ҳарбӣ аз ҷониби Чинро дар назар дошта мешавад, ки ҳиссаи он на он қадар зиёд мебошад. Пас аз амалиётҳои террористии солҳои 1999 ва 2000 дар вилояти Ӯши Қирғизистон рухдода, маълумоте паҳн гардид, ки Чин ба Қирғизистон кӯмаки мустақими низомӣ пешниҳод намуда бошад [110, с.70-77]. Ҳамчунин, баргузор намудани машқҳои муштараки низомии зиддитеррористиву сарҳадӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ як самти ҳамкориҳои ҳарбии Чин мансуб меёбад, ба мисоли машқҳои муштараки Қирғизистону Чин: (1) дар соли 2002 машқҳои дуҷонибаи зиддитеррористӣ дар доираи СҲШ, (2) дар соли 2013 машқҳои дуҷонибаи зиддитеррористӣ (сарҳадӣ) «Фаъолиятҳои муштараки сарҳадӣ 2013» дар доираи СҲШ, (3) соли 2017 - машқҳои дуҷонибаи зиддитеррористӣ (сарҳадӣ) «Тиёншон-3» (4) дар соли 2019 -

машқҳои зиддитеррористӣ «Ҳамкорӣ-2019», ки бо иштироки воҳидҳои полиси Чин ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид.

Машқҳои муштараки Тоҷикистону Чин: (1) соли 2006 - машқҳои зиддитеррористӣ «Мутақобил-2006» бо иштироки воҳидҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Артиши озодихоҳии Чин, (2) давоми солҳои 2015, 2019 ва 2021 як қатор машқҳои зиддитеррористии якҷояи воҳидҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати бехатарии ҷамъиятии Чин баргузор гардиданд.

Машқҳои муштараки Қазоқистону Чин: (1) дар соли 2015 - машқҳои зиддитеррористии якҷояи воҳидҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Артиши озодихоҳии Чин бо номи рамзии «Шикори рӯбоҳ-2015» дар ду марҳилаи пайдарпай, яке дар заминаи маркази таълимии «Корла» дар Вилояти Шинҷон Уйғури Чин ва дигар дар ҳарбмайдонҳои таълимии «Коктал»-и вилояти Алмаатои Қазоқистон, (2) дар соли 2019 машқҳои муштараки зиддитеррористии «Шикори рӯбоҳ» ташкил карда шуданд, ки дар он воҳидҳои Вазорати дифои Ҷумҳурии Қазоқистон ва Артиши озодихоҳи Чин ширкат доштанд [63, с.149-152].

Машқҳои якҷояи Ӯзбекистон ва Чин дар соли 2019 - машқҳои таълимию амалии зиддитеррористии «Ҳамкорӣ-2019», ки дар онҳо ҷузъу томҳои полиси Чин ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ширкат варзиданд, дар қаламрави Ӯзбекистон гузаронида шуд.

Ҳамкориҳо дар самти таъмини амнияти сарҳадоти берунаи минтақа ва тадбирҳои ҳифзи сарҳад бо Афғонистон низ яке аз ҷанбаҳои ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои минтақа, алалхусус бо Тоҷикисон дониста мешавад. Дар ин ҷода, Чин ба Тоҷикистон барои ҳимоят аз таҳдидҳои беруна аз ҷониби Афғонистон якчанд маротиба кӯмакҳои молиявию техникӣ расонидааст.

Аз тарафи дигар, Чин дар доираи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» ҳамкориҳо ва рушди муносибатҳои байналмилалиро ҷиҳати ҳалли мушкилоти минтақавиву ҷаҳонӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ наздик гардонида истодааст. Дар ин росто, Чин бо ин ибтокорот мавқеи худро аз

лиҳози иқтисодӣ ва расонидани кӯмакҳои молӣ ба кишварҳои минтақа мустаҳкам месозад. Хотирнишон бояд кард, ки «Як камарбанд – як роҳ» яке аз ҷузъҳои лоиҳаи «Роҳи абрешим» ба ҳисоб рафта, бештар аз манфиатҳои геоиқтисодии Чин ҳимоят мекунад.

Дар баробари манфиатҳои геоиқтисодӣ, инчунин манфиатҳои сиёсии Чин дар доираи «Як камарбанд - як роҳ» дар минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос мегардад. Аз лиҳози сиёсӣ минтақаи Осиёи Марказӣ барои Чин аҳамияти стратегӣ дорад ва он пайваста бо Россия кӯшиш бар он медиҳад, ки аз таҳкими нуфузи ИМА дар минтақа пешгирӣ кунад. Маҳз Чин бо ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» дар минтақаи Осиёи Марказӣ якчанд манфиатҳои худро доро мебошад, ки инҳо маҳсуб меёбанд: манфиатҳои геополитикӣ, яъне ҳамсоягии минтақа бо Чин, ки дар сурати носуботии минтақа метавонад, ки ба вазъи дохилии ин давлат таъсири худро расонад [86, с.285-295]. Аз ин рӯ, ба ҳеҷ ваҷҳ Чин тарафдори ноороміҳо дар минтақа нест ва пайваста мекӯшад, ки дар таҳкими амният ва бо ин мақсад ба афзоиши нуфузи худ дар минтақа мубориза барад.

Дар баробари Россия ва Чин инчунин ИМА ҳамчун абарқудрати ҷаҳонӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хос дорад. Бояд гуфт, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, нефту газ, уран ва дигар канданиҳои қимматбаҳо бой мебошанд, ки чунин ҳолат дар самти ташаккули ҳамкориҳои ИМА бо давлатҳои минтақа бо манфиатҳои иқтисодии он мувофиқат менамояд. Ғайр аз ин, ИМА ба мисли Россия ва Чин мехоҳад, ки мавқеи геополитикии худро дар минтақа мустаҳкам намояд.

Чи гунае ки мушоҳида мегардад, аз замони фурӯпошии ИҶШС Иёлоти Муттаҳида бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои мухталифи иқтисодӣ ва низомӣ ба роҳ мондааст, ки ба мубориза бо терроризм ва экстремизм, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба кишварҳои минтақа мусоидат менамояд. Дар рафти баргузории машваратҳои навбатӣ дар формати «Осиёи Марказӣ + ИМА», ки 3 феврали соли 2020 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, котиби давлатии ИМА М. Помпео иброз

намуд, ки дар минтақаи мазкур терроризм, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хариду фурӯши одам ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор таҳдидҳои воқеӣ боқӣ мондаанд. Бо назардошти чунин вазъ тақвият додани талошҳо дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ, мубодилаи таҷриба оид ба мубориза бо терроризм, инкишофи равандҳои мусолиҳатомез ва бо роҳи сиёсию дипломатӣ ҳал намудани қазияи Афғонистон зарур шуморида мешавад [151, с. 118-119]. Дар маҷмуъ, ИМА бо ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳое, ки бевосита амнияти минтақа таъсир расонанд, ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамкориҳои ҳарбии ИМА бо Ҷумҳурии Қазоқистон хусусияти даврагӣ дорад. Ҳамкориҳои мазкур дар асоси нақшаҳои панҷсола ба роҳ монда мешаванд. Нақшаи аввал соли 2003 дар байни онҳо ба имзо расида буд ва айни замон нақшаи чорум барои солҳои 2018-2022 татбиқ гардида истодааст. Дар доираи чунин ҳамкориҳо як қатор масъалаҳои муҳимми амниятӣ, аз қабили мубориза бо терроризми байналмилалӣ, дастрас намудани намунаҳои муосири техникаи ҳарбӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи омода намудани кадрҳои ҳарбӣ ва неруҳои сулҳофар, инчунин иштироки Қазоқистон дар машқҳои ҳарбӣ пешбинӣ гардидаанд. Барои мисол, дар доираи татбиқи барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳ» Қазоқистон бо кишварҳои узви НАТО зери унвони «Уқоби даштӣ» машқҳои ҳарбӣ баргузор намуда буданд. Чунин машқҳо бо иштирок ва ҷалби мақомотҳои низомии ҷонибҳо ҷиҳати ҳимоят аз таҳдидҳои замони муосир баргузор карда мешаванд [178, с. 48-49].

Ғайр аз ин, ИМА кӯшиш намуда буд, ки Қазоқистонро дар ҳалли қазияи Афғонистон ва таъмини амнияти минтақавӣ ҷалб намояд. Дар доираи чунин ҳамкориҳо то ба сари қудрат омадани Толибон ҷониби Қазоқистон дар омода намудани мутахассисони ҳифзи ҳуқуқ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Афғонистон мусоидат мекард [260].

Ҳамкориҳои ИМА бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон каме ноҳамвор мебошанд. Як муддати муайян дар робита бо ҳодисаҳои Андиҷон Ӯзбекистон аз ҳамкориҳои густурда бо ИМА худдорӣ менамуд. Аммо соли 2018 зимни сафари президенти Ӯзбекистон Ш.Мирзиёев ба ИМА бори аввал нақшаи панҷсолаи

ҳамкориҳои ҳарбӣ ба имзо расонида мешавад. Дар доираи ин созишнома солҳои 2019-2020 бо иштироки дастаҳои таъиноти махсуси Ӯзбекистон ва Гвардияи миллии ИМА дар ҳудудҳои пойгоҳи ҳарбии Кэмп-Шелбии штати Миссисипи ва баъдан чандин машқи дигар дар ҳудудҳои Ӯзбекистон баргузор карда шуданд [267]. Инчунин, инструкторҳои ҳарбии амрикоӣ дар Академияи Қувваҳои ҳавоии Ӯзбекистон, Донишкадаи ҳарбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Вазорати мудофиаи ин кишвар ва дар мактаби олии авиатсияи ҳарбии Ӯзбекистон ба мутахассисони ҳарбӣ таълим медиҳанд [238]. Ҳамкориҳои ҳарбии ИМА оид ба мубориза бо таҳдидҳои замони муосир бо Ҷумҳурии Қирғизистон низ ба роҳ монда шудааст. Ҷониби Қирғизистон дар доираи барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳ» дар машқҳои ҳарбии НАТО иштирок менамояд.

Бо назардошти оне, ки Тоҷикистон бо Афғонистон марзи тӯлонӣ дорад, ИМА ҳамкориҳои мутақобиларо барои ҳимоят аз таҳдидҳо бо Тоҷикистонро хуб ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, дар самти омода намудани кадрҳои ҳарбӣ ва инчунин баргузор намудани машқҳои зиддитеррористӣ кӯмак мерасонад. Моҳи октябри соли 2018 ИМА ба Тоҷикистон бо арзиши 8 млн доллар воситаҳои махсуси нақлиётӣ равон намуд, ки онҳо барои корҳои иктишофӣ ва муқовимат бо таҳдиду хатарҳои аз ҷониби Афғонистон пайдошаванда пешбинӣ гардида буданд [235]. Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз аз соли 2002 Тоҷикистон дар барномаи «Шарикӣ ба хотири сулҳ» ҳамроҳ гардидааст [190].

Қайд намудан бамаврид аст, ки ИМА дар баробари ҳамкориҳои ҳарбию амниятӣ, инчунин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои иқтисод низ ҳамкориҳои густурда ба роҳ мондааст. Аммо ба назар чунин мерасад, ки ҳамкориҳои иқтисодии ИМА идомаи мантиқии ҳамкориҳои амниятии вай мебошанд. Чунин ҳолатро аз манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегии ин кишвар ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба фарқ аз Россия ва Чин амрикоиҳо ҳамкориҳои худро бештар дар шакли робитаҳои дуҷониба ба амал мебароранд. Бо ҳар кишвари Осиёи Марказӣ вобаста ба имкониятҳо ва мавқеи геополитикии онҳо муносибатҳо зоҳир мегарданд [143, с. 205-213]. Дар

маҷмуъ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ИМА минтақаи Осиёи Марказиро барои амалӣ намудани манфиатҳои геостратегии худ истифода менамояд. Ҳамкориҳо оид ба таъмини амният, пеш аз ҳама дар самти мубориза бо терроризм ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи давлатҳои минтақа мебошад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат ба минтақаи Осиёи Марказӣ нишон дод, ки дар таъмини амнияти минтақа ва ҳифзи суботу оромии он аз ҳама бештар Россия ва Чин саҳмгузорӣ намуда истодаанд. Ҳардуи ин абарқудратҳо аз амнияти Осиёи Марказӣ манфиатдор буда, ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои геополитикии худ ҳама гуна чораҳои заруриро барои пешгирии таҳдиду хатарҳои минтақаи мазкур меандешанд. Манфиатҳои амниятии давлатҳои Осиёи Марказӣ низ бо манфиатҳои геополитикии Россия ва Чин мувофиқат менамоянд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза байни онҳо низоми мукаммали амнияти дастаҷамъӣ дар доираи САД ва СҲШ ташаккул ёфтааст. ИМА бошад, бо давлатҳои минтақа бо назардошти мавқеи геополитикии онҳо ва имконияту иқтидори амниятиашон робитаҳои ҷудогонаро ба роҳ мондааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҳамкориҳои гуногунсамта бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, барои таъмини амният дар минтақа таъсири «неруи нарм»-и абрақудратҳо низ аҳамияти калон дорад, ки ин масъаларо дар зербоби оянда дида мебароем.

3.2. Таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва пешомади таъмини амният дар минтақа

Дар ҷаҳони муосир қудрат, бахусус қудрати низомӣ, бо як қатор маҳдудиятҳо ва мушкилот рӯ ба рӯ мебошад. Гарчанде ки қудрати низомӣ ҳанӯз ҳам як унсури калидии сиёсати байналмилалӣ боқӣ мемонад, таҷрибаи муосир нишон медиҳад, ки танҳо истифодаи қувва барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ кофӣ нест. Ҷангҳои тӯлонӣ, масалан дар Ироқ ва Афғонистон, нишон доданд, ки ҳатто бо истифодаи неруи низомӣ, ноил шудан ба суботи

дарозмуддат душвор мебошад. Аз ин рӯ, кишварҳо барои нигоҳ доштани нуфузи худ дар арсаи байналмилалӣ бештар ба истифодаи усулҳои нарм ва ғайринизомӣ таваҷҷуҳ менамоянд. Ба кор бурдани қувва, аз ҷумла яроқу аслиҳаи технологӣ, аксар вақт бо хавфи вусъати ғайричашмдошти низоъҳо оварда мерасонад ва кӯшишҳои ҳалли мушкилотҳои стратегӣ бо истифода аз яроқ на ҳамеша бомуваффақият мебароянд. Ин гуна усулҳои таъсиррасонӣ на ҳамеша кафолати ғалабаро дода, пас аз анҷоми он бисёре аз мушкилотҳои ҳалношударо боқӣ мегузоранд. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки нақши усулҳои таъсиррасонӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳо ва манфиатҳо дар ҷаҳони пуртазо хеле муҳим мебошад. Дар даҳсолаҳои охир гузариш аз усулҳои суннатии қувва ба равишҳои мураккабтар ва гуногунҷанба, аз ҷумла кӯшишҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ ба назар мерасад.

Дар робита ба ин, ба иқтидори «неруи нарм», ки ба таҳкими мавқеъ ва нуфуз дар арсаи байналмилалӣ бе истифодаи қувва нигаронида шудааст, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ҷ. Най дар назарияи «неруи нарм» таъкид мекунад, ки на танҳо ҷанбаи беруна ҷолиб аст, балки арзиши назарраси он дар мавқеъҳо, падидаҳо ва амалҳое инъикос меёбад, ки барои бозигарони дигари арсаи байналмилалӣ аҳамияти калон доранд. Вай таъкид мекунад, ки ҷолибияти «неруи нарм» дар муқобили усулҳои анъанавии маҷбурӣ ва тобеъсозӣ нақши муҳимро мебозад [229, с. 162-165]. Баръакси «неруи сахт» ки ба истифодаи фишор ва қувваи мустақим нигаронида шудааст, «неруи нарм» кӯшиш мекунад, ки тавассути таъсири фарҳангӣ, дипломатӣ ва стратегияҳои иқтисодӣ ҷалб ва бовар кунонад. Тафовути асосии «неруи нарм» аз «неруи сахт» дар он аст, ки «неруи нарм» тағйири афкори ҷомеа ва таҳкими манфиатҳои стратегӣ ба таври ғайримустақим таъсир мерасонад. Ин усул махсусан дар ҷаҳони бисёрқутбӣ, ки мубориза барои афкор ва нуфуз хеле муҳим шудааст, бештар самаранок арзёбӣ мегардад. Масалан, дипломатияи ваксина, ки аз ҷониби Чин ва Ғарб дар замони пандемияи COVID-19 истифода шуд, як намунаи возеҳи неруи нарм мебошад.

Дар ин росто, бояд қайд кард, ки стратегияҳои «неруи нарм» ва «неруи сахт» ба ҳам мухолиф нестанд. Барои тасдиқи ин андеша, метавон зикр намуд, ки дар ҷаҳони муосир кишварҳои қудратманд бештар ба истифодаи модели «неруи ҳушманд» (smart power) тамаркуз мекунанд, ки омезиши неруи сахт ва нармро таҷассум менамояд. Масалан, Чин бо истифода аз дипломатияи иқтисодӣ ва фарҳангӣ нуфузи худро тақвият мебахшад, дар ҳоле ки бо рушди артиш ва амалиётҳои низомӣ низ мавқеи худро ҳифз мекунад. Ин равиш нишон медиҳад, ки омезиши ду стратегия метавонад муассиртар аз истифодаи яке аз онҳо ба таври ҷудогона бошад. Ҳардуи ин стратегияҳо метавонанд дар қарина ва ҳолатҳои гуногун истифода шаванд ва самаранокии бисёрсатҳиро эҷод намоянд.

Ёдовар бояд шуд, ки илова бар ин, байни таъсири нарм ва дасткорӣ фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Таъсири нарм бо роҳи шаффоф ва содиқона муносибатҳоро барқарор мекунад, дар ҳоле ки дасткорӣ бо истифода аз усулҳои махфӣ ва ғайримустақим ба ақида ва рафтори дигарон таъсир мерасонад.

Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои асосӣ барои таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин минтақа, сарфи назар аз он ки ҳудуди сиёсиву географиаш то чӣ андоза дақиқ муайян шудааст, аз ҷониби давлатҳое ташкил ёфтааст, ки қаблан дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ қарор доштанд. Имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ бо татбиқи сиёсати мустақили худ дар ҳалли масоили минтақавӣ нақши муҳим мебозанд. Бо вуҷуди талошҳои кишварҳои минтақа барои ҳифзи мустақилияти худ, рақобати байни қудратҳои ҷаҳонӣ ба таври назаррас ба сиёсати онҳо таъсир мерасонад. Аз як тараф, ин рақобат метавонад барои кишварҳои Осиёи Марказӣ имкониятҳои иқтисодии бештар фароҳам оварад, аммо аз тарафи дигар, вобастагии аз ҳад зиёд ба як ё якчанд қудрати хориҷӣ метавонад истиқлолияти сиёсиро зери шубҳа гузорад. Дар баробари ин, онҳо барои таҳкими рушди иқтисодӣ ва амниятӣ ҳамкории гуногунҷабҳаро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Россия, ИМА ва Чин пеш мебаранд.

Бояд қайд намуд, ки дар минтақа стратегияҳои гуногуни марбут ба тамаддунҳои гуногун ва дорои хусусиятҳои ҷолиби худ рақобат мекунанд. Дар ҳамин ҳол, Осиёи Марказӣ на танҳо минтақаи рақобати нуфуз, балки субъекти мустақили сиёсӣ бо манфиатҳои миллӣ ва минтақавии худ мебошад. Ин кишварҳо дорои мероси ғании таърихию фарҳангӣ ва сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ мебошанд. Ин вижагиҳои минтақаро ҳангоми таҳияи сиёсати хориҷӣ ва стратегияҳои таъсиррасонӣ бояд ба назар гирифт, зеро надонистани ин омилҳо метавонад боиси иштибоҳот ва оқибатҳои манфии муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ гардад [150, с. 333-337]. Дар ҳақиқат, истифодаи самараноки «неруи нарм» дар Осиёи Марказӣ дарки амиқи заминаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии маҳаллӣ ниёз дорад. Фарҳанги Осиёи Марказӣ бо хусусиятҳои беназири таърихӣ, анъанаҳои қавӣ ва арзишҳои миллӣ тавсиф мешавад. Аз ин рӯ, қудратҳои хориҷӣ бояд дар барномаҳои «неруи нарм» эҳтиёткор бошанд, то ки ба ҳассосиятҳои маҳаллӣ арҷ гузоранд. Барномаҳои номувофиқ метавонанд аксуламали ҷомеаро ба вуҷуд оранд ва нуфузи кишварҳои хориҷиро заиф намоянд. Илова бар ин, мутобиқсозии бархӯрдҳо бо назардошти ин омилҳо муҳим аст, то аз нофаҳмиҳои эҳтимолӣ ҷилавгирӣ шуда, воқеиятҳои маҳаллӣ ба назар гирифта шаванд.

Минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо барои давлатҳои худ, балки барои рушди иқтисодӣ ва амниятии минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ аҳамияти стратегӣ дорад. Ин минтақа дорои сарватҳои табиӣ мебошад, ки диққати бисёре аз давлатҳоро ба худ ҷалб мекунад. Бо вуҷуди имкониятҳои фаровон, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мебошанд, аз ҷумла чолишҳои амниятӣ, бесуботии сиёсӣ дар баъзе минтақаҳо, низоъҳои қавмӣ дар кишварҳои ҳамсоя, қочоқи маводи мухаддир, таҳдиди ҷунбишҳои радикалии исломӣ ва ғайра. Бояд тазаккур дод, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистон ҳаммарз ҳастанд, ки як маркази нооромиҳост ва метавонад ба ҳамсоягонаш таъсири манфии нооромкунанда расонад.

Дар ҳамин замина, таъсири «неруи нарм», пеш аз ҳама, нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад.

Ҳамзамон, робитаҳои ин кишварҳо бо абарқудратҳо, бахусус Россия, ИМА ва Чин низ баррасӣ хоҳанд шуд, то таъсири равишҳои гуногуни «неруи нарм» ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа амиқтар таҳлил гардад.

Дар ибтидо мафҳуми «неруи нарм» дар стратегияи сиёсати хориҷии Россия мавқеи хосаро касб намекард, аммо бо тағйир ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ ин мафҳум дар Консепсияи сиёсати хориҷии он бори аввал соли 2013 мавриди истифода қароор гирифт. Гарчанде мафҳуми «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии Россия нисбат ба ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дертар ҷойгир шуд, аммо ин кишвар зуд кӯшиш кард, ки аз василаҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва таърихӣ барои нигоҳ доштани нуфузи худ дар фазои пасошуравӣ истифода кунад. Бо дарназардошти робитаҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, Россия яке аз он кишварҳоест, ки дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз унсурҳои «неруи нарм» васеъ истифода мебарад ва дар муқоиса бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ дорои як қатор бартариҳо мебошад, ки онҳо чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

Якум бо рушди равандҳои ҳамгироӣ, кишварҳои минтақа барои таҳкими манфиатҳои миллӣ ва минтақавии худ ба созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҳамроҳ гардидаанд, ки дар баъзе мавридҳо ин созмонҳо таҳти нуфузи қудратҳои бузург, алалхусус Россия амал мекунанд. Барои исботи гуфтаҳои боло метавон ҳамгироии кишварҳои минтақаро бо Россия дар доираи ИДМ ва САД мисол овард, ки ташаббусҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ҷиҳати ҳифзи сулҳу субот ва муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир алалхусус, терроризим ва экстремизмро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади ҷилавгирӣ аз таҳдидҳои замони муосир Россия барои таҳкими робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои хуберо ба роҳ мондааст. Сониян, омили дигари муҳим ва фарқкунанда ин бевосита робитаҳои зиччи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз лиҳози иқтисодӣ Россия дар савдои хориҷии кишварҳои минтақа мақоми хосаро касб менамояд. Инчунин, шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии ин кишварҳо барои беҳтар намудани вазъи иқтисодии худ ин кишварро ҳамчун самти асосӣ интихоб

мекунанд, ки ин раванд ба муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ таъсири назаррас мерасонад [132, с. 225-233]. Дигар ҷанбаи муҳим, ин ҳамчун воситаи муошират ҳифз гардидани забони русӣ дар минтақа дониста мешавад. Забони русӣ ҳамчун як василаи муҳимми дипломатияи нарм ва асбоби таъсири фарҳангӣ барои Россия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Гарчанде ки баъзе кишварҳои минтақа кӯшиш мекунанд, истиқлолияти фарҳангии худро таҳким бахшанд, мавқеи забони русӣ дар бахшҳои таҳсилот, ВАО ва робитаҳои тиҷоратӣ ҳанӯз ҳам хеле қавӣ боқӣ мемонад. Ғайр аз ин, дар кишварҳои минтақа шумораи ақалиятҳои рус нисбат ба дигар минтақаҳо бештар мебошад, ки ин омил низ ба робитаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсири ногусастании худро мерасонад.

Қобили зикр аст, ки Россия ҳузури фарҳангӣ ва иҷтимоии худро дар Осиёи Марказӣ тавассути ниҳодҳои зерин, аз қабили бунёди «Русский мир» ва маркази «Россотрудничество» фаъолона нигоҳ медорад. Ҳадафи асосии ин созмонҳо тарғиби забони русӣ ва дастгирии ҳамватанони рус дар хориҷ дониста мешавад. Аз рӯи шумораи намояндагиҳо, тақсими онҳо дар миёни кишварҳои минтақа чунин аст: се марказ дар Қазоқистон, ду марказ ва як бунёд дар Қирғизистон, як марказ дар Тоҷикистон ва чаҳор бунёд дар Ӯзбекистонро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба дигар кишварҳои минтақа дар Туркманистон то ба имрӯз ягон ниҳоҳодҳои болозикр мавҷуд нестанд [70, с.237-254].

Дар ин росто, маркази «Россотрудничество» нақши калидӣ дорад, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ намояндагӣ дорад. Ҳадафи асосии фаъолияти маркази ин дар ташкили вохӯриҳои ҳамватанон, мусоидат ба ҳамкориҳои башардустона, таҳкими шарикӣ ва дастгирии ҳамкориҳои донишгоҳҳои минтақа ва Россия дар бахшҳои гуногунро равона карда шудааст [244].

Таҳсилоти олӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои калидии «неруи нарм» баромад намуда, унсури таъсиррасонӣ ба афкор, арзишҳо ва сиёсати ҷомеа хизмат мекунад. Он ба рушди фарҳангӣ, илмӣ ва иҷтимоии кишварҳо мусоидат намуда, заминаи ҳамкориҳои

байналмилалӣ ва паҳн намудани таъсири идеологиро фароҳам меорад [126, с. 200-205]. Дар ин росто, бо истифода аз унсури мазкур Россия имкониятҳои васеъро доро буда, тавассути пешниҳоди барномаҳои таълимии рақобатпазир, идрорпулиҳо барои донишҷӯёни хориҷӣ ва густариши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар хориҷ нуфузи худро тақвият дода истодааст [170, с. 88-89]. Зеро, омода намудани донишҷӯёни хориҷӣ аксар вақт иштирокро дар ташаккули элитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра дар кишварҳои хориҷӣ имконпазир месозад. Ёдовар бояд шуд, ки Россия таърихан дар низоми таҳсилоти олӣ мақоми хос дорад ва имрӯз низ ин унсурро ҳамчун воситаи таҳкими нуфузи худ дар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон истифода мебарад [107, с.143-144].

Ҳамчунин, ҷалби довталабон аз кишварҳои гуногун ба муассисаҳои таҳсилоти олии Россия яке аз стратегияи муҳимми рушди сиёсати хориҷии ин кишвар дониста мешавад. Аз ин рӯ, дар баробари ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ инчунин, бо мақсади васеъ намудани таъсири худ дар фазои кишварҳои минтақа, Россия филиалҳои донишгоҳҳои пешсаф, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносовро дар шаҳрҳои Остона ва Душанбе таъсис додааст. Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои таълимӣ ва илмию фарҳангӣ муассисаҳои муштараки таҳсилоти олӣ, ба монанди Донишгоҳи славянии Қирғизистону Россия ба номи Б. Н. Елтсин ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия таъсис ёфтаанд, ки дар онҳо шаҳрвандони кишварҳои минтақа имкони таҳсил тибқи низоми таҳсилоти олии Россияро доранд.

Албатта, сохторҳо ва самтҳои баррасишуда танҳо як қисмати механизмҳои истифодаи «неруи нарм»-и Россияро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, ВАО-и Россия, калисои православии рус, кино, театрҳо ва дигар соҳаҳо низ мавҷуданд, ки ҷиҳати тарғиб ва ташвиқи манфиатҳои ин давлат ҳиссаи хосаеро касб менамоянд. Масалан, дар Қазоқистон расонаҳои русӣ ба таври васеъ паҳн шудаанд, тақрибан нисфи радиостансияҳои ин кишвар бо забони русӣ пахш мегардад ё бо иҷозатномаи Россия фаъолият мекунанд ва шабакаҳои телевизионии он хуб муаррифӣ

шудаанд [90, с. 119-128]. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Россия барои ҳузураш дар минтақа аз «неруи нарм» истифода мекунад, аммо дар бораи мавҷудияти стратегияи ягонаи Россия дар мавриди истифода аз «неруи нарм» ҳарф задан душвор аст.

Осиёи Марказӣ низ як минтақаи мавриди таваҷҷуҳи стратегии ИМА дониста шуда, барои таҳкими нуфуз дар минтақа сиёсати «неруи нарм»-и худро фаъолона истифода менамояд. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, бунёдҳои мухталифи амрикоӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ вуҷуд доранд, ки барномаҳои зиёди таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро амалӣ мекунанд. Аз ҷумла, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), Бунёди Сорос ва ғайра мебошанд.

Ин созмонҳо на танҳо ба таҳкими равобити байнифарҳангӣ мусоидат мекунанд, балки дар ташаккули дигаргуниҳои демократӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва навсозии системаҳои маориф дар Осиёи Марказӣ низ нақши муҳим мебозанд. Фаъолияти ин созмонҳо ба ташаккули дарки мусбати Ғарб ва фароҳам овардани фазои муколама ва ҳамкорӣ нигаронида шудааст. ИМА тадриҷан таваҷҷуҳи худро ба авлавиятҳои инсонпарварӣ, рушди иқтисодӣ, нигаҳдории тандурустӣ, демократия ва ҳуқуқҳои инсон бештар равона мекунад. Дар доираи ҳадафи умумии ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, сиёсати пешгирифтаи ИМА ба коҳиши хатари ифротгароӣ ва зиддиғарбгароӣ, ки метавонанд боиси бесуботии минтақа гарданд, равона шудааст [226, с. 61-66]. Дар ин замина, минтақа як ҷузъи муҳим дар пиёда намудани стратегияи ҷаҳонии ИМА боқӣ мемонад. Зеро, барои расидан ба ҳадафҳои геополитикии худ ИМА дар қораи Авруосиё бештар кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки аз манфиатҳои худ дар баробари Россия ва Чин дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ ҳимоят кунад. Аз ин рӯ, нақш ва аҳамияти Осиёи Марказӣ барои ИМА барои нигоҳдоштани фишангҳои манфиатҳои худ беш аз пеш муҳим арзёбӣ карда мешавад [224].

Барои татбиқи консепсияи «неруи нарм» ИМА аз марказҳои захиравии худ, аз ҷумла марказҳои сафоратхонаҳо ва маҷмааҳои хурди китобхонаҳо, ки

дар пешбурди манфиатҳои он дар Осиёи Марказӣ нақши муҳим доранд, фаъолона истифода мебарад. Теъдоди марказҳои захираҳои Амрико дар ин минтақа бо теъдоди марказҳои русӣ баробар аст - мутаносибан 52 ва 55 ададро ташкил медиҳад. Аммо дар Қазоқистон шумораи марказҳои русӣ бартарӣ дорад, дар ҳоле ки дар кишварҳои дигари минтақа марказҳои амрикоӣ аз ҷиҳати шумора бартарӣ доранд.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ибтидо ба истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ дар сиёсати хориҷии худ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Далели ин гуфтаҳо афзоиши истифодаи боргоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили Facebook, Twitter, YouTube ва MySpace мебошад, ки на танҳо дастрасии бошандагони минтақа ба иттилоотро таъмин менамояд, балки дар баъзе мавридҳо ҳамчун сарчашмаи муҳимми иттилоот низ хидмат мерасонанд. Бояд қайд намуд, ки дар шароити афзоиши таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, ИМА аз ин боргоҳҳои мазкур барои густариши неруи нарм, муқовимат ба ғояҳои ифротӣ ва таблиғи арзишҳои демократӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифода мекунад.

Ҳамчунин, дар минтақа як қатор ташкилотҳо ва созмонҳои ғайридавлатии ғарбӣ фаъолият менамоянд, ки ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои тандурустӣ ва муҳити зист нигаронида шудаанд. Агар ин равандро бо стратегияи дигар бозигарон муқоиса намоем, маълум мешавад, ки маҳз ҳамин соҳаҳо берун аз таваҷҷуҳи Россия ва Чин боқӣ мемонанд. Ин ҳолат барои густариши нуфузи сохторҳои ғарбӣ дар минтақа имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки сафоратхонаҳо ва шабакаҳои дипломатии ИМА, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ, созмонҳои гуногуни ғайриҳукуматӣ ва дигар иштирокчиён дар пешбурди «неруи нарм» дар минтақа фаъолона иштирок мекунанд [156, с. 171]. Тавассути барномаҳои гуногун онҳо тарзи ҳаёти амрикоиро ташвиқ намуда, арзишҳои либералӣ, демократӣ, аз ҷумла озодии баён, ҳуқуқи инсон ва бозорҳои озодро, ки метавонанд ба дарки ҷомеа ва эҳсосоти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ

таъсир расонанд, фаъолона тарғиб мекунанд. Масалан, фаъолияти Корпуси Сулҳи ИМА далели ин гуфтаҳост, ки ҳадафи асосии он беҳтар намудани ҳамдигарфаҳмӣ байни ИМА ва дигар кишварҳо ҳамчунин кӯмак ба амрикоиҳо ҷиҳати омӯзиши фарҳангу анъанаҳои халқҳои дигар равона шудааст, дониста мешавад. Корпуси Сулҳи ИМА, ки дар оғоз дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон фаъолият мекард, минбаъд фаъолияти худро дар ин кишварҳо қатъ намуда, айни замон танҳо дар Қирғизистон фаъолият мекунад.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳанӯз соли 1961 бо таъсис додани Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ манфиатҳои худро бо усулҳои «нарм» пеш мебарад. Ҳадафи аслии агентии мазкур гирдоварӣ ва амалӣ сохтани барномаҳои гуногуни сиёсати хориҷии ИМА, ки дар он вақт вуҷуд доштанд, маҳсуб меёфт. Ба ақидаи муҳаққиқон, дар айни ҳол Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ ба дигар кишварҳо, аз ҷумла ба кишварҳои пасошуравӣ кӯмаки ғайриҳарбӣ мерасонад [94, с. 137].

Агентии мазкур аз оғози лоиҳаи нави минтақавӣ бо номи «Энергетика дар Осиёи Марказӣ» хабар дод, ки маблағгузории 38,9 миллион доллярро дар тули панҷ сол дар назар дорад [262]. Ҳадафи аслии ин тарҳ кӯмак ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар расидан ба авлавиятҳои миллии энергетикӣ ва ҳамчунин пешбурди манфиатҳои иқтисодии марбут ба тиҷорати фаромарзии энергетикӣ мебошад. Инчунин, дар ин росто баланд бардоштани самаранокии заминаи меъёрии танзимкунандаи рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар назар аст. Интизор меравад, ки татбиқи чунин иқдомҳо на танҳо ба навсозии системаҳои энергетикӣ, балки ба таҳкими ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи энергетика мусоидат намуда, дар навбати худ устуворӣ ва суботи иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказиро афзун хоҳад кард.

Барномаҳои таълимӣ, аз ҷумла барномаҳои табодул, дар стратегияи ИМА оид ба таҳкими эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ дар Осиёи Марказӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад [145, с.170-171]. Ҳамчунин робитаҳои институтсионалӣ миёни муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои тадқиқотии Осиёи Марказӣ замина барои табодули илмӣ ва амалӣ миёни олимони ҷонибҳо фароҳам меоварад. Бояд қайд

намуд, ки ҳамасола баҳисоби миёна зиёда 1,4 миллион нафар бошандагони минтақа аз марказҳои Амрико ташриф меоранд, то ки забони англисиро омӯзанд ва аз фарҳанги Амрико ошноӣ пайдо кунанд. Аз замони истиқлолияти давлатҳои минтақа беш аз 40000 донишҷӯ, мутахассисон ва мансабдорон аз Осиёи Марказӣ барои боздид аз ИМА ҷиҳати такмили ихтисос маблағҳои амрикоӣ дарёфт кардаанд.

Иловатан, онҳо дар инкишоф ва рушди инфрасохтори таълимӣ дар минтақа фаъолона иштирок намуда, дар ҷорӣ намудани унсурҳои системаи таълимии амрикоӣ пайваста кӯшиш менамоянд. Ғайр аз таъсиси мактабҳои байналмилалӣ, ки ба шумораи маҳдуди донишҷӯён таълим медиҳанд, ҳукумати ИМА ба Донишгоҳи амрикоии Осиёи Марказӣ, ки дар Бишкек воқеъ аст, маблағгузории мустақим мекунад. Ҳамчунин, донишгоҳи мазкур ҷиҳати ҷалби ҷавонони болаёқати минтақа барои аз худ намудани донишҳои муосири ғарбӣ бо сайқал додани малакаи касбӣ, муассисаи тавсеъашаванда дониста мешавад [156, с. 172].

ИМА на танҳо ба таҳкими ҳамкориҳои таълимӣ ва илмӣ таваҷҷуҳ менамояд, балки инчунин дар самти таъмини амният ва муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир низ фаъолона саҳмгузор аст. Тибқи сарчашмаҳо, ИМА барои мубориза бо таҳдидҳо, бахусус терроризм ва экстремизм, инчунин барои таъмини амнияти марзҳо, ошкор ва пешгирӣ аз қочоқи маводи мухаддир ва таъқиби ҷиноятқорон 90 миллион доллар сармоягузорӣ намудааст. Ин маблағ барои омӯзиши маъмурони марзбонӣ, такмили таҷҳизоти амниятии марзӣ ва таъсиси 13 посгоҳи сарҳадӣ дар саросари минтақа сарфа гардидааст. Инчунин, дар маҷмуъ беш аз 70 лоиҳаҳои мухталиф дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷониби ҳукумати ИМА маблағгузорӣ мегардад.

Рушди муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳои минтақа бо ИМА бо оғози муколама таҳти унвони «Осиёи Марказӣ + ИМА» таъмин гардид, ки дар минбаъда ба таҳкими ҳамкориҳо мусоидат намуд. Марҳилаи нави ин ҳамкориҳо маҳз пас аз сафари котиби давлатии ИМА ба кишварҳои минтақа дар соли 2015 ва нахустин нишасти Котиби давлатӣ ва вазирони корҳои

хориҷии Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон оғоз гардид [106, с. 27-36]. Формати «Осиёи Марказӣ + ИМА» бо мақсади нишондодани кӯмакҳо ва авлавиятҳои ИМА дар баробари Россия ва Чин ҷиҳати бартараф намудани мушкилотҳои амниятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа таъсис дода шудааст [190].

Дар доираи ин формат, ҳар кишвар бояд ислоҳотҳоеро амалӣ созанд, ки роҳро барои сармоягузории хориҷӣ боз мекунад ва пояҳои демократияро таҳким мебахшад. ИМА дар ҳамкорӣ бо Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар ташкили шарикии сармоягузории Осиёи Марказӣ (CAIP) фаъолона ширкат меварзад, ки нақша дорад дар 5 соли оянда ба лоиҳаҳои хусусӣ дар минтақа беш аз 1 миллиард доллар сармоягузорӣ кунад. Ҳадафи ин ҳамгироӣ рушди равобити иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва рафъи оқибатҳои хисороти иқтисодии бар асари пандемияи COVID-19 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад [256].

Ҳамин тариқ, мавқеъи «неруи нарм»-и ИМА дар Осиёи Марказӣ ба далели тағйири авлавиятҳои манфиатҳои ИМА дар минтақа ва инчунин худдории кишварҳои Осиёи Марказӣ аз мутлақо пойбанд будан ба моделе, ки ИМА мекӯшад, хеле норавшан боқӣ мемонад.

Таъсири «неруи нарм»-и Чин дар минтақа ба далели афзоиши ҳузури сиёсӣ ва иқтисодии ин кишвар аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Роҳбарияти Чин бо ҳадафи густариши нуфузи иқтисодӣ, ҳавасмандсозии содирот ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои худ, инчунин таҳкими мавқеи сиёсии кишвар тавассути ҷалби ҳимояти дигар давлатҳо, механизмҳои гуногуни мусоидат ба рушди иқтисодиро фаъолона татбиқ менамояд.

Дар солҳои охир, Чин, ба ҷуз аз истифодаи воситаҳои анъанавии сиёсӣ ва иқтисодӣ, беш аз пеш аз усулҳои «неруи нарм» барои нуфузи худ дар минтақа тавассути доираи васеи лоиҳаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва тадқиқотӣ истифода мебарад. Барои Чин на танҳо густариши ҳузури худ дар Осиёи Марказӣ, балки фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди лоиҳаҳои иқтисодӣ тавассути роҳҳои анъанавӣ ва тиҷоратӣ, инчунин ҷалби созмонҳои

ғайритиҷоратӣ ва сохторҳои зеҳнӣ дар ин раванд аҳамияти стратегӣ дорад [91, с. 144-145].

Осиёи Марказӣ на танҳо ба далели ҳамсарҳадӣ доштан бо Чин, балки ҳамчун як унсури калидӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии ин кишвар мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Минтақа барои Чин, махсусан бо назардошти тағйири вазъи сиёсӣ дар Афғонистон ва ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон» дар соли 2021, аз нигоҳи таъмини суботи ҳамлу нақл ва воридоти манобеи энергетикӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Яке аз таҳдидҳои асосӣ барои Чин хатари густариши исломгароии тундрав аз Афғонистон ба кишварҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама ба Осиёи Марказӣ, мебошад, ки метавонад дар ин минтақаи ҳассос бесуботии изофӣ эҷод кунад.

Дар ибтидо, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар авлавиятҳои сиёсати хориҷии Чин мавқеи меҳварӣ надоштанд, зеро ин кишвар дар равобити худ бо минтақа бештар сиёсати эҳтиёткорона ва худдорӣ аз густариши нуфузро пеш мегирифт. Бо вуҷуди ин, аз ибтидои солҳои 2000-ум вазъият ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт. Чин, дар асоси рушди босуръати иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии худ, ҳузури худро дар минтақа тақвият бахшида, нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона густариш дод.

Дар ин марҳала нуфузи «неруи нарм»-и Чин дар Осиёи Марказӣ то андозае маҳдуд ба назар мерасид. Аммо, як қатор ташаббусҳои муҳим, аз қабили таблиғи забони чинӣ ва паҳн кардани унсурҳои фарҳангӣ, ҳамчун ҷузъҳои муҳимми «неруи нарм» ба тадриҷ вазъро тағйир доданд. Гуфтан мумкин аст, ки ин ташаббусҳо бештар ба шиносоии сокинони минтақа бо мероси фарҳангии пурғановати Чин нигаронида шуда, барои таҳкими нуфузи дарозмуддат замина фароҳам меоварданд.

Гузашта аз механизмҳои анъанавии ҳамкориҳои иқтисодӣ, Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бо таъсиси СҲШ дар соли 2001 ба таҳкими равобити бисёрҷанба ва ҳамгироии стратегӣ оғоз намуданд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон доданд, ки консепсияи «неруи нарм»-и Чин пас аз ба қудрат расидани Ҳу Ҷинтао дар соли 2002, замоне ки ӯ раиси Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Чин ва баъдан раисҷумҳури ин кишвар шуд, ба таври фаъол рушд ёфт. Маҳз дар ҳамин давра татбиқи консепсияи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии Чин як қадами муҳим арзёбӣ мешавад. Ин самт дар Анҷумани XVII Ҳизби Коммунистии Чин ба расмият дароварда шуда, дар он ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ ҳамчун ҷузъи мустақили стратегияи сиёсати хориҷӣ таъкид гардид, то ки нуфузи Чин дар арсаи байналмилалӣ таҳким ёбад. Баъдан дар соли 2011 Ҳизби Коммунистии Чин ҳуҷҷатеро бо унвони «Қарори Ҳизби Коммунистии Чин дар бораи баъзе масъалаҳои муҳимми амиқ гардондани ислоҳоти системаи маданият, мусоидат намудан ба инкишоф ва шукуфоии маданияти сотсиалистӣ» [247] қабул намуд, ки он ба тарғиботи илму маориф ва фарҳанг як ҷузъи муҳимми сиёсати берунӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои иқтисодию сиёсии Чин дониста мешавад.

Дафтари Шурои байналмилалии забони чинӣ ҳамоҳангсозии кори созмонҳои ғайритиҷоратӣ, ки забон ва фарҳанги чиниро берун аз Чин таблиғ мекунанд, таҳти назорат дорад [191]. Бояд қайд намуд, ки ин ниҳод дар ташкил ва пуштибонии тарҳҳои мухталиф, ки ба густариши забони чинӣ дар саросари ҷаҳон, ҳифз ва густариши равобити фарҳангии Чин бо кишварҳои дигар нигаронида шудааст, нақши калидӣ дорад. Институтҳои Конфутсий, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолият мекунанд, як ҷузъи муҳими дипломатияи фарҳангии Чин дониста мешаванд. Ин муассисаҳо дар заминаи марказҳои таълимӣ таъсис ёфта, дар ҳамкории фаъол бо донишгоҳҳои маҳаллӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд. Дар тамоми кишварҳои минтақа, ба истиснои Туркманистон, намояндагиҳои Институти Конфутсий мавҷуданд, ки дар таблиғи забони чинӣ ва фарҳанги анъанавӣ нақши муҳим доранд, онҳо курсҳои омӯзиши забони чиниро барои донишҷӯён ва хоҳишмандон пешниҳод мекунанд. Илова бар ин, чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, аз қабили намоишгоҳҳо, лексияҳо, намоиши филмҳо ва дигар барномаҳо барои муаррифии таърих, фалсафа, санъат ва адабиёти Чин ташкил карда мешаванд.

Ҳадафи аслии Институти Конфутсий на бештар ташаккули дастурҳои сиёсӣ ё идеологӣ, балки таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва маърифатии Чин ва Осиёи Марказӣ мебошад [127, с. 27-31].

Бо афзоиши қудрати иқтисодии Чин ва амиқтар шудани манофеъ дар минтақа, стратегияи ин кишвар дар минтақа фарогиртар ва ҳамоҳангтар шудааст. Шуруъ аз 2013 лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ», бо иштироки кишварҳои минтақа ва Чин амалӣ гардида истодаанд. Лоиҳаи мазкурро ҳамчун «неруи нарм» ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои иқтисодиву сиёсии Чин донистан мумкин мебошад. Ҳадафи иқтисодии ин иқдом тадриҷан тавсеаи робитаҳои инфрасохторӣ, ташаккули долонҳои муассири нақлиётӣ ва таҳкими равобити тиҷоратӣ, пеш аз ҳама бо минтақаҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Марказӣ мебошад.

Амалишавии иқдомоти мазкур ҷиҳати пешбурди манфиатҳои иқтисодии Чин ва тақвияти ҷанбаи фарҳангӣ ва гуманитарии сиёсати хориҷии кишварро инъикос намуда, барои эҷоди симои мусбат дар хориҷа аз захираҳои гуногун фаъолона истифода мекунад. Ин ҳам расонаҳои анъанавӣ ва ҳам шабакаҳои иҷтимоӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ ва ғайра дониста мешавад.

Қобили зикр аст, ки воситаҳои ахбори оммаи Чин асосан ба минтақа иттилоотро ба забони русӣ пахш мекунанд. Аз маъруфтарин ва бонуфузтарин нашрияҳо дар минтақа хабаргузории Синхуа ва рӯзномаи Жэньминь жибао ҳастанд, ки дар стратегияи иттилоотии Чин дар ин қисмати ҷаҳон нақши калидӣ доранд.

Ҳангоми таҳлили консепсияи «неруи нарм»-и Чин дар Осиёи Марказӣ метавон якчанд ҷанбаҳои асосиро қайд намуд. Яке аз унсурҳои муҳими он дастгирии фарҳангӣ ва башардӯстона мебошад, ки бо ташаббусҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Чин дар кишварҳои минтақа ҳамоҳанг ва ҳамзамон амалӣ мегардад. Ташаббусҳои мазкур новобаста аз вазъи сиёсӣ татбиқ мешаванд, ки ба Чин имкон медиҳанд мавқеи худро дар минтақа тавассути мусоидат ба рушди ҷомеаҳои маҳаллӣ ва таҳкими муносибатҳои мутақобилан судманд тақвият бахшад. Чин дар татбиқи неруи нарм ҳассосияти масоили сиёсиро ба

инобат гирифта, аз таҳмили арзишҳо ва субъектҳои сиёсӣ худдорӣ мекунад, ки ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи он дар муқоиса бо дигар абарқудратҳо ба шумор меравад.

Дуввум, Чин дар сиёсати хориҷии худ стратегияи бетарафиро пеш гирифта, аз дахолати мустақим ба муноқишаҳои байналмилалӣ худдорӣ менамояд, то нақши худро ҳамчун бетараф тақвият бахшад. Ин равиш дар рӯйдодҳои Афғонистон пас аз ба қудрат расидани «Толибон» (2021) ва муноқишаи Россияву Украина (2022) инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, Пекин дар ҳолати эҳсоси таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми худ, махсусан дар масъалаҳои Тайван, Баҳри Чини Ҷанубӣ ва амнияти стратегӣ тамоми воситаҳои дипломатӣ ва сиёсиро ба таври фаъол истифода мебарад. Ҳамзамон, Чин кӯшиш мекунад, ки аз вусъати муноқишаҳои мусаллаҳона пешгирӣ намуда, мувозинати стратегиро ҳифз ва хатарҳои иқтисодиву сиёсии хориҷиро коҳиш диҳад. Ин сиёсат ба он имкон медиҳад, ки нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ тавассути муколама ва таъсири иқтисодӣ тақвият бахшад. Сониян, татбиқи лоиҳаҳои «неруи нарм» дар доираи консепсияи «Ҷамъияти сарнавишти умумии башарият» қайд мегардад, ки онро Си Ҷинпин бори нахуст дар соли 2013 ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда буд. Идеяи ташаккули фазои башарият бо сарнавишти умумӣ инчунин дар ислоҳоти Конститутсияи Чин соли 2018 сабт гардидааст [192].

Кӯмакҳои башардӯстонаи Чин дар чаҳорчӯби барномаҳои рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» амалӣ мегарданд. Чин кӯшиш мекунад, ки ба кишварҳои минтақа кӯмакҳои молиявӣ ва логистикиро ройгон ё боимтиёз пешниҳод намояд, ки ин раванд ба чанд омил вобаста аст.

Аввалан, ин кӯмакҳо ба таъмини амният дар шимолу ғарби Чин, хусусан дар ноҳияи мухтори Шинҷон, рабт доранд. Чин манфиатдор аст, ки аз эҳтимоли пуштибонии миллатгароии уйғурҳо аз кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ҷилавгирӣ намояд. Дар робита ба ҳамин ҳадаф, раҳбарияти Чин барои ҳифзи амнияти муштарак дар минтақа талош менамояд. Тибқи дидгоҳи Чин,

рушди иқтисодии кишварҳои ҳамсоя метавонад ба коҳиши хатари бесуботӣ дар дохили кишвар мусоидат намояд.

Дуввум, сармоягузории Чин ба Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама бо таҳкими иқтидори иқтисодии худи Чин рабт дорад. Ҳузури Чин дар минтақа аз соли 2013 хусусияти таъсири системавӣ ва мақсаднок пайдо кардааст. Агар дар оғози солҳои 2000-ум сармоягузориҳои Чин асосан ба бахши сӯзишворӣ ва энергетика нигаронида шуда бошанд, пас дар солҳои 2010 ҳамкориҳо ба бахшҳои муҳандисӣ, инфрасохтор ва кишоварзӣ низ густариш ёфтанд [124, с. 34-43].

Асосан кӯмакҳо аз ҷониби муассисаҳои молиявии Чин дар шакли қарз бо шароитҳои мусоид пешниҳоди кишварҳои минтақа мегардад [116, с. 78-79]. Ба беҳбуди инфрасохтори энергетикии минтақа, ки лоиҳаҳои рушди лӯлаи гази Туркманистон – Ӯзбекистон – Қазоқистон – Чин ва лӯлаи нафти Атасу-Алашанкоуро дар бар мегирад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Илова бар ин, Чин барои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла сохтмони беморхонаҳо, мактабҳо ва бунёди марказҳои таълимӣ грантҳо мефиристад. Сохтмони маҷмааи бемористон дар Ӯш, бунёди мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин таъсиси синфҳои компютерӣ дар муассисаҳои таълимии Ӯзбекистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ мисоли чунин иқдомҳост. Ин лоиҳаҳо уҳдадориҳои Чинро барои беҳбуди зерсохтори иҷтимоию иқтисодии минтақа, ҳамзамон аз фарқиятҳои сиёсӣ гузаштан ва тағироти мусбати дарозмуддат ба ҷомеаҳои маҳаллӣ инъикос мекунанд.

Ҳамчун омили сеюме, ки Чинро водор месозад, ки фаъолияташро дар ин минтақа фаъол созад, метавон сатҳи пасти рақобатро, ки аз ҷониби дигар иштирокчиёни хориҷӣ пешниҳод кардаанд, номбар кард. Бо бад шудани равобити Россия бо кишварҳои ғарбӣ, таваҷҷуҳи Москва ба Осиёи Марказӣ ҳарчанд аз байн нарафтааст, вале тағйире пеш гирифтааст. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи Ғарб ба ин минтақа низ ба далели тағйири авлавиятҳои ҷаҳонӣ ва таҷдиди таваҷҷуҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ заиф мешавад.

Дар ин росто, самти дигари афзалиятнок ҷиҳати амалишавии «неруи нарм»-и Чин, ин ҷорӣ намудани мафҳуми «Ҷамъияти кишварҳое, ки сарнавишти муштарак доранд» дониста мешавад. Ин иқдомот бештар ба соҳаи илму маориф, омода намудани кадрҳои баланихтисоси соҳаи ҳаётан муҳим ва ғайра нигаронида шудааст. Чин ба фароҳам овардани муҳити таълимӣ аҳамияти бузург медиҳад, ки раванди таълим на танҳо дар заминаи азхудкунии забони чинӣ, балки дар доираи донишгоҳҳои Чин ба фанҳои гуногуни илмӣ фаъолона ҷалб карда шавад. Қазоқистон аз рӯи шумораи донишҷӯёни Осиёи Марказӣ дар донишгоҳҳои Чин муддати тӯлонӣ пешсаф буда, пайваста дар қатори даҳ кишвари беҳтарин аз рӯи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар Чин (тибқи маълумотҳои пеш аз оғози пандемияи коронавирус) қарор дорад [266].

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки гурӯҳи асосии донишҷӯёни хориҷӣ дар Чин донишҷӯёни Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошанд. Барои ин тоифаи донишҷӯён таҳсил дар Чин пеш аз ҳама имкони гирифтани таҳсилоти дастрас бо забоне мебошад, ки дар фаъолияти касбии ояндаи онҳо дар ширкатҳои чинӣ истифода хоҳад шуд. Донишҷӯён аз кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба имкониятҳои системаи таълимии Чин таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Дар байни барномаҳое, ки дар сатҳи давлатӣ ҷиҳати ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ таҳия шудаанд, метавон «Девори Бузург» ва «Анҷумани ҷазираҳои уқёнуси Ором»-ро ҷудо кард [130, с. 26-27].

Бо таҳлили усулҳои асосии татбиқи консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби Чин дар Осиёи Марказӣ метавон хулоса кард, ки Чин барои пешбурди манфиатҳои худ дар минтақа аз унсурҳои мавҷудаи «неруи нарм» пурра истифода мебарад. Ин воситаҳо равиши фарҳангию башардӯстона ва дастгирии молиявиро барои рушд тавассути пешниҳоди қарзҳо ва грантҳои алоқаманд барои лоиҳаҳои зерсохторӣ дар бар мегиранд. Ҳадафи аслии фаъол кардани усулҳои «неруи нарм»-и Чин дар Осиёи Марказӣ таъмини манофеи иқтисодӣ ва кафолати амнияту субот дар марзҳои Чин мебошад.

Муошират муассир дар доираи ин ҳамкорӣ ҳам барои Чин ва ҳам барои кишварҳои Осиёи Марказӣ нафъи мутақобила дорад. Аз як тараф, Чин

стратегияи «Як камарбанд-як роҳ»-ро бо муваффақият амалӣ сохта, ба таъсиси ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо ва коҳиш додани эҳтимоли бесуботии сиёсӣ дар марзҳояш мусоидат мекунад. Ҳамзамон, Чин ба фазои фарҳангӣ ва башардӯстонаи минтақа, ки маъмулан аз ҷониби марказҳои таҳлилии ғарбӣ ва созмонҳои ғайритиҷоратӣ бо истифода аз неруи нарм шакл гирифта шудааст, фаъолона таъсир мерасонад.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, консепсияи «неруи нарм»-и Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорои маҳдудиятҳо низ мебошад. Ин маҳдудиятҳо ҳам ба набудани объективии маълумот дар бораи хусусиятҳои қабули қарорҳои сиёсию иқтисодӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам ба нотавонии элитаи чинӣ барои ба роҳ мондани робитаи зич бо ҷомеаҳои маҳаллӣ вобаста аст [131, с. 274].

Бо дарназардошти далелҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки дар тамоюли геополитикии Осиёи Марказӣ, истифодаи неруи нарм аз ҷониби Россия, ИМА ва Чин фарқиятҳои муҳимиеро ба вуҷуд меорад, ки манофеъи стратегӣ, арзишҳо ва муносибати онҳоро бо минтақаи мазкур инъикос мекунанд. Истифодаи «неруи нарм» ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба кишварҳо имкон медиҳад, ки равобити иттифоқӣ эҷод кунанд, суботро таъмин созанд, ба рушди иқтисодӣ мусоидат ва манфиатҳои худро ҳифз намоянд.

Истифодаи «неруи нарм» ҳамчун василаи таъсиррасонӣ ба Осиёи Марказӣ ба кишварҳо имкон медиҳад, ки равобити иттифоқӣ эҷод кунанд, суботро таъмин кунанд, ба рушди иқтисодӣ мусоидат кунанд ва аз манфиатҳои худ ҳимоят кунанд.

Дар навбати худ, Россия субот ва таъмини манфиатҳои миллиро тавассути неруи нарм пеш бурда, барои ҳамгироии иқтисодӣ дар чаҳорчӯби Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва барои нигоҳ доштани нуфузи худ бо истифода аз равобити фарҳангӣ ва таърихии худ бо Осиёи Марказӣ равобити маориф ва фарҳангиро густариш медиҳад.

Дар шароити Чин, бархӯрди он ба неруи нарм бо ҳамгироии фаъоли иқтисодӣ тавассути ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» алоқаманд аст. Манфиатҳои иқтисодии Чин ба рушди инфрасохтор ва роҳҳои тиҷоратӣ нигаронида шудааст ва он саъй дорад, ки бо пешниҳоди бурсия ва эҷоди барномаҳои таълимӣ робитаҳои таълимӣ ва фарҳангиро таҳким бахшад [128, 11-18].

Дар заминаи пешомад ва дурнамои амнияти минтақавӣ таъкид кардан бамаврид аст, ки абарқудратҳои ҷаҳонӣ бо истифода аз нуфузи худ дар арсаи байналмилалӣ ва дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар муқобила бо таҳдидҳои муосир нақши калидӣ доранд. Алалхусус, бар зидди созмонҳо ва гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки бо содир намудани амалҳои зишттарин ба амнияти минтақа латма мезананд, фаъолияти босамарро ба роҳ мондаанд. Кишварҳои минтақа ҳамчун узви комилҳуқуқи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар доираи созмонҳои алоҳида ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи амниятии минтақа фаъолона баромад менамоянд.

Айни замон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм ҳамкориҳои мутақобиларо дар доираи Маркази зиддитеррористии ИДМ, САД, СҲШ ва Гурӯҳи Авруосиёӣ оид ба мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондаанд. Ин раванд дар ҳалли мушкилоти марбут ба таҳдидҳои эҳтимолии дохилӣ ва хориҷӣ ва ҳамчунин зарурати таҳкими суботи сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳои минтақа заминаи хуберо фароҳам меоварад.

Дар ҷаҳони муосир масъалаи таъсири ҷаҳонишавӣ ба афзоиши таҳдидҳо, аз қабили терроризм, экстремизм ва ҷинояткории фаромарзӣ махсусан муҳим аст. Ҳарчанд ин таъсир на ҳамеша мустақим аст, он тавассути ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ зоҳир шуда, ба афзоиши бесуботӣ мусоидат мекунад. Ҷаҳонишавӣ метавонад зиддиятҳои иҷтимоиро тезу тунд гардонад, роҳҳои нави таъсиррасонии идеологиро ба вуҷуд орад ва дастрасиро ба

захираҳо ва технологияҳое, ки қувваҳои харобкор истифода мебаранд, соддатар гардонад [155, с. 90-92].

Аз ҷумлаи масъалаҳои марбут ба таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризми байналмилалӣ, фаъолияти гурӯҳҳои таблиғкунандаи ақидаҳои ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, қочоқи аслиҳа, шустушӯи пул, муқовимати ошкорои давлатҳои зиёд барои амалӣ намудани манфиатҳои худ, эҳтимоли истифодаи террористон аз силоҳи ҳастаӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ё паҳн намудани мафкураи ифротгароӣ, ки одамонро ба содир намудани амалҳои террористӣ даъват мекунанд ва ғайра хеле мубрам гардида истодаанд ва заминаи тавсеаи терроризм ва экстремизм ба шумор мераванд [163, с. 108-113].

Бояд таъкид намуд, ки муборизаи дастаҷамъонаи ҷомеаи байналмилалӣ алайҳи таҳдидҳои муосир сол то сол тақвият меёбад. Бо вуҷуди ин, равандҳои мавҷуда ҳанӯз ҳам дорои баъзе норавшаниҳо ва мавқеъҳои номуайян мебошанд, ки дар баъзе мавридҳо чунин тасаввурро ба вуҷуд меоранд, ки кишварҳои пешрафта дар ин раванд бо самимияти комил амал намекунанд. Ин номуайяниҳо метавонанд натиҷаи ихтилофи манфиатҳо, сиёсати дугона ва равишҳои мухталиф дар муносибат бо таҳдидҳои глобалӣ бошанд. Дар ин замина, вазифаҳои афзалиятноки ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, дар самти муқовимат бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, метавонанд ба чор самти асосӣ тақсим карда шаванд. Якум, маҳдудсозӣ ва аз байн бурдани фазои фаъолияти террористӣ, ин раванд на танҳо дар баробари мубориза бо гурӯҳҳои террористӣ, балки тавассути коҳиши шароит ва муҳитҳое, ки имкони густариши онҳо вуҷуд дорад, бояд амалӣ карда шавад. Дуввум, аз миён бурдани сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ки фаъолияти террористиро ҳифз ва густариш медиҳанд, инчунин бартараф намудани омилҳое, ки чораҳои зиддитеррористиро заиф мегардонанд. Ин раванд метавонад бо роҳҳои таҳкими назорати молиявӣ, ошкорсозии сарчашмаҳои ғайриқонунии маблағгузорӣ ва маҳдуд кардани ҳамкории иқтисодӣ бо гурӯҳҳои дорои ангезаҳои ифротӣ сурат гирад. Севвум,

ворид шудан ба шабакаҳои террористӣ ҷиҳати ошкорсозӣ ва таҳлили сохторҳои дохилии ташкилотҳои террористӣ, шеваҳои ҷалби аъзо ва механизмҳои идоракунии онҳо аҳамияти хосса доранд. Ин кор бидуни ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумоти иктишофӣ байни кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ғайриимкон мебошад.

Чорум, ҷудо кардани мафҳумҳои экстремизм ва терроризми ба дин нисбатдодашуда аз таълимоти аслии ислом яке аз муҳимтарин ва мураккабтарин равандҳоест, ки ниёз ба таҳлили амиқ ва ҳамкории мутақобила байни олимон, муҳаққиқони динӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ дорад.

Ба таври куллӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм талабгори ҳамоҳангсозии ҷаҳонӣ, истифодаи васеи механизмҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Муҳим он аст, ки ин раванд бо назардошти воқеиятҳои муосир ва бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ гардад.

Барои татбиқи он на танҳо заминаи ҳуқуқии байналмилалиро такмил додан, балки ҳамчунин ташаккул додани неруҳои махсуси миллӣ, ки қодир ба вокуниши муассир ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав мебошанд, зарур аст. Аммо аз ҳама муҳиммаш таъмини ҳамкории глобалии байни ҳамаи давлатҳост, зеро таҳдиди терроризм ва экстремизм хусусияти фаромиллӣ дошта, бо марзҳои ҷуғрофӣ ва сиёсӣ маҳдуд намешавад. Созмонҳои террористӣ аз фанноварихои муосир, шабакаҳои иттилоотию иртибототӣ ва усулҳои таблиғотии чандир истифода мебаранд, ки мубориза бо онҳо дар сатҳи як кишвари алоҳидаро мушкил мекунад. Аз ин рӯ, танҳо дар сурати муттаҳид сохтани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудан мумкин аст.

Ҳамчунин, таъсис ва рушди сохторҳои гуногуни зиддитеррористӣ, ташаккули махзанҳои махсуси иттилоотӣ, инчунин табодули фаъоли иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалҳои байни давлатҳо қадамҳои муҳим дар самти муқовимат бо таҳдидҳои замони муосир аз ҷумла терроризм ва экстремизм мебошад. Ин тадбирҳо ба мустаҳкам шудани ҳамкории муштарак ёрӣ мерасонанд ва ба мо имкон медиҳанд, ки ба душвориҳои ба амаломада зудтар

ҷавоб дихем. Ҳамкории байни кишварҳо оид ба ин масъалаҳо ба таъмини ҳамоҳангӣ ва баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои ҳамаҷонибаи пешгирии амалҳои террористӣ, фароҳам овардани заминаҳои субот ва амният дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Зеро нишонаҳои муваффақият дар мубориза бо терроризм бояд вокуниши зуд ва муассир ба амалҳои террористӣ ва қобилияти пешгирии онҳо дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки ҷанбаҳои дигари терроризм ва экстремизми байналмилалӣ усулҳои якҷониба, сиёсати дугона ва маблағгузории терроризм ва экстремизм ба паҳншавии он мусоидат мекунанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амалкарди Амрико дар Афғонистон якдилона вокуниш нишон дод, аммо масъалаи Ироқ ихтилофи бозигарони калидӣ дар ҷаҳонро ба бор овард [242]. Ихтилофот ба дидгоҳҳои зиддунақизи мушкилоти терроризм, тафовут дар бархӯрд ба ҳалли мушкилоти мубориза бо терроризм марбут буданд.

Ғайр аз ин, дар ҷаҳони муосир барои зуҳури терроризми ҳастаӣ шароит ба вуҷуд омадааст: мавҷудияти шумораи кофии зиёди кишварҳои ҳастаӣ, ки ба ҳамдигар даъвоҳои сершумор доранд, мавҷудияти давлатҳои ҳастаии абарқудрат ва даҳҳо кишварҳои муддаӣ, ки иқтидори тавоно ба вуҷуд меоранд, барои минбаъд паҳн шудани яроқи ҳастаӣ, ҷамъ шудани коркардҳои он, мавҷуд будани объектҳои ҳарбӣ ва ғайриҳарбӣ объектҳои амалиёти террористӣ шуда метавонанд. Хушбахтона, то ба имрӯз, ҷаҳон ҳанӯз бо хатари эҳтимолии терроризми ҳастаӣ рӯ ба рӯ нашудааст. Аммо, агар чораҳои пешгирикунанда андешида нашаванд, чунин таҳдид метавонад афзоиш ёбад.

Таҳдидҳои терроризм ва экстремизм имрӯзҳо аз ҳудуди миллии давлатҳо берун рафта, ранги барҷастаи мазҳабӣ, умдатан ақидаҳои исломӣ касб мекунад ва зери шиори онҳо гурӯҳҳои террористии дигар бо онҳо мепайванданд. Дар фаъолияти зиддитеррористӣ муҳимтарин вазифаи мубориза барои ба даст овардани зеҳну шуури мусулмонон аст. Чунки дар Ховари Миёна ва умуман дар олами ислом ҳодисаҳои печида, тарканда ва пешгӯинашаванда рух медиҳанд. Бархе аз сиёсатшиносоне, ки ин назарияро таҳия мекунанд, бар ин назаранд, ки пас аз анҷоми давраи муқовиматҳои идеологӣ ҷаҳон худро ба

блокҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ тақсим кардааст. Дар ин замина аҳамияти омили динӣ бештар шудааст, зеро он ба як воситаи муҳим дар дасти қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои расидан ба мақсадҳои геополитикии худ табдил ёфтааст [148, с. 26-30]. Дар воқеъ, истифодаи ангезаҳои динӣ метавонад таъсирро тақвият бахшад, мудохилаҳоро асоснок кунад ва онро фишанги тавоно дар стратегияи сиёсати ҷаҳонӣ гардонад.

Дар ҷаҳони муосир чунин ҷудоӣ бо пайдоиши зуҳуротҳои номатлуб ба монанди терроризм ва экстремизм, ки аксаран бо ислом иртибот дорад, ҳарчанд рӯякӣ ва нодуруст аст, бештар мешавад [165, с. 25]. Тамоюли тақсимоти ҷомеаи ҷаҳонӣ бар асоси тафовути мазҳабӣ ва фарҳангӣ ба мусулмонон ва ғайримусулмонон барои суботи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дорад. Хавфи ин раванд дар он аст, ки онро на танҳо рӯзноманигорон, балки бархе аз олимон ва сиёсатмадорон низ мавриди баҳс қарор медиҳанд, ки баъзан кӯшиш мекунанд, ки ин тақсимотро ногузир муаррифӣ кунанд. Ин дидгоҳ метавонад нобоварии мутақобиларо афзоиш диҳад ва ташаннуҷро афзоиш ва барои низоъҳо ва нофаҳмиҳо байни фарҳангҳо ва ҷомеаҳои гуногун заминаҳои боз ҳам бештар эҷод кунад.

Аз диди муҳаққиқон, омили исломӣ, ки як падидаи нави геополитикӣ маҳсуб мешавад, дар ташаккули афкори ҷомеа ва сиёсати давлатҳои алоҳида таъсири назаррас дорад. Аҳамияти он чи дар сатҳи сиёсати ҷаҳонӣ ва чи дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ торафт бештар намоён мегардад. Таъсири ин омил дар паҳлуҳои гуногун - аз равандҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ то тасмимҳои стратегии давлатҳо зоҳир мешавад. Он метавонад ҳам ба таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ ва эҷоди хатҳои нави ташаннуҷ ва зиддиятҳо мусоидат кунад, ки онро ҷузъи муҳимми таҳлили манзараи геополитикии муосир месозад [95, с. 141-145].

Мавриди зикр аст, ки муҳити динӣ бахусус бо як қатор сабабҳо ба идеологияи радикалӣ ва паҳншавии ақидаҳои ифротӣ осебпазир аст. Баъзе аз омилҳои асосии ба экстремизм ва шомилшавӣ ба гурӯҳҳои террористӣ мусоидаткунанда паст будани саводнокии динии аҳолӣ, маҳдуд кардани

ҳуқуқу озодиҳои динӣ, инчунин таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд, ки боиси ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳо мегарданд. Ҷорӣ намудани шаклҳои сиёсии ғайрианъанавии ислом ва паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ аксар вақт омили ҷалби мардум ба ҳаракатҳои хушунатомез мегардад, ки мушкилоти амнияти дохилӣ ва ҳамбастагии байни мазҳабҳоро шадидтар мекунад.

Дар маҷмуъ, барои арзёбии самаранокии ҳамкорӣ дар самти ҳамоҳангсозии фаъолияти зиддитеррористӣ якчанд меъёрҳои асосиро метавон муайян кард. Якум, ин ҳамоҳангсозии амалҳо мебошад, ки ташкили ҳамкории самарабахши байни давлатҳо ва созмонҳои гуногунро дар бар мегирад. Сониян, як ҷанбаи муҳим нигоҳ доштани мувозинати қудрат ва истифодаи усулҳои ғайринизомии мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошад, ки хатарҳоро ба шаҳрвандони осоишта кам карда, амнияти ҷамъиятиро таҳким мебахшад. Дар ниҳоят, як омили муҳим рахна кардани шабакаҳои молиявии террористӣ мебошад, ки бояд дар чаҳорчӯби меъёрҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои созмонҳо, аз қабили Гурӯҳи кории молиявӣ барои пешгирии пулшӯӣ ва маблағгузории терроризм анҷом дода шавад.

Бо дарназардошти самаранокии мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ, дар сатҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ татбиқи иқдомоти зерин барои тақвияти низоми амниятӣ ва муқовимат бо терроризм ва экстремизм зарурӣ арзёбӣ мегардад:

Якум, таҷдиди назар ва таҳияи стратегияи ҳамоҳангшудаи минтақавӣ бо роҳандозии равишҳои мутобиқ ба таҳаввулоти геополитикӣ ва истифодаи дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи амният ва идоракунии хавфҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ; дуввум, мукаммалсозии ҳамкориҳои иттилоотӣ ва таҳкими механизмҳои ҳамгироии амниятӣ тавассути эҷоди шабакаи ягонаи мубодилаи маълумот ва коркарди усулҳои ҳамоҳангшудаи зиддитеррористӣ миёни кишварҳои минтақа бо таъкиди истифодаи технологияҳои рақамӣ ва васоити муосири иктишофӣ; сеюм, такмили механизми татбиқи қонунҳои зиддитеррористӣ ва таҳкими назорати онҳо бо мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба стандартҳои

байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи қонунҳои зиддитеррористӣ тавассути такмили низоми назорат ва масъулияти ниҳодҳои дахлдор; чорум, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати коҳиши омилҳои мусоидаткунандаи ифротгароӣ бо роҳандозии барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, коҳиши бекорӣ, мубориза бо камбизоатӣ ва густариши имкониятҳои таҳсилоти босифат ҳамчун воситаҳои муҳимми пешгирии шиддат гирифтани равандҳои ифротгароӣ; панҷум, ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва маърифати сиёсӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон аз хатарҳои экстремизм ва терроризм тавассути татбиқи механизмҳои муассири иттилоотӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳамгироии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат бо таҳдидҳои идеологӣ.

Дар маҷмуъ, амалисозии ин тадбирҳо на танҳо ба таҳкими амнияти минтақавӣ мусоидат менамоянд, балки боиси рушди ҳамгироии стратегӣ ва ҳамкории устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо таҳдидҳои муосири амниятӣ мегарданд.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Таҳлили илмии ҳамаҷониба ва амиқи масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба мо имкон дод, ки хулосаҳои мушаххаси зеринро пешниҳод намоем:

1. Бо боварии том метавон гуфт, ки дар илми муосир равиши ягонаи омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо, алалхусус терроризм ва экстремизм, мавҷуд нест. Таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии таҳдидҳо ба амнияти минтақавӣ нишон дод, ки имрӯз мафҳуми умумипазируфташуда ва универсалии таҳдидҳо, терроризм ва экстремизм вуҷуд надорад. Сарфи назар аз назарияҳои сершуморе, ки дар асоси равишҳои институтсионалӣ, рафторӣ, иҷтимоӣ ва сохторӣ-функсионалӣ таҳия шудаанд, мубориза бо ин таҳдидҳо ҳамчунон вазифаи мураккаб ва бисёрҷанба боқӣ мемонад. Гуногунии равишҳои илмӣ мушкилоти эҷоди усулҳои муассир ва ҳамаҷонибаи мубориза бо ин таҳдидҳоро, ки муносибати ҳамаҷониба дар сатҳи байналмилалиро тақозо менамояд, таъкид мекунад. Ба андешаи мо, барои омӯзиши таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва экстремизм, нисбатан самараноктар равиши институтсионалӣ мебошад, ки таҳлили институтҳои сиёсиро тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар бар мегирад. Истифодаи равиши институтсионалӣ имкон медиҳад, ки терроризм ва экстремизмро ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ баррасӣ кунем, ки сохтор доранд ва дар доираи механизмҳои муайяни институтсионалӣ амал мекунанд. Ба таври институтсионӣ мубориза намудан бар зидди терроризм таъсиси сохторҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад, ки ба ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими чораҳои зиддитеррористӣ дар сатҳҳои гуногун нигаронида шудаанд.

2. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти давлатии худро эълон намуда, дар роҳи ташаккули давлатдории миллӣ гомҳои аввалини худро гузоштанд. Мутаассифона, дар шароити соҳибистиқлолии давлатҳои минтақа як қатор

таҳдиду хатарҳое пайдо шудаанд, ки амният ва суботи кишварҳои мазкурро зери хавфу хатари ҷиддӣ қарор додаанд. Дар байни онҳо терроризм ва экстремизм таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии кишварҳои минтақа ба шумор мераванд. Айни замон аз ҷониби мақомоти судии давлатҳои Осиёи Марказӣ номгӯи мушаххаси ташкилотҳои террористию экстремистӣ таҳия карда шудаанд. Мутаассифона, созмонҳои террористии мазкур дар фазои сиёсию идеологии минтақа фаъолияти густурда ба роҳ монда, марҳила ба марҳила аз ҳисоби шаҳрвандони давлатҳои Осиёи Марказӣ сафҳои худро пурра месозанд. Тули солҳои охир бо тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд тарғибу ташвиқ гардидани ғояҳои тундгароӣ мушоҳида мегардад.

Ғайр аз ин, дар моҳи августи соли 2021 баъди ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ беш аз пеш муташанниҷ гардида истодааст. Хавфи ба лонаи террористон табдил ёфтани ҳудудҳои Афғонистон ва ба кишварҳои Осиёи Марказӣ интиқол дода шудани низоъҳои мусаллаҳона ба миён омадааст. Чунин вазъ тақозо менамояд, ки ҷиҳати пешгирии амалҳои террористӣ ва коҳиш додани таъсири фаъолияти экстремистии созмонҳои тундгаро чораҳои иловагӣ андешида шаванд. Бо ин мақсад, тули чанд соли охир давлатҳои Осиёи Марказӣ фаъолияти зиддитеррористии худро пурзӯр намуда, дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба ҳамкориҳои густурдата эҳтиёҷ доранд [6-М]; [9-М].

3. Имрӯзҳо, дар самти мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар чолишҳои хатарзо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши калидӣ доранд. Дар ин замина кишварҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои худро тавқият дода, бар зидди гурӯҳҳо ва созмонҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ мубориза бурда истодаанд [10-М]. Ҳамгироии кишварҳои минтақа дар ин самт дар доираи СММ басо назаррас дониста мешавад. Ҳамчунин, бо риояи қатъии талаботи қатъномаҳои Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ҳар сол ба Кумитаи зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид гузоришҳои миллиро дар бораи фаъолиятҳои дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм

анҷомдодашуда аз ҷониби онҳо пешниҳод карда мешавад [7-М]; [8-М]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзояндаи таҳдидҳои байналмилалӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳамкории фаъолона байни худ ва ҳамчунин ба созмонҳои байналмилалӣ барои эҷоди механизмҳои муассири мубориза бо ин таҳдидҳо саҳми назаррас доранд. Шарикӣ дар доираи созмонҳо, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар иттиҳодияҳои минтақавӣ ба таҳкими институтҳо ва рушди заминаи қонунгузории мубориза бо терроризм ва экстремизм мусоидат мекунад. Таъсиси марказҳои зиддитеррористӣ ва табодули иттилоъоти иктишофӣ имкон медиҳад, ки талошҳои кишварҳои минтақа дар мубориза бо ин таҳдидҳои ҷаҳонӣ ҳамоҳанг шаванд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм ба ҳамкориҳо бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Аз замони таъсиси ИДМ мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ҳамчун як фаъолияти дастаҷамъии кишварҳои узви он расман шинохта шуда, дар Оинномаи созмон дарҷ карда шудааст. Дар доираи Иттиҳод як қатор барномаҳои муштарак таҳия ва татбиқ шудаанд, ки ба мубориза бо ҷиноятқории муташаккил ва дигар хатарҳо дар ҳудуди давлатҳои аъзо нигаронида шудаанд. Дар вокуниш ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар соли 2000 Маркази зиддитеррористии ИДМ таъсис дода шуд, ки унсури муҳимми ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои узв дар муқобила бо таҳдиди террористи ва экстремистӣ гардид. Татбиқи ин санадҳо ва созишномаҳо дар мубориза бо терроризм, бояд натиҷаи зарурӣ бахшад [8-М].

Дар мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва нишон додани ташаббусҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкории кишварҳои узв дар ин самт Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ саҳми назаррас дорад. Айни замон нигаронии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби САД аз он иборат аст, ки оқибатҳои даргириҳои мусаллаҳона дар Афғонистон то ҳадди ақал коҳиш

дода шавад, ҳузури созмонҳои террористӣ дар ин кишвар ва эҳтимолан ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфтани онҳо пешгирӣ гардад [4-М].

4. Мисоли дигари барҷастаи ҳамкории самарабахши байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай дониста мешавад. СҲШ дар марҳилаи кунунӣ ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм, фундаментализми исломӣ, сепаратизм ва созмонҳои экстремистӣ нақши калидӣ мебозад. Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ на танҳо ба муттаҳидсозии талошҳо, балки ба ҳамоҳангсозии амалҳои кишварҳои узв дар посух ба ин чолишҳо, таъмини муқовимати бештари муассир ба таҳдидҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Кишварҳои узви СҲШ барои мубориза бо терроризм заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд, ки тадбирҳои ҳамоҳангшудаи зиддитеррористиро дар қаламрави онҳо пешбинӣ мекунад [3-М].

5. Давлатҳои абарқудрат аз қабили Россия, ИМА ва Чин се бозигарони асосӣ дар минтақа дониста шуданд. Ҳар кадоме кӯшиш бар он менамояд, ки дар минтақа ҷойгоҳи хосаро дошта бошад, то ки тавонад аз манфиатҳои худ ҳифозат кунад. Зеро, ба андешаи муҳаққиқони соҳа, минтақа аз лиҳози геополитикӣ барои давлатҳои абарқудрат басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Агар ба муносибатҳои давлатҳои абарқудрат дар минтақа назар афканем, мебинем, ки дар минтақа аз лиҳози ҳарбию низомӣ Россия нисбат ба дигар абарқудратон комилан пешсаф аст, зеро вай ягона кишваре мансуб меёбад, ки пойгоҳҳои худро дар минтақа ҷойгир намуда, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар доираи созмонҳои минтақавӣ хуб ба роҳ мондааст. Умуман, таърихи муносибатҳои кишварҳои минтақа бо Россия ҳанӯз аз охирҳои асри XVIII шуруъ гардида, дар даврони Шуравӣ шакли муайянеро соҳиб гардид ва айни замон баъди соҳибистиқлолии кишварҳои минтақа дар ҳоли рушд қарор дорад. Бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо Россия дар таҳкими амнияти минтақавӣ нақши калидӣ мебозад. Гарчанде, ки кишварҳои минтақа

дар алоҳидагӣ қобилияти истодагарӣ намудан бар зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумлаи терроризм ва экстремизмро дороанд [7-М].

6. Консепсияи «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чинро таҳлил намуда ба хулоса расидем, ки мавҷудияти неруи нарм, аз як тараф, ба таҳкими ҳамкориҳои байни давлатҳо, фароҳам овардани заминаҳои ҳамкориҳои устувор дар соҳаҳои фарҳанг, иқтисодиёт ва маориф мусоидат намояд. Аз тарафи дигар, истифодаи «неруи нарм» метавонад дар пешбурди манофеи геополитикӣ дар баъзан мавридҳо боиси ташаннуҷ ва рақобат миёни кишварҳо гардад. Дар шароити фазои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Россия фишангҳои неруи нарми худро бештар ба пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангӣ равона сохтааст ва забони русиро фаъолона тарғиб намуда, барномаҳои таълимӣ ва табодули фарҳангиро рушд медиҳад. ИМА ба тарғиби арзишҳои демократӣ, татбиқи лоиҳаҳои таълимӣ ва башардӯстона, инчунин фароҳам овардани имкониятҳо барои ташаббусҳои ҷавонон диққати махсус зоҳир намудааст. Чин дар доираи стратегияи худ бо номи «Як камарбанд - як роҳ» ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, рушди лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва пешбурди барномаҳои фарҳангӣ тавассути шабакаи институтҳои забон ва фарҳанги чинӣ такмил медиҳад. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки «неруи нарм» барои таҳкими нуфузи абарқудратҳо дар минтақа бо ҳадди ақали зарурати дахолати мустақими сиёсӣ ё низомӣ самаранок истифода шавад.

Сарфи назар дастовардҳо, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ як вазифаи мураккаб ва бисёрсоҳавӣ боқӣ мемонад. Ин на танҳо ҳамоҳангсозии ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, балки саъю кӯшишро барои таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, беҳтар намудани амнияти шаҳрвандон ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ тақозо мекунад. Минтақа бо мушкилоти афзояндаи ифротгароии ҷавонон, рушди шабакаҳои ҷиноии фаромиллӣ ва афзоиши нақши созмонҳои террористии байналмилалӣ рӯбарӯ аст. Аз ин лиҳоз, рушди ҳамкориҳои самарабахши кишварҳои минтақаро ва шарикони байналмилалӣ густариш дода, барои ҳамгироии сиёсати зиддитеррористӣ, стратегияҳои миллӣ ва пайваста мутобиқ кардани

равишҳо ба чолишҳои нав фаъолона корбарӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Осиёи Марказӣ як ҳалқаи муҳимми низоми амнияти байналмилалӣ боқӣ мемонад ва дар мубориза бо таҳдидҳои терроризму экстремизм, ки муносибати ҳамаҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳоро тақозо мекунад, нақши ҳалкунанда мебозад.

ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси хулосабарориҳои илмӣ, пас аз таҳқиқи воқеияти таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ бармеоянд, ки чунин тавсияҳои хосияти амалидошта пешниҳод мегарданд:

– таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар замони муосир тадриҷан ба шароити навин мутобиқ шуда, шаклҳои зоҳиршавии худро тағйир медиҳад. Созмонҳо ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ кӯшиш менамоянд, ки роҳу усулҳои навинро барои татбиқ намудани мақсадҳои худ истифода намоянд. Дар чунин шароит такмили қонунгузорӣ, дарёфти роҳу усулҳои нави мубориза бо ин зуҳурот, ниҳодикунонии фаъолияти зиддитеррористӣ ва пайваста баргузор намудани конференсияҳои сатҳи ҷаҳонӣ барои дарёфти роҳу усулҳои навини мубориза ва мубодилаи таҷриба зарур дониста мешавад. Чунин амалҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад ва онро дар якҷоягӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ идома додан лозим аст;

– бо назардошти таҳдидҳои мавҷудаи созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ, таҳияи рӯйхати ягонаи созмонҳо ва ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷониби кишварҳои минтақа мувофиқи мақсад дониста мешавад. Мавҷуд будани рӯйхати ягона самаранокии фаъолиятҳои зиддитеррористии кишварҳои минтақаро зиёд мегардонад ва натиҷаҳои назаррас ба даст оварда мешавад;

– муборизаи муштарак бар зидди зуҳуротҳои номатлуб ва нобуд сохтани ячейкаҳои хуфтаи онҳо бо истифодаи методҳои муосир дар қаламрави минтақа. Дар ин самт тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ пурзӯр карда шуда, мубодилаи маълумот миёни кишварҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад;

– кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, ҷонибдори истифодаи меъёрҳои ягона дар мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошанд. Ҳукумати мамлакат ва бахусус сарвари давлат бо сиёсати дугонаи фаъолияти зиддитеррористӣ доимо ибрози андеша намуда, онро яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар самти муқовимат бо ин зуҳурот меномад. Бояд дар сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз ин сиёсат ҷонибдорӣ намоянд ва ҳама гуна муносибати дугонаро нисбат ба терроризм ва экстремизм маҳкум созанд;

– таҳлил ва пажӯҳишҳо оид ба терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки ба ифротгароӣ мусоидат мекунанд, муҳим аст. Марказҳо ва институтҳои махсуси илмӣ ташкил намуда, таҳдидҳоро мавриди омӯзиш ва назорат қарор дода, роҳҳои ҳал ва бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад мебошад;

– бо дарназардошти аҳамияти суботу амният дар минтақа, бояд нуфуз ва нақши қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ, назири Россия, ИМА ва Чин ба назар гирифта шавад. Абарқудратҳои болозикр тавассути манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии худ ба амнияти минтақа таъсири назаррас доранд. Дар робита ба ин, ҷалби фаъолонаи ин давлатҳо ба форматҳои минтақавии ҳамкорӣ ва муколама барои таъмини амният муҳим аст. Зарур шуморида мешавад, ки, барои самаранокии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ, СҲШ ва САД роҳу усулҳои нави мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир таҳия карда шаванд, ки дар онҳо кишварҳои минтақа амалҳои худро бо бозигарони бузурги ҷаҳонӣ ҳамоҳанг созанд. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки равобити дипломатӣ бо ин кишварҳо барои ҷилавгирӣ аз таъсири якҷониба ва таъмини мувозинати

манофеъ, ки ба суботи дарозмуддат дар минтақа мусоидат мекунад, тақвият дода шавад;

– ҷанбаи муҳимми таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ истифодаи «неруи нарм» аз ҷониби қудратҳои бузурге чун Россия, ИМА ва Чин дониста мешавад. Ин кишварҳо барои таҳкими нуфузи худ дар минтақа аз василаҳои фарҳангӣ, маориф ва иқтисодӣ фаъолона истифода мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки таҳияи лоиҳаҳои башардӯстона, бурсияҳо барои донишҷӯён, дастгирии чорабиниҳои фарҳангӣ, инчунин татбиқи ташаббусҳои бузурги иқтисодӣ метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои дарозмуддат ва паст кардани сатҳи ифротгароӣ мусоидат кунад. Аз ин лиҳоз, кишварҳои минтақа бояд ҳамкориҳои мутақобиларо бо ин қудратҳо дар самти ҳамкориҳои башардӯстона фаъол созанд ва ҳамзамон ташаббусҳои фарҳангию маърифатии худро барои нигоҳ доштани тавозуни таъсир ва ҳифзи манфиатҳои миллии худ густариш диҳанд.

НОМГӮИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Санадҳои меъёрии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ

[1]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1999, №11, мод. 275.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2003, мод. 655.

[3]. Положение об Антитеррористическом центре государств – участников Содружества Независимых Государств [Электронный ресурс]. – URL: https://www.cisatc.org/132/166/189 (дата обращения: 28.04. 2022 г.)

[4]. Российская Федерация. Федеральный закон «О противодействии терроризму» от 6 марта 2006 г. № 35-ФЗ // Российская газета. – 2006. – 10 марта. – № 4014.

[5]. Соглашение между государствами-членами Шанхайской организации сотрудничества о Региональной антитеррористической структуре. // (Санкт-Петербург, 7 июня 2002 г.). - -// Бюллетень международных договоров. - № 3. - 7 июня 2005 г. - С. 35-41.

[6]. Соглашение о взаимном сокращении вооруженных сил в районе границ от 24 апреля 1997 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=173 (дата обращения: 17.11. 2022 г.)

[7]. Соглашения между ведомствами государств – участников СНГ [Электронный ресурс]. – URL: https://e-cis.info/cooperation/3756/86911/ (дата обращения: 21.05.2021).

[8]. Устав Организации Договора о коллективной безопасности. Кишинев, 7 октября 2002. [Электронный ресурс]. – URL: http://www.dkb.gov.ru/b/azg.htm (дата обращения: 19.05. 2022 г.).

[9]. Хартия Шанхайской организации сотрудничества : Санкт-Петербург, 7 июня 2002 г. : (с изменениями от 15 июня 2006 г.). -// Бюллетень международных договоров. - № 1. - 2007. - С. 8-17.

[10]. Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 14 июня 2001 г. [Электронный ресурс]. – URL: http://kremlin.ru/supplement/3405/ (дата обращения: 15.05.2020).

II. Суханрониҳо, Паёмҳои солона ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

[11]. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Манбаи электронӣ].–URL: http://president.tj/node/10585 (санаи мурочиат: 25.02.2020).

[12]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 16.03.2020).

[13]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 26.02.2020).

[14]. Суханронии Президент дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/speeches/16064 (санаи мурочиат: 12.12.2021).

[15]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/cis/22453 (санаи мурочиат: 11.06.2024).

[16]. Эмомали Рахмон. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе: Контраст, 2019. – 222 с.

[17]. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 676 с.

[18]. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 16 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 576 с.

[19]. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 17 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 576 с.

[20]. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 18 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 576 с.

[21]. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 19 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 576 с.

[22]. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 20 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 424 с.

[23]. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн]. –Душанбе: Ганҷ Нашриёт, 2018. – 436 с.

III. Китобҳо

[24]. Акимбеков, С.М. История Афганистана [Текст] / С.М. Акимбеков. – Алматы: ИМЭП при фонде Первого Президента, 2015. – 847 с.

[25]. Анненков, В.И. Международная безопасность, геополитические и военно-политические аспекты современности [Текст] / В.И. Анненков. – М.: Русавия, 2015. – 511 с.

[26]. Анненков, В.И., Баранов, С.Н., Кононов, Л.А. Теоретические основы ядерной геополитики [Текст] / В.И. Анненков, С.Н. Баранов, Л.А. Кононов. – М.: Русавия, 2012. – 460 с.

[27]. Антонович, И. И., Особенков, О. М., Панкова, Л. Н., Щегорцов, В. А. Международный опыт профилактики терроризма. Предложения в сфере международного взаимодействия по противодействию распространения

идеологии терроризма [Текст] / И. И. Антонович, О. М. Особенков, Л. Н. Панкова, В. А. Щегорцов. – М.: Университетская книга, 2010. – 132 с.

[28]. Арбатов, А. Г. Стратегическая стабильность – оружие и дипломатия [Текст] / А. Г. Арбатов – М.: Весь мир, 2021. – 432 с.

[29]. Барский, Л. Корни и лики террора [Текст] / Л. Барский. – М.: Изд-во ЛКИ, 2013. – 332 с.

[30]. Белокреницкий, В.Я. Движение Талибан и перспективы Афганистана и Пакистана [Текст] / В.Я. Белокреницкий, Р.Р. Сикоев. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – 216 с.

[31]. Борцов, А.Н. 5 лет сотрудничества в борьбе с международным терроризмом. СНГ. Антитеррористический Центр [Текст] / А.Н. Борцов, В.И. Верчагин, А.В. Закутнов. – М.: КВ Паблишер, 2005. – 255 с.

[32]. Васильев, Л. Е. Борьба с терроризмом на пространстве ШОС: Монография [Текст] / Л. Е. Васильев. – М.: ИДВ РАН, 2017. – 216 с.

[33]. Горбунов, К.Г. Терроризм: история и современность. Социально-психологическое исследование [Текст] / К.Г. Горбунов. – М.: Форум, 2012. – 400 с.

[34]. Грачев, С.И. Терроризм. Вопросы теории: монография [Текст] / С.И. Грачев. – Новгород: Изд-во ННГУ, 2007. – 245 с.

[35]. Добаев, И.П., Добаев, А.И., Немчина, В.И. Геополитика и терроризм эпохи постмодерна [Текст] / И.П. Добаев, А.И. Добаев, В.И. Немчина. – Ростов-на-Дону: Изд-во ЮФУ, 2015. – 370 с.

[36]. Долгов, Б.В. Феномен «Арабской весны» 2011-2016 гг.: Причины, развитие, перспективы. Тунис, Египет, Ливия, Сирия, Алжир [Текст] / Б.В. Долгов. – М.: Ленанд, 2017. – 200 с.

[37]. Жаринов, К.В., Тарас, А.Е., ред. Терроризм и террористы: исторический справочник [Текст] / Под общей ред. А.Е. Тараса. – Минск: Харвест, 1999. – 606 с.

[38]. Звягельская, И. Д. Становление государств Центральной Азии. Политические процессы [Текст] / И. Д. Звягельская. – М.: Аспект-Пресс, 2009. – 208 с.

[39]. Зокиров, Г. Н. Зӯроварии сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 132 с.

[40]. Зокиров, Г.Н. *Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди III.* / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 245.

[41]. Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2014. – 53 с.

[42]. Имандосов, С.А. ШОС в новых геополитических реалиях [Текст] / С.А. Имандосов. – Алматы, 2005. – 256 с.

[43]. Имомов, А.Х. Терроризм - форма организованной преступности [Текст] / А.Х. Имомов. – Душанбе, 2003. – 197 с.

[44]. Карамыслова, Е.С. Проблемы и перспективы сотрудничества Таджикистана и России. Монография [Текст] / Е. С. Карамыслова, Ш.Г. Комилов. – М.: Юрайт, 2001. – 320 с.

[45]. Кафтан, В.В. Противодействие терроризму [Текст] / В.В. Кафтан. – 2-е изд. доп. испр. – М.: Юрайт, 2019. –261 с.

[46]. Киссинджер, Г. Дипломатия [Текст] / Г. Киссинджер. – М.: АСТ, 2004. – 942 с.

[47]. Коровиков, А.В. Исламский экстремизм в арабских странах [Текст] / А.В. Коровиков. – М.: Наука, 1990. – 167 с.

[48]. Косиченко, А.Г. и др. Современный терроризм: взгляд из Центральной Азии [Текст] / А.Г. Косиченко и др. – Алматы: Дайк-Пресс, 2002. – 213 с.

[49]. Кочубей, М.А., Мареев, П.Л., Смирнов, А.А., Сутормина, Е.В. Профилактика терроризма и экстремизма в молодежной среде [Текст] / М.А. Кочубей, П.Л. Мареев, А.А. Смирнов, Е.В. Сутормина. – СПб.: ООО «Издательство «Русь», 2018. – 96 с.

[50]. Махмадов, А.Н. Государственная независимость Республики Таджикистан: теория, история и политическая практика [Текст] / А.Н. Махмадов, Л.Л. Хопёрская. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 320 с.

[51]. Млечин, Л.М. Империя террора. От «Красной армии» до «Исламского государства» [Текст] / Л.М. Млечин. – М.: Алгоритм, 2015. – 480 с.

[52]. Молодежный экстремизм и терроризм: Политические формы проявления агрессивности (проблемы обеспечения национальной безопасности) / Под ред. В.В. Черноуса. – Ростов-на-Дону, 2012. – 374 с.

[53]. Муҳаммад, А. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Текст] / А. Муҳаммад. – Душанбе: «Эр-Граф», 2016. – 377 с.

[54]. Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации [Текст] / Д. Назиров. Часть. 1. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 209 с.

[55]. Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации [Текст] / Д. Назиров. Часть 2. – Душанбе: Ирфон, 2009. –328 с.

[56]. Назиров, Д. Противостояние: сборник очерков и рассказов [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе: Эр-Граф, 2014. – 192 с.

[57]. Назиров, Д. Угрозы и вызовы терроризма, религиозного экстремизма странам Центральной Азии, Российской Федерации и КНР [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе: Шучоиён, 2010. – 236 с.

[58]. Наумкин, В. В., Звягельская, И. Д., Войко, Е. В. и др. Интересы России в Центральной Азии: содержание, перспективы, ограничители [Текст] / В. В. Наумкин, И. Д. Звягельская, Е. В. Войко и др. – М.: РСМД, Институт Дальнего Востока, 2013. – 65 с.

[59]. Нашрияи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «25 Қадам дар паҳнои олам» [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 166 с.

[60]. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка. 4-е изд. [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова – М.: А ТЕМП, 2006. – С.785.

[61]. Омаров, Н.М. На пути к глобальной безопасности: Центральная Азия после 11 сентября 2001 года [Текст] / Н.М. Омаров. – Бишкек: Центр ОБСЕ, 2002. – 269 с.

[62]. Панарин, И. Н. Гибридные войны и цветные революции [Текст] / И. Н. Панарин. – М.: Издательство МГИМО, 2020. – 320 с.

[63]. Парамонов, В. В. Взаимоотношения государств Центральной Азии с Россией и Китаем: от теории к практике [Текст] / В. В. Парамонов. – Ташкент, 2023. – 280 с.

[64]. Политологический словарь-справочник [Текст] / Авт.-сост.: Д. Е. Погорелый, В. Ю. Фесенко, К. В. Филипов. – Ростов-на-Дону: ООО Наука-Спектр, 2008. – 265 с.

[65]. Пономарев, В. Ислам Каримов против «Хизб-ут-Тахрир» [Текст] / В. Пономарев. – М., 1999. –82 с.

[66]. Правовые основы обеспечения национальной безопасности, противодействия экстремизму и терроризму Республики Таджикистан: информационно-справочное пособие. / Сост.: А.С. Рахмонов, О.В. Кравченко, Д.С. Насков, Д.А. Рахмонзода. – Душанбе, РТСУ, 2018. – 287 с.

[67]. Примаков, Е. Конфиденциально: Ближний Восток на сцене и за кулисами [Текст] / Е. Примаков. – М.: Изд-во «Российская газета», 2012. – 414 с.

[68]. Прокопенко, И. Терроризм от Кавказа до Сирии [Текст] / И. Прокопенко. – М.: Эксмо, 2016. – 512 с.

[69]. Раҳнамо, А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусият ва дурнамои таъсирпазирӣ [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2015. –256 с.

[70]. Россия и Центральная Азия: новые перспективы : материалы междунар. науч. конф., посвященной 25-летию установления дипломатич. отношений между Россией и государствами Центральной Азии (Москва, 14 июня 2017 г.) / отв. ред. А.Л. Чечевишников. – М.: МГИМО-Университет, 2018. – 251 с.

[71]. Савельев, С.В. Терроризм–прибыльный бизнес для его организаторов [Текст] / С.В. Савельев. – М.: ИДВ РАН, 2009. –164 с.

[72]. Саидов, З. Внешняя политика Президента Эмомали Рахмонова [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 240 с.

[73]. Саидов, З. Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене [Текст] / З. Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.

[74]. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: «Контраст», 2019. – 244 с.

[75]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография [Матн] / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 420 с.

[76]. Словарь иностранных слов [Текст]. – 12-е изд. – М.: Стереотип, 1985. – 608 с.

